**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМИИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН**

**Ба ҳуқуқи дастнавис**

**ВБД: 371:373+9(575.3)**
**ТКБ: 74.200:74.2+63.3**
**М - 47**

**МАҶИДЗОДА ҶАМШЕД СУНАТУЛЛО**

# ҶАНБАҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ ИТТИЛООТИЮ МАЪРИФАТИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ 10-11 ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК

**ДИССЕРТАТСИЯ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси: 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 – Назария ва методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ)**

**Роҳбари илмӣ: Махкамов Дастам –**
**номзади илмҳои педагогӣ, дотсент**

**ДУШАНБЕ – 2025**

## МУНДАРИҶА

**Муқаддима**......................................................................................... 3
**БОБИ I. ҶАНБАҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ ТАВОНОИИ МАЪРИФАТИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФИ 10-11-и МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ ДАР РАВАНДИ ОМӮЗИШИ ФАННИ ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК**
1.1. Ташаккули салоҳияти таърихии хонандагони синфи 10-11, ҳамчун мушкилоти педагогӣ..................................................... 19
1.2. Мавқеи стандарт, барнома ва китоби дарсӣ дар ташаккули маданияти башардӯстонаи хонандагони синфи 10-11 тавассути омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик......................................... 34
1.3. Таърихи халқи тоҷик - мактаби худшиносӣ ва ифтихори миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ................ 49
**БОБИ II. ҶАРАЁНИ ПЕДАГОГӢ-ПСИХОЛОГИИ ТАШАККУЛИ ТАВОНОИИ МАЪРИФАТИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ Х-Х1 ДАР РАВАНДИ ҶАҲОНИШАВӢ**
2.1. Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳияти таърихии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.................... 74
2.2. Таълими таърихи халқи тоҷик - омилии асосии ташаккулдиҳандаи салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии хонандагон.......................................................................... 94
2.3. Омилҳои объективӣ ва субъективии ташаккул додани салоҳияти хонандагони синфи 10-11 тавассути омӯзиши таърихи халқи тоҷик......................................................................... 113
**БОБИ III. ҶАНБАҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ УМУМИФАННӢ ВА ФАННӢ, МАВЗУӢ ДАР РАВАНДИ ОМӮЗИШИ ФАННИ ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК**
3.1. Салоҳиятҳои умумифаннӣ ва фаннию мавзуӣ дар раванди омӯзиши таърихи халқи тоҷик дар синфҳои 10-11-и муассисаҳои ҳамагонӣ......................................................................... 137
3.2. Технология ва методҳои ташаккули салоҳияти таълимии хонандагони синфи 10- 11 дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ........................................................................... 148
3.3. Корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи ҳамагонӣ тавассути омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик......................................................................... 163
**ХУЛОСАИ УМУМӢ**............................................................ 189
**Рӯйхати адабиёт**............................................................ 194

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Таҳаввулоти густурдаи ҷомеаи иттилоотии муосир, ки хоси он рушди арзишҳои гуманистӣ ва эҷоди фазои маърифатӣ мебошад, зарурати бознигарӣ ва таҳкими омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷикро ба миён мегузорад. Дар ин раванд, таърихи миллӣ на танҳо ҳамчун маҷмӯи рӯйдодҳои гузашта, балки ҳамчун манбаи худшиносӣ, тавонбахшии иҷтимоӣ ва таҳкими ҷаҳонбинии танқидӣ нақши калидӣ мебозад. Омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик ба ташаккули шахсиятҳое мусоидат менамояд, ки дорои тафаккури танқидӣ, қобилияти таҳлили воқеӣ ва ҷаҳонбинии фарогир мебошанд, ки ин омилҳо барои ҳалли масъалаҳои мураккаби иҷтимоӣ ва маърифатӣ аҳамияти ҳалкунанда доранд.

Дар шароити афзоиши таъсири ахбори омма, рақобати арзишҳо ва таҳдидҳои ҳувиятшиносӣ, ба донишомӯзон зарур аст, ки салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии устуворро касб намоянд. Чунин салоҳиятҳо ба онҳо имкон медиҳанд, ки дар фазои иҷтимоӣ ва фарҳангии тағйирёбанда нақши фаъоли созанда дошта бошанд, дар таҳкими пояҳои маънавии ҷомеа саҳмгузор бошанд ва дар барқарорсозии мувозинати иҷтимоию сиёсӣ бо масъулияти баланди шаҳрвандӣ ширкат варзанд.

Маҳз дар ҳамин замина, таълиму тарбияи таърихӣ ҳамчун омили муҳими ташаккули масъулияти миллӣ ва ҷаҳонбинии стратегии насли ҷавон баромад мекунад. Таърих на танҳо воситаи дарк ва ҳифзи мероси миллӣ, балки инчунин заминаи тарбияи шахсиятест, ки ба арзишҳои истиқлолият, худмуайянкунӣ ва ватандӯстӣ содиқ боқӣ мемонад.

Муҳимияти фанни таърихи халқи тоҷик дар он ифода меёбад, ки омӯзиши он ба шаҳрвандон имкон медиҳад на танҳо шиносоии рӯйдодҳоро аз бар кунанд, балки маънии онҳоро дар контексти замони муосир дарк намоянд. Барои ҷомеаи Тоҷикистон, ки дорои сохти иҷтимоии гуногунмиллатӣ ва дар марҳилаи таҳкими ҳувияти миллист,

дарки амиқи таърих, хусусан дар сатҳи таҳсилоти умумӣ, ба унвони кафолати рушди устувор ва суботи ҷомеа арзёбӣ мегардад.

Бо вуҷуди муҳимияти фанни таърихи халқи тоҷик дар низоми таҳсилоти умумӣ, то ба имрӯз барномаҳо ва китобҳои дарсии мутобиқ ба талаботи муосири таълим ва бе мушкилоти мазмунӣ ва услубӣ пурра таҳия нашудаанд. Ин ҳолат на танҳо ба сифати дарки таълимӣ таъсир мерасонад, балки дар бисёре аз мавридҳо ба коҳиши шавқ ва иштироки фаъолонаи хонандагон дар раванди таълимӣ низ боис мегардад.

Ҷустуҷӯи роҳҳои баланд бардоштани сатҳи таълими таърих, махсусан таърихи халқи тоҷик, айни замон дар сиёсати давлатии соҳаи маориф ҳамчун самти афзалиятнок эътироф шудааст. Бо вуҷуди он ки дар ин самт баъзе қадамҳои умедбахш гузошта шудаанд, ниёз ба ислоҳоти чуқури мазмунӣ, методӣ ва технологӣ то ҳол боқӣ мондааст.

Дар ҳамин замина, ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагони синфҳои болоии мактаби миёна – ҳамчун яке аз ҳадафҳои асосии таълими таърих – на танҳо масъалаи педагогӣ, балки масъалаи стратегӣ дар тарбияи насли соҳибтафаккур ва масъулиятшинос мебошад. Омӯзиши фанни “Таърихи халқи тоҷик” дар синфҳои 10–11 метавонад заминаи воқеӣ барои ташаккули ҷаҳонбинии миллию шаҳрвандӣ гардад, агар онро ба таври мақсаднок ва бо риояи принсипҳои педагогикаи муосир амалӣ намоем.

Боиси нигаронист, ки дар илми педагогика, махсусан дар доираи таҳқиқоти ватанӣ, масъалаи ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагон дар раванди омӯзиши таърихи халқи тоҷик то ба имрӯз дар шакли ҳамаҷониба ва таҳлилӣ коркард нашудааст. Ин холигии назариявӣ ва амалӣ, моро, ҳамчун муҳаққиқ, водор месозад, ки мавзуи мазкурро ҳамчун самти мустақили таҳқиқотӣ интихоб намоем ва ба таҳияи асосҳои илмӣ-методии он иқдом кунем.

Ҳамин тавр, ҳадаф аз ин таҳқиқот он аст, ки ба таҳкими назарӣ ва амалии раванди ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатии

хонандагон мусоидат намоем, то ки ин раванд бо талаботи таълиму тарбияи муосир ва ниёзҳои стратегияи миллии рушди маориф мутобиқ гардад.

**Дараҷаи омӯзиши мавзуи илмӣ.** Асосҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагони синфҳои 10–11 дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар тадқиқоти як қатор муҳаққиқони маъруф инъикоси назариявӣ ёфтаанд. Аз ҷумла, ҷанбаҳои марбут ба ин мавзуъ дар осори В. Х. Альфонсов [2, с. 18], Л. С. Выготский [21, с. 27], Л. А. Гордон [25, с. 41–51], А. Г. Ковалев [42, с. 50–70], Г. И. Щукина [116, с. 223], инчунин дар таҳқиқоти муҳаққиқи ватанӣ М. Шайхов [110, с. 28] мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтаанд.

Масоили марбут ба робита, имкони қабул ва инкишофи салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагон дар таҳқиқоти як қатор олимон мавриди омӯзиши ҷиддӣ қарор гирифтааст. Аз ҷумла, андешаҳои И. Г. Антонова [6, с. 21], С. П. Крягжде [44, с. 144], А. М. Матюшкин [58, с. 29–33], В. С. Юркевич [120, с. 76], Г. И. Щукина [119, с. 351] ва дигар муҳаққиқон заминаи илмӣ барои дарки равандҳои қабул ва рушди салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатӣ дар муҳити таълимии мактаби миёнаро фароҳам овардаанд.

Муносибатҳои педагогӣ ва шароитҳои рушди салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар таҳқиқоти як қатор муҳаққиқони маъруфи соҳаи педагогика ва психология мавриди омӯзиши амиқ қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, дар осори А. А. Бадалов [8, с. 5–18], В. Г. Иванов [40, с. 426], А. М. Матюшкин [57, с. 5–17], В. И. Лозова [55, с. 131], А. А. Бодалева [67, с. 144], К. К. Гиев [23, с. 3–20], Б. М. Теплов [92, с. 125], В. С. Троненко [95, с. 85–89], Т. И. Шамова [108, с. 68], И. Г. Шапошникова [111, с. 102], Г. И. Щукина [116, с. 230] ва М. Р. Раджабова [70, с. 118] паҳлуҳои гуногуни ташаккули салоҳият ва омилҳои таъсиррасон ба рушди маърифатии хонандагон баррасӣ шудаанд.

Дар радифи муҳаққиқони хориҷӣ ва рус, олимони тоҷик низ дар самти омӯзиши таърихи педагогика ва масоили марбут ба ташаккули

салоҳиятнокии хонандагон саҳми назаррас гузоштаанд. Аз ҷумла, корҳои илмии академик М. Р. Раджабов [70, с. 180], Х. С. Афзалов [123, с. 110], Р. И. Ходжимухамедов, М. Р. Шукурова, М. Арипов, Р. Я. Хамидов, З. А. Абасов [1, с. 16], И. Х. Каримова [112], Б. Р. Раҳимов, Б. Қ. Қодиров, В. Ч. Ревазов [74, с. 21], Д. Н. Латипов ва дигарон масъалаҳои рушди таълими таърих ва мазмуни он дар мактабҳои таҳсилоти умумиро равшан сохтаанд.

Мавзуи таҳқиқи мазкур, дар баробари аҳамияти амалӣ ва методии худ, наметавонист аз диққати муҳаққиқони ватании соҳаи педагогика дур монад. Муҳаққиқон чун М. Лутфуллозода [52, с. 164], Ф. Шарифзода [112, с. 164], И. Х. Каримова [112, с. 283], Т. Шукуров [113, с. 50], Х. Буйдаков [15, с. 427], Т. Н. Зиёзода [37, с. 19], Ҳ. Пирумшоев ва М. Шайхов [110, с. 28] дар таҳқиқоти худ масоили ташаккули дониш, малака ва маҳорати таърихии хонандагонро то андозае мавриди баррасӣ қарор додаанд. дараҷаи

Бо вуҷуди саҳми арзандаи тадқиқоти зикршуда дар рушди илми педагогика, то имрӯз мавзуи махсуси ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагони синфҳои 10–11 дар раванди омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик ҳамчун самти мустақили таҳқиқоти илмӣ мавқеи устувор пайдо накардааст.

Ин ҳолат зарурати таҳқиқи мақсадноки ин масъала ва таҳияи модели педагогии таълимии мувофиқ ба шароити муосирро тақозо менамояд, ки ба талаботи стратегияи миллии рушди маориф ва тамоюлҳои ҷаҳонии таҳсилот ҷавобгӯ бошад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳа) ва ё мавзуҳои илмӣ**

Мавзуи таҳқиқоти мазкур бо як қатор барномаҳои стратегии давлатӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи маориф иртиботи мустақим дорад ва дар доираи ҳадафҳои онҳо воқеияти методологӣ ва амалӣ пайдо мекунад. Аз ҷумла, таҳқиқот бо корҳои илмию таҳқиқотии шуъбаи фанҳои гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, «Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ

ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2018–2022» (Қарори Ҳукумати ҶТ), «Стандарти давлатии маълумоти миёнаи умумӣ» (2009), «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (Қарори Ҳукумати ҶТ аз соли 2020, таҳти № 526) ҳамбастагии назаррас дорад.

Ғайр аз ин, ин тадқиқот дар рӯйкарди худ бо «Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020–2030», «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (тасдиқшуда бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 3.03.2006, № 6), ҳамчунин бо самтҳои мазмунӣ ва маънавии озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ва «Илм – фурӯғи маърифат» дар як пайвасти методӣ ва тарбиявӣ қарор дорад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот:** Асоснок намудани ҷанбаҳои педагогии ташаккул ва рушди салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагони синфҳои 10–11-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро дар раванди омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик.

**Вазифаи таҳқиқот:**

1. Ҷанба ва мазмуни салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатиро дар заминаи адабиёти илмии педагогӣ ва психологияи таълим муайян намудан, инчунин равшан сохтани хусусиятҳои онҳо дар шароити таҳсилоти миёнаи умумӣ.

2. Муайян намудани нақши фанни таърихи халқи тоҷик ҳамчун заминаи методӣ ва мазмунӣ барои ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ.

3. Ҷудо намудани шаклҳо, методҳо ва технологияҳои таълими инноватсионӣ, ки барои ташаккули самараноки салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагон дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик мусоидат мекунанд.

4. Мушаххас сохтани шароитҳо ва омилҳои педагогӣ, психологӣ ва

ташкилӣ, ки таъсири мустақим ба ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатӣ доранд ва таҳияи тавсияҳо барои такмили муҳити таълимӣ.

5. Коркард ва озмоиши модели педагогии ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагон дар асоси таҷрибаомӯзии озмоишӣ ва арзёбии натиҷаҳои он бо усулҳои миқдорӣ ва сифатӣ.

6. Умумигардонии натиҷаҳои таҳқиқот ва таҳияи тавсияҳои илмӣ-амалӣ барои омӯзгорон, таҳиягарони барномаҳо ва муассисаҳои таълимӣ ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии омӯзиши таърих дар заминаи салоҳиятнокӣ.

**Объекти таҳқиқот –** раванди таълими хонандагони синфҳои 10–11 дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шароити татбиқи равиши салоҳиятнокӣ, хусусан дар доираи фанни таърихи халқи тоҷик.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот** пайдо намудани ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагони синфҳои 10–11 дар раванди омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик.

**Фарзияи таҳқиқот:** Салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагони синфҳои 10–11 дар раванди омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик самаранок ташаккул меёбанд, агар:

1. Дастрасӣ ба усулҳои интерактивӣ ва бозиҳои нақшӣ-эҷодӣ бо дарназардошти хусусиятҳои синнусолӣ ва фардии хонандагон таъмин гардад;

2. Муҳити таълимии ҳамкорӣ, ки фаъолияти маърифатии хонандагонро ҳавасманд месозад ва робитаҳои иҷтимоии онҳоро инкишоф медиҳад, амалӣ гардад;

3. Қонуниятҳои педагогӣ ва психологии инкишофи салоҳиятҳо дар тамоми марҳилаҳои таълим ба инобат гирифта шаванд;

Фаҳмиши устувори воқеаҳои таърихӣ тавассути истифодаи технологияҳои муосири таълим дар хонандагон ташаккул дода шавад.

Дар асоси ин фарзия, тадқиқот ба ҳалли вазифаҳои зерин нигаронида мешавад:

– гузаронидани таҳлили назариявии салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагон ҳамчун ҷузъи таркибии рушди шахсӣ;

– ташкили равандҳои омӯзиши таърих бо истифода аз шаклҳои гуногуни фаъолнок ва маърифатии таълим;

– муайянсозии омилҳои коҳиши самаранокии ташаккули салоҳиятҳо ва пайдоиши мушкилот;

– санҷиши таҷрибавии сатҳи ташаккулёфтагии салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатӣ дар муҳити воқеии таълимӣ.

**Марҳилаҳои асосии таҳқиқот**. Таҳқиқот дар се марҳилаи пайдарпай амалӣ гардид:

**Марҳилаи якум (солҳои 2022 - 2023) –** дар ин марҳила таҳлили муфассали адабиёти илмӣ-методӣ, фалсафӣ, педагогӣ, психологӣ, иҷтимоӣ ва илмӣ-техникӣ оид ба масъалаи мавриди таҳқиқ анҷом дода шуд. Заминаҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот муайян ва мушаххас гардида, ҷанбаҳои инфиродӣ ва гурӯҳии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди мушоҳидаҳои ибтидоӣ таҳлил шуданд. Ҳамзамон, фарзияи корӣ мукаммал гардонида шуда, барномаи таҷрибавӣ-озмоишии тадқиқот таҳия гардид.

**Марҳилаи дуюм (солҳои 2023 - 2024)** - ин марҳила марбут ба татбиқи амалӣ ва таҷрибавии тадқиқот буда, баргузории озмоишҳои констатсионӣ ва мониторингӣ, назарпурсиҳо ва муқоисаи усулҳои гуногуни таълим дар заминаи равиши салоҳиятнокӣ ба роҳ монда шуд. Натиҷаҳои муваққатии тадқиқот ба таври миқдорӣ ва сифатӣ ҷамъоварӣ гардида, самаранокии модели пешбинишуда арзёбӣ гардид.

**Марҳилаи сеюм (солҳои 2024-2025)** - Дар ин марҳила маводи бадастомада таҳлил ва умумигардонӣ шуда, натиҷаҳои таҷрибавӣ ба низоми илмӣ ворид гардиданд. Муқаррароти назариявии таҳқиқот асоснок карда шуда, хулосаҳо ва тавсияҳои илмӣ-амалӣ таҳия гардиданд. Дар асоси маълумоти ҷамъоваришуда, матни ниҳоии диссертатсия омода ва шакл дода шуд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот**

Таҳқиқот бар пояи як қатор заминаҳои методологӣ анҷом дода шудааст, ки инҳоянд:

- Принсипҳои диалектикии рушди фард ва ҷомеа, ки ҷараёни ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии шахсро ҳамчун равандҳои пайвастаи мутараққӣ ва системавӣ шарҳ медиҳанд;

- Андешаҳои фалсафии омӯзгорӣ ва маърифат, ки дар мероси илмии мутафаккирони бузурги Шарқ (Ибни Сино, Форобӣ, Берунӣ ва дигарон) дар бораи аҳамияти худшиносӣ, донишандӯзӣ ва фаъолияти маърифатии инсон инъикос ёфтаанд;

- Назарияҳои муосири педагогӣ ва психологӣ оид ба инкишофи салоҳиятнокӣ, салоҳиятҳои умумӣ ва хоса, ташаккули қобилиятҳои маърифатӣ ва иҷтимоӣ дар муҳити таълимӣ (Л. С. Выготский, А. Н. Леонтьев, В. В. Давыдов, И. С. Якиманская ва дигарон);

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф, аз ҷумла:

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»;

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълим ва тарбияи фарзанд»;

– «Консепсияи миллии маълумот» ва «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

– «Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон».

Асосҳои зикршуда ҳамчун заминаи назариявӣ барои таҳия, татбиқ ва арзёбии равандҳои педагогии марбут ба ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагон хидмат мекунанд.

**Асоси назариявии таҳқиқот**

Асоси назариявии таҳқиқотро таҳлили ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагони синфҳои 10–11 дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик ташкил медиҳад. Ин асос дар бар мегирад:

- таҳлили моҳият ва сохтори мафҳуми «салоҳиятнокии иттилоотӣ-маърифатӣ» ҳамчун ҷузъи таркибии қобилиятҳои таълимии хонандагон;

- омӯзиши хусусиятҳо ва зуҳуроти фаъолияти маърифатии хонандагон дар ҷараёни таълим;

- ташаккули иқтидори маърифатии шахс тавассути муҳити таълимии салоҳиятмеҳвар.

**Таҳқиқот дар асоси назарияҳои зерин ба роҳ монда шудааст:**

- Назарияи ягонаи ҷараёни педагогӣ, ки аз ҷониби Ю. К. Бабанский [7], В. Н. Дружинин [34], В. И. Загвязинский [36] рушд дода шудааст;

- Назарияи инкишофи психологии синнусолӣ, асоснокшуда тавассути корҳои Н. Г. Дайри [28] ва Л. А. Ясюкова [122];

- Назарияи муносибати вазифавӣ ба таълим, ки аз ҷониби И. Я. Лернер [51] пешниҳод гардидааст;

- Консепсияи инсонгароёнаи мутафаккирони Шарқ (Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Абӯалӣ ибни Сино, А. Ҷомӣ, Берунӣ, Унсурулмаолии Кайковус, Хайём ва дигарон), ки бар мабнои ақидаи «шахсияти комил» ва «маърифат ҳамчун маҳсул ва на мерос» қарор дорад.

Ин заминаи назариявӣ барои таҳлили системавии равандҳои педагогӣ ва омӯзиши механизми ташаккули салоҳиятнокии иттилоотӣ-маърифатӣ дар муҳити таълими фанни таърих заминаи муҳими методологӣ фароҳам овардааст.

**Сарчашмаҳои таҳқиқот:**

Таҳқиқоти мазкур бар пояи сарчашмаҳои гуногун, ки ба масъалаи мавриди омӯзиш марбутанд, асос ёфтааст. Ба сарчашмаҳои асосии таҳқиқот инҳо шомил мешаванд:

- Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф, аз ҷумла: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Консепсияи миллии маълумот, Консепсияи миллии тарбия, Стандарти давлатии таҳсилот ва дигар ҳуҷҷатҳои стратегӣ, ки самтҳои рушди таҳсилот ва ташаккули салоҳиятҳоро танзим мекунанд;

- Осори илмии олимони муосири тоҷик, рус ва ғарбӣ оид ба мазмун, ҳадаф ва методикаи таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;

- Таҳқиқоти илмии муосир дар бораи моҳият, сохтор ва механизми ташаккул ва инкишофи салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагон, ки аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ (тоҷик, рус, ғарбӣ) анҷом дода шудаанд;

- Таҳлил ва омӯзиши таҷрибаи амалии омӯзгорони фанҳои ҷамъиятӣ, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Тоҷикистон фаъолият мекунанд, аз ҷумла педагогҳои пешқадам ва таҷрибаҳои ҷудогонаи муассир дар дарсҳои таърихи халқи тоҷик;

- Асарҳо ва назарияҳои бунёдии соҳаи педагогика, психология ва методикаи таълим, ки заминаи илмӣ ва амалии рушди қобилиятҳои маърифатии хонандагонро муайян месозанд.

**Заминаи эмперикӣ:**

Заминаи эмпирикии таҳқиқотро маҷмӯи амалҳои таҷрибавӣ ташкил медиҳад, ки бо иштироки бевоситаи муҳаққиқ ва субъектҳои таҳқиқ (хонандагон ва омӯзгорон) дар шароити воқеии таълим амалӣ гардиданд. Марҳилаҳои асосии ин замина иборатанд аз:

- Таҳияи барномаи озмоишӣ-тадқиқотӣ, ки дар он ҳадафҳо, шаклҳо, марҳилаҳо ва индикаторҳои самаранокии ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатӣ мушаххас гардиданд;

- Татбиқи мушоҳидаҳои педагогӣ ва озмоишҳои констатсионӣ, ки дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик сурат гирифта, рафтор, иштироки фаъол ва қобилияти маърифатии хонандагонро дар муҳити воқеӣ арзёбӣ намуданд;

- Истифодаи маҷмӯи усулҳои эмпирикӣ, ба монанди:

- саволномагузаронӣ ва мусоҳиба;
- мушоҳидаи мустақим;
- озмоишҳои муқоисавӣ ва ташхисӣ;

- усулҳои муқоисавӣ-таҳлилӣ, таҳлили мундариҷаи натиҷавӣ;
- таҳлили микдорӣ ва сифатии маълумот бо истифода аз моделҳои оморӣ;

- Ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилооти эмпирикӣ, ки дар шакли нишондиҳандаҳои микдорӣ (маълумоти оморӣ) ва сифатӣ (мушоҳидаҳои контекстӣ) ифода ёфта, ба ташаккули далелҳои илмии таҳқиқот замина гузоштанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот**

Пойгоҳи таҷрибавии таҳқиқотро муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд, ки таҳқиқот дар онҳо мустақиман ба роҳ монда шудааст. Аз ҷумла:

- Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 28 шаҳри Душанбе;

- Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№ 7, 12 ва 177 ноҳияи Рӯдакӣ.

Дар раванди озмоиши педагогӣ беш аз 300 нафар хонандагони синфҳои 10–11, 10 нафар омӯзгорони фанни таърих ва 54 нафар падару модар (волидон) иштирок намуданд.

**Навоварии илмии таҳқиқот:**

Навоварии илмии таҳқиқоти мазкур дар он зоҳир мегардад, ки:

- бори аввал масъалаи ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагони синфҳои 10–11 дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик ба таври махсуси илмӣ мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор гирифтааст;

- мазмуни мафҳумҳои «салоҳиятнокии иттилоотӣ-маърифатӣ» дар заминаи таълими фанни таърих дақиқ гардида, сохтор ва ҷузъиёти таркибии он (компонентҳо: донишӣ, маърифатӣ, арзишӣ, амалӣ ва иҷтимоӣ) муайян карда шудааст;

- модели педагогии ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик тахия гардида, заминаи амалӣ барои татбиқи он пешниҳод шудааст;

- шартҳо ва механизмҳои педагогию психологӣ-и самараноки ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагон дар синфҳои болоӣ муайян ва асоснок гардидаанд;

- маҷмӯи усулҳои эмпирикӣ барои ташхис, арзёбӣ ва рушди ин салоҳиятҳо дар муҳити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мутобиқ ва такмил дода шудаанд;

- меъёрҳои баҳодиҳии рушди салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатӣ таҳия ва дар озмоиши амалӣ санҷида шудаанд.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагони синфҳои 10–11 дар таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар заминаи методологӣ ва назариявӣ асоснок мегардад.

2. Омӯзиши таърихи халқи тоҷик дар асоси равиши салоҳиятмеҳвар шароити рушди малакаи таҳлилӣ ва қобилияти иттилоотии хонандагонро фароҳам меорад.

3. Ҷанбаҳои психологӣ ва педагогӣ дар инкишофи салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагон нақши калидӣ доранд.

4. Модели пешниҳодшудаи ташаккули салоҳиятнокӣ дар шароити озмоишӣ самаранокии худро нишон додааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот**

**Аҳамияти назариявӣ**-и таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки:

- мафҳуми «салоҳиятнокии иттилоотӣ-маърифатии хонандагон» барои марҳилаи синфҳои болоии таҳсилоти миёнаи умумӣ дақиқ ва систематикӣ шарҳ дода шудааст;

- структураи методологӣ ва психолого-педагогии ин салоҳиятҳо таҳлил гардида, ҷузъҳои асосии он (иттилоотӣ, маърифатӣ, таҳлилӣ, арзишӣ ва амалии иҷтимоӣ) асоснок шудаанд;

- модели педагогии ташаккули салоҳият таҳия ва пешниҳод шудааст, ки метавонад заминаи рушди минбаъдаи методикаи таълими таърих гардад.

**Аҳамияти амалӣ**-и таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки:

- модели озмоишии ташаккули салоҳиятҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити воқеӣ санҷида шудааст;

- усулҳо, шаклҳо ва технологияҳои таълимӣ, ки барои баланд бардоштани сатҳи иттилоотӣ-маърифатии хонандагон самаранок арзёбӣ шудаанд, метавонанд дар амалияи омӯзиши таърихи халқи тоҷик васеъ истифода гарданд;

- меъёрҳо ва индикаторҳои арзёбӣ барои ташаккули салоҳиятнокӣ тарҳрезӣ ва санҷида шудаанд, ки метавонанд ҳамчун абзори ташхис ва назорат дар муассисаҳои таълимӣ истифода шаванд.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои омӯзгорон, методистҳо, таҳиягарони барнома ва роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ҳамчун заминаи амалии рушди сифати таълим истифода шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаи таҳқиқот**

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо унсурҳои зерин асоснок мегардад:

- асосҳои мустаҳками методологӣ, ки таҳқиқот бар он бунёд ёфтааст, аз ҷумла татбиқи принсипҳои муносибати салоҳиятмеҳвар ва равишҳои муосири психолого-педагогӣ;

- мустаҳкамии назариявии фарзияи таҳқиқот, ки дар асоси таҳлили манбаъҳои илмии дохилӣ ва хориҷӣ таҳия гардида, бо таваҷҷуҳ ба хусусиятҳои синнусолӣ ва шахсияти хонандагон такмил дода шудааст;

- истифодаи маҷмӯи усулҳои гуногуни таҳқиқоти эмпирикӣ (мушоҳида, саволнома, мусоҳиба, озмоиши муқаддимавӣ ва ташреҳӣ), ки натиҷаҳоро аз ҷиҳати сифатӣ ва миқдорӣ тасдиқ менамоянд;

- фарогирии васеи гурӯҳҳои иштирокчӣ, аз ҷумла беш аз 300 нафар хонанда, 10 омӯзгор ва 54 волидайн, ки таҳлилро дар сатҳи оморӣ боэътимод гардониданд;

- санҷиш ва тасдиқи таҷрибавии модели пешниҳодшуда дар шароити

муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муқоисаи натиҷаҳо бо таҳқиқотҳои пешина ва такроршавии элементҳои натиҷа дар марҳилаҳои гуногуни озмоиш, ки аз устувории натиҷаҳо шаҳодат медиҳанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**

Мазмуни диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 – Назария ва методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ) пурра мутобиқ мебошад:

***Банди 1 – Методологияи таҳқиқоти педагогӣ:*** истифодаи усулҳои таҳлили назариявӣ, мушоҳида, озмоиш, саволнома ва таҳлили эмпирикӣ, ки ба асоснокии илмии таҳқиқот мусоидат менамояд.

***Банди 6 – Консепсияи таҳсилот:*** татбиқи равандҳои инноватсионӣ ва технологияҳои интерактивӣ дар таълими фанни таърихи халқи тоҷик, арзёбии салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатӣ.

***Банди 7 – Педагогикаи амалӣ:*** баргузории озмоишҳои таҷрибавӣ дар муассисаҳои таълимӣ, таҳлили таҷрибаи амалии омӯзгорон ва пешниҳод намудани тавсияҳои методӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**

Саҳми шахсии довталаб дар таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаҳои вобаста ба таҳқиқот; дар пажўҳиши дурусти таҳқиқотҳои назариявӣ ва амалӣ, гирдоварию таҳлили маводҳо; дар истифодаи силсилаи усул ва методҳо вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот; дар заминаи кори таҷрибавӣ- озмоишӣ ва тасдиқи амалии муқаррароти кори илмӣ, дар давоми озмоиш, таҳлили натиҷаи коркарди маводҳои таҷрибавӣ, таҳия ва ба нашр расонидани мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, конференсияҳо, ҳамоишҳои илмию амалӣ, ҷамъбасти натиҷаи аз таҳқиқоти бадастомада, таҳияи диссертатсия инъикос меёбад.

**Тавсиф ва амалисозии натиҷаи таҳқиқот**

Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур дар раванди омўзиши фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №28-и шаҳри

Душанбе ва №№7, 12, 177-и ноҳияи Рӯдакӣ татбиқ гардиданд. Барномаи озмоишии таҳияшуда бо ҷалби хонандагон, омӯзгорон ва волидон самаранокии худро дар ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагони синфҳои 10–11 нишон дод.

Технологияҳои таълимии пешниҳодшуда ва шаклҳои нави кори синфӣ ва беруназсинфӣ, ки дар раванди озмоиш истифода шуданд, мавриди истиқболи омӯзгорон қарор гирифта, ба такмили равандҳои таълим мусоидат намуданд. Баъзе тавсияҳои таҳқиқот дар машғулиятҳои методии омӯзгорони фанҳои ҷамъиятӣ мавриди баррасӣ ва татбиқ қарор гирифтанд.

Маводи асосии таҳқиқот дар шакли мақолаҳои илмӣ нашр шуда, дар конференсияҳо ва ҳамоишҳои илмӣ-амалӣ муаррифӣ гардидаанд. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд барои такмили барномаҳои таълимӣ, таҳияи васоити методӣ ва беҳтарсозии сифати таълими таърих истифода шаванд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода намуда, дар 8 номгӯи мақолаҳои илмӣ, ки 6 номгӯи он дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳрести тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 номгӯй мақолаҳо дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ба табъ расидааст.

**Сохтори диссертатсия:** Дисертатсия аз муқаддима, се боб, нух зербоб, хулоса, феҳристи адабиёт ва рӯйхати манобеи дигар, дар маҷмуъ аз 197 саҳифаи чопи компюторӣ иборат мебошад.

## БОБИ I. ҶАНБАҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ ТАВОНОИИ МАЪРИФАТИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФИ 10-11-и МУАССИСАҲОИ

# ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ ДАР РАВАНДИ ОМӮЗИШИ ФАННИ ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК

## 1.1. Ташаккули салоҳияти таърихии хонандагони синфи 10-11, ҳамчун мушкилоти педагогӣ

Масъалаи тавоноии маърифатии хонандагони синфҳои 10–11-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ яке аз самтҳои калидии таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ на танҳо дар илми педагогика, балки дар илмҳои ба он наздик ба шумор меравад. Омӯзиши раванд ва шартҳои ташаккули салоҳиятнокии иттилоотӣ-маърифатии хонандагон дар ин синну сол, имрӯз ба маркази таваҷҷуҳи зиёди мутахассисон — аз ҷумла омӯзгорон, методистон ва пажӯҳишгарони Академияи таҳсилоти Тоҷикистон табдил ёфтааст.

Проблемаи мазкур дорои решаҳои амиқи таърихист ва ҳанӯз аз замонҳои қадим таваҷҷуҳи файласуфон, омӯзгорон, психологон ва намояндагони адабиёти бадеӣ ва фарҳангиро ба худ ҷалб намудааст [3, с. 138].

Муносибати босалоҳият ба таълим шароити заруриро барои ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагон фароҳам оварда, онҳоро ба таҳсилоти касбӣ ва ҳаёти мустақилона омода месозад. Татбиқи ин равиш дар таълими фанни таърихи халқи тоҷик ба дарки амиқи равандҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеа мусоидат менамояд.

Аткинсон Р қайд менамояд: «Таълими анъанавӣ диққати бештарро ба инкишоф додани хотираи ҳонандагон талаб менамояд, лекин таълими муосир бошад на ба хотира, балки ба инкишофи тафаккур диққати бештар медиҳад. Дар ҳақиқат дар раванди омӯзиши фанни таърих хотира дар ҷойи аввал меистад. Хотира қобилияти эҷодӣ, мустақилият, фаъолии хонандагонро метавонад баланд бардорад. Миқдори ахбору маълумоти пешниҳодшаванда нисбат ба қобилияту иқтидори азхудкунии онҳо ниҳоят зиёд мебошад» [5, с. 33].

Дар илми педагогикаи муосир истилоҳҳои «салоҳият», «салоҳиятмандӣ», «муносибати босалоҳият» ва «салоҳиятнокӣ» мафҳумҳои зеринро дар бар мегиранд:

- Салоҳият – маҷмӯи амалҳое, ки шахс дар раванди фаъолияти маърифатӣ аз худ карда, онҳоро дар амалияи ҳаррӯза татбиқ менамояд;
- Салоҳиятнокӣ – тавоноии воқеии шахс барои ҳалли масъалаҳо, аз ҷумла ҳангоми омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик.

Салоҳиятнокӣ — талаботи калидии таҳсилоти муосир аст, ки аз хонанда ноил шудан ба маҷмӯи салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатиро интизор аст. Истифодаи самарабахши ин салоҳиятҳо дар ҳаёти мустақилона, тавоноии шахсро афзоиш медиҳад.

Муносибати босалоҳият фаъолияти тадриҷӣ аз оддӣ ба мураккабро дар назар дорад, аммо на ҳамеша ин гузариш мутлақан имконпазир аст [8, с. 5–8]. Ин равиш на танҳо ба иҷрои амалҳо, балки ба ташаккули қобилияти хонанда дар ҳалли проблемаҳо нигаронида шудааст. Мафҳумҳои «салоҳият» ва «салоҳиятнокӣ» аз мафҳумҳои «маҳорат» ва «тавоноӣ» фарқ доранд ва набояд бо онҳо омехта шаванд.

Венгер Л. А. чунин ақидаро пайравӣ менамояд: «Гӯё мундариҷаи таълими фани таърих, ба гузашта нигаронида шудааст, ки дар асоси он ҳозираро сохта,ояндаро ба нақша мегирем. Яъне, ахбор, маълумот, қоидаҳое, ки дар раванди таълим аз ҷониби хонандагонг аз худ карда мешаванд, ба ҳаёти воқеӣ алоқаи ночиз доранд» [18, с. 96].

Салоҳиятҳои асосӣ дар зинаи аввал навъҳои фаъолияти хонандаро муайян мекунанд, ки ӯ бояд тавонад роҳи ҳалли онҳоро нишон диҳад. Хонандагон ҳангоми омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик супоришҳоро барои муқоиса, таҳлил, тавзеҳ ва ҳамгироии иттилоот истифода мебаранд.

Дар раванди таълим ду равиш имконпазир аст:

а) равиши анъанавӣ – аз назария ба амалия, вақте ки талаботи хонандагон ба омӯзиши илмӣ қонеъ карда мешавад;

б) муносибати салоҳиятнок – аз амалия ба назария, ки ба ташаккули амиқи салоҳиятҳо мусоидат мекунад.

Ин равишҳоро метавон бо назардошти омилҳои зерин интихоб кард:

- сатҳи салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон дар синфҳои 10–11;
- хусусият ва мазмуни маводи таълимии фанни таърихи халқи тоҷик;
- дараҷаи инкишофи фаъолияти умумиметодии хонандагон ва салоҳиятҳои ташаккулёфтаи онҳо.

Ташаккули тавоноии маърифатии хонандагон ҳадафи стратегии таълим ба ҳисоб рафта, ҳамчун меъёри асосии арзёбии сифати таҳсилот хизмат мекунад. Ба андешаи И.Д. Бутузов, татбиқи муносибати босалоҳият дар таълими фанни таърих шароити зеринро фароҳам меорад:

- ифодаи мустақили дониш тавассути шаклҳои самараноки омӯзиш дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;
- гузариш аз талаботи байнифаннӣ ба натиҷаҳои воқеии таълим;
- ҳамбастагӣ миёни ҳадафҳои таълим ва ниёзҳои бозори меҳнати тағйирёбанда, бо мақсади омодасозии хонандагон ба ҳаллу фасли вазъиятҳои гуногуни таълимӣ ва ҳаётӣ [16, с. 20–29].

Фалсафаи ташаккули тавоноии маърифатии хонандагон аз хусусиятҳои таълим ва тарзи татбиқи он дар равандҳои ҳамкорӣ миёни омӯзгорон ва хонандагон бармеояд. Ин раванд маданияти баланди педагогии ҳамкориро тақозо намуда, дар заминаи талаботи барномаҳои таълимӣ ва «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030» амалӣ мегардад.

Бар пояи ин санадҳо, низоми нави таълим аз модели донишмеҳвар ба салоҳиятмеҳвар мегузарад. Ин усул ба хонанда имконият медиҳад, ки салоҳиятҳои муҳими иҷтимоиро ба мисли масъулиятшиносӣ, қабули қарорҳои оқилона, омодагӣ ба интихоби касб, рақобатпазирӣ дар бозори меҳнат, худтакмилдиҳӣ ва риояи арзишҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ аз худ намояд.

Дар ин замина, олимони сершуморе аз ҷумла Л. И. Божович, Л. А. Венгер [17, с. 336], Н. Н. Поддьяков [66, с. 147], М. Лутфуллозода [52, с. 438], Ф. Шарипов [112, с. 283] ва дигарон ба таҳқиқи ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд

Дар илми педагогика шаклҳои гуногуни тавоноии маърифатии хонандагон мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, масъалаи кунҷковӣ ва завқи маърифатии хонандагон ҳангоми омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик аз ҷониби муҳаққиқон Д. Н. Годовиков, В. Ч. Ревазов [74, с. 21], А. И. Сорокина [84, с. 78], Г. И. Щукин [116, с. 230], В. И. Загвиязинский [36, с. 37–57], П. Г. Сирбиладзе [85, с. 306], Т. А. Куликов [42, с. 50], Т. А. Шукурова [113, с. 50], М. Шайхов [110, с. 28] мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Ба андешаи онҳо, худфаъолияти хонанда дар ҷараёни омӯзиши таърихи халқи тоҷик вақте зуҳур мекунад, ки муҳити озод барои интихоби мустақилона ва фаъолиятҳои эҷодӣ фароҳам оварда шавад. Дар чунин шароит, шахсият бо фаъолиятҳои арзишнок даргир шуда, таваҷҷуҳ, мароқ ва саъю кӯшиши маърифатии ӯ густариш меёбад.

Муносибати босалоҳият аз омӯзгори фанни таърих тақозо менамояд, ки нахуст салоҳиятҳои умумитаълимии хонандагонро муайян намуда, сипас салоҳиятҳои фаннӣ, умумифаннӣ ва мавзуиро дар раванди таълим ва тарбия ворид намояд. Салоҳиятҳои зикршуда ҳамчун натиҷаи ниҳоии таълим, новобаста аз фан, ташаккул ёфта, дарсҳои таърихи халқи тоҷик ба рушди минбаъдаи онҳо мусоидат мекунанд.

Ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатӣ дар раванди таълими фанҳо, бахусус таърихи халқи тоҷик, на танҳо дониш ва малакаҳои фаннӣ, балки қобилияти истифодаи онҳо дар вазъиятҳои гуногуни маърифатиро фаро мегирад. Дар ин замина, омӯзгор бояд муносибати ҳадафманд ва ҳамгироро ба амал барорад, то ки дар хонандагон на танҳо дониш, балки тавоноии воқеии амалисозии он ташаккул ёбад.

Дар баъзе тадқиқотҳо салоҳиятҳо ба навъҳои мухталиф ҷудо карда шудаанд, ки ҳар кадоми онҳо ба ташаккули шахсияти ҳамаҷониба равона гардидаанд. Ба ғайр аз салоҳиятҳои фаннӣ, инчунин салоҳиятҳои муоширатӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ, шахсӣ ва технологӣ низ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Ин салоҳиятҳо дар ҷараёни таълим ва фаъолиятҳои маърифатии хонандагон ташаккул меёбанд ва ба баланд бардоштани тавоноии онҳо дар ҳаллу фасли масъалаҳои таълимӣ ва зиндагӣ мусоидат мекунанд.

Намудҳои маъмултарини салоҳиятҳо инҳоянд:

- Салоҳияти фаннӣ – донишу маҳоратҳо оид ба як фанни мушаххас;
- Салоҳияти муоширатӣ – қобилияти баён, фаҳмидан ва иртиботи самаранок бо дигарон;
- Салоҳияти иҷтимоӣ – малакаи ҳамкорӣ, масъулият ва рафтори ҷомеапазир;
- Салоҳияти фарҳангӣ – фаҳмиши арзишҳои фарҳангӣ, таҳаммул ва ҳифзи мероси миллӣ;
- Салоҳияти шахсӣ ва худташаккулдиҳӣ – худшиносӣ, худназорат, мақсадгузорӣ;
- Салоҳияти иттилоотию технологӣ – кор бо манбаъҳои иттилоотӣ ва технологияҳои рақамӣ.

Дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, бояд ба ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир карда шавад, зеро маҳз тавассути ин фан хонандагон на танҳо донишҳои таърихиро фаро мегиранд, балки малакаҳои таҳлил, муқоиса, арзёбӣ ва тавоноии баррасии воқеаҳои таърихиро аз мавқеи шахсии хеш дар худ ташаккул медиҳанд. Таълими фанни мазкур, ба шарте ки бо усулҳои инноватсионӣ, технологияҳои муосири таълимӣ ва муносибати босалоҳият асоснок гардонида шавад, метавонад на танҳо донишҳои мавзуии таърихиро интиқол диҳад, балки заминаҳои шаклгирии шахсияти фаъолу маърифатии хонандаро фароҳам созад [112, с. 138-283].

Вазифаи асосии таълими фанни таърихи халқи тоҷик — ташаккули ҷаҳонбинии таърихии хонандагон бо такя ба муносибати босалоҳият дар заминаи самтҳои гуногуни саводнокӣ мебошад. Дар ин раванд, хонандагон:

- аҳамияти донишро дар зиндагии ҳаррӯза дарк карда, тавоноии маърифатии худро инкишоф медиҳанд;

- малакаҳои шарҳ, муқоиса ва таҳлили маълумотро тавассути воситаҳои гуногуни иттилоотӣ инкишоф медиҳанд;

- фарқи саводнокиро аз дониш ва арзиш фаҳмида, қобилияти дарёфти ахборро аз манбаъҳои гуногун пайдо мекунанд;

- тавассути технологияҳои муосир фаҳмиш ва дониши хешро амиқ мегардонанд.

Таълими фанни таърих, ҳамчун василаи таҳлил ва эҷоди иттилооти нав, на танҳо дониш медиҳад, балки:

- қобилияти истифодаи захираҳо ва технологияҳои таълимиро ташаккул медиҳад;

- малакаҳои кор бо маълумоти хаттӣ, шифоҳӣ ва визуалиро тақвият мебахшад;

- салоҳиятҳои маърифатиро дар сатҳи нав устувор мегардонад.

Ифодаи равшани ақида ва ташаккули масъулиятшиносӣ, ҳамчун ҷузъи муҳими муносибати босалоҳият, хонандаро водор месозад, ки:

- дар муҳокимаву муколамаҳо ширкат варзад;

- тавоноии муоширати муассир ва ифодаи фикри шахсиро рушд диҳад;

- арзишҳои ахлоқиву фарҳангиро дарк намояд ва масъулиятро дар баробари ҷомеа эҳсос кунад [78, с. 249].

Дар маҷмуъ, таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ҳамчун муҳити таҳрикдиҳандаи рушди салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатӣ ва ахлоқиву иҷтимоии хонандагон амал мекунад.

Ташаккули салоҳияти маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо татбиқи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии

Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 иртиботи зич дорад. Ин масъала дар меҳвари тадқиқоти олимони соҳаи педагогикаи кишвар қарор гирифтааст.

Олимони маъруфи тоҷик, ба монанди М. Лутфуллозода [52, с. 138], Ф. Шарифзода [112, с. 283], Х. Буйдоқов [15, с. 427], Т. Н. Зиёзода [37, с. 19], И. Х. Каримова, Х. М. Зиёӣ [23, с. 20] ва дигарон дар таҳқиқоти худ ҷанбаҳои алоҳидаи ташаккули дониш, маҳорат ва малакаи таърихии хонандагонро мавриди таҳлил қарор дода, ба тавсеаи салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии онҳо таваҷҷуҳи хос зоҳир намудаанд.

Бо мақсади таҳкими ин раванд, олимони Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Пажӯҳишгоҳи рушди маориф як қатор дастурҳои методиро таҳия ва дар амалияи таълим татбиқ намудаанд, ки ба баланд бардоштани сатҳи салоҳиятнокии иттилоотӣ-маърифатии хонандагон мусоидат менамоянд.

Салоҳияти иттилоотӣ-маърифатӣ реша дар дониш ва шинохти воқеият дорад. Мувофиқи таҳлили фалсафӣ, шинохт марҳилаҳои аз мушоҳидаи зинда ба тафаккури абстракт ва аз он ба амалияро дарбар мегирад. Абӯалӣ ибни Сино низ таъкид мекунад, ки дониш аз надонистан оғоз меёбад ва тавассути талошу таҷриба инсон ба шинохти ҳастӣ мерасад.

Маҳорати маърифатӣ вақте рушд мекунад, ки дар шахс, илова ба қобилияти маърифатӣ, майли дохилии дарк ва фаҳми воқеият пайдо мешавад. Асоси ташаккули чунин маҳорат – рушди тафаккури интиқодӣ ва муҳити таълимии дастгирист, ки аз ҷониби омӯзгорон ва муҳити иҷтимоӣ таъмин мегардад [57, с. 5–17].

Л. С. Выготский дар «Психологияи педагогӣ» бар он аст, ки салоҳиятҳои маърифатӣ ва иттилоотӣ дар ҳамбастагӣ амал карда, танҳо дар робитаи функсионалӣ дар таълиму тарбия самар медиҳанд [21, с. 27].

Тибқи таҳқиқоти Б. М. Теплов, тавоноии маърифатии инсонро се хусусияти муҳими лаёқат муайян мекунад, ки ҳамчун заминаи асосии рушд ва ташаккули салоҳият дар хонандагон баррасӣ мешаванд [92, с. 125]:

**1. Лаёқат ҳамчун хусусияти фардии психологӣ,** ки шахсро аз дигарон фарқ мекунад ва асоси тафовутҳои инфиродии маърифатист.

**2. Лаёқат ҳамчун маҷмӯи хусусиятҳое,** ки ба шахс имкон медиҳанд, то як ё якчанд навъи фаъолиятро бо муваффақият иҷро кунад.

3. **Лаёқате, ки худ ба худ бо дониш ва маҳорат баробар нест**, вале потенсиали зеҳнӣ барои аз худ намудани онҳо вуҷуд дорад; новобаста аз ин, шахс метавонад бе ташаккули мукаммали касбӣ боқӣ монад.

Ин се ҷанба нишон медиҳанд, ки танҳо доштани қобилияти зеҳнӣ барои муваффақият дар омӯзиш кофӣ нест, балки рушди он ба муҳит, фаъолияти мақсаднок ва дастгирии педагогӣ низ ниёз дорад.

Ба ақидаи В. Д. Шадриков, лаёқатро метавон ҳамчун хусусияти низомӣ-вазифавии шахсият муайян намуд, зеро он бо амалӣ сохтани як қатор хусусиятҳои психикӣ робитаи зич дорад. Лаёқат дар амалҳои инфиродӣ зоҳир гардида, натиҷаҳои устувори фаъолияти фардро дар шароити иҷрои вазифаҳои мушаххаси психологӣ таъмин менамояд.

Шадриков таъкид мекунад, ки лаёқат дар шароити муайян, новобаста аз шакли фаъолият, ба баланд шудани ҳосилнокӣ, сифат ва эътимоднокии иҷрои амалҳо мусоидат мекунад. Дар шароити муосири муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки ба ташаккули дониш, малака ва маҳорат ниёз доранд, нақши лаёқат ва тавоноии маърифатӣ боз ҳам муҳимтар мегардад.

Дар ин раванд, се гурӯҳи асосии методҳо — усулҳои анъанавии таълим, усулҳои касбӣ ва фаннӣ — ҳамчун омилҳои муассир дар рушди салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагон баромад менамоянд. Истифодаи босамари ин усулҳо, унсурҳои салоҳиятро дар хонандагон ташаккул дода, қобилияти ҳалли мустақилонаи масъалаҳоро дар онҳо таҳким мебахшад.

Системаи таълими фаннӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд ба таври устувор ба дарсҳои назариявӣ ва амалии фанни таърихи халқи тоҷик такя намояд, то ки тавассути он салоҳиятнокӣ ва тавоноии маърифатии хонандагон афзоиш ёбад.

Дар таҳқиқоти педагогӣ нишон дода шудааст, ки истифодаи методҳои фаъоли таълим, имкони азхудкунии маводи таълимиро то ба 30% таъмин менамояд. Дар ҳолате ки айёният ва воситаҳои иттилоотӣ-маърифатӣ ба раванд ҷалб карда шаванд, дараҷаи азхудкуни метавонад то ба 50% афзоиш ёбад. Ҳангоми ҳамгиро намудани айёният бо воситаҳои шунавоӣ (аудио), инчунин унсурҳои талаффуз ва муоширати фаҳмо, доираи дарки донишҳои таълимӣ боз ҳам фарохтар мегардад.

Ин гуна шакли таълим на танҳо ба азхудкунии иттилооти “тайёр” мусоидат менамояд, балки хонандагонро барои фаъолияти маърифатии мустақил, таҳлил ва эҷоди донишҳои нав роҳнамои месозад. Технология ва айёнияти муосир шароити мусоидро барои гузариш аз омӯзиши анъанавӣ ба муносибати босалоҳият имконият фароҳам меорад, ки дар он хонанда дар нақши субъекти фаъол қарор дорад.

Л. С. Выготский қайд менамояд: «Робитаи тафаккур бо калима як чиз нест, балки як раванди доимии ҳаракат аз тафаккур ба калима ва аз калима ба тафаккур мебошад» [21, с. 27].

Ин андешаи Выготский асоси методологии омӯзишро ташкил медиҳад. Он тасдиқ мекунад, ки маърифати хонанда танҳоя бо хондани сухан ё мафҳум ташаккул намеёбад, балки тавассути фаъолияти маърифатии воқеӣ — яъне дар ҷараёни пайвастаи фаҳмиш, гуфтор, таҳлил ва амал тадриҷан рушд мекунад. Аз ин ҷост, ки дар таълими фанни таърихи халқи тоҷик ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатӣ бояд бар усули фаъолсозии доимии хонандагон асос ёбад.

Методҳои таълими анъанавии фанни таърих дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, аз машғулиятҳои лексионӣ ва корҳои мустақилонаи хонандагон иборатанд, ки ҳадафи асосии онҳо ташаккули дониш, маҳорат ва малакаи таълимии хонандагон мебошад. Самаранокии ин раванд аз интихоби дурусти усулҳои инфиродии омӯзгор вобастагӣ дошта, ба баланд гардидани сатҳи салоҳиятнокии хонанда мусоидат мекунад.

Усулҳои фаъоли таълими таърихи халқи тоҷик, бо такя ба унсурҳои салоҳиятофар дар муҳити таълимӣ, дар натиҷаи коркарди ҷузъҳои мушаххаси салоҳият рушд меёбанд. Новобаста ба баъзе мушкилоти педагогӣ, низоми лексия-семинар дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, яке аз шаклҳои муҳим ва таъсирбахши фаъолияти инноватсионӣ маҳсуб меёбад.

Машғулиятҳои лексионӣ, мафкураи мантиқии хонандагонро инкишоф дода, омодагии онҳоро ба омӯзиши мустақилона таъмин менамоянд. Дар ин раванд, намудҳои гуногуни лексияҳо ба монанди:

- **лексияи барқароркунанда**, ки донишҳои қаблан азхудшударо таҳлил ва мукаммал менамояд;

- **лексияи проблемавӣ**, ки тавассути масъалагузории танқидӣ тафаккури таҳлилӣ ва мустақили хонандагонро фаъол месозад;

- **лексияи визуалӣ**, ки бо истифода аз харита, диаграмма ва воситаҳои айёнӣ дарки маърифати визуалиро қавӣ мегардонад;

- **лексияи дунафара**, ки дар он ду омӯзгор ё як омӯзгор бо донишҷӯ робита мегирад ва муколамаи илмиро ташаккул медиҳад;

- **лексияи пешакӣ**, ки барои ислоҳи хатоҳои фаҳмишӣ ва такмили донишҳои қаблан азхудшуда равона гардидааст;

- **лексияи конференсиявӣ**, ки шакли ҷамъбастӣ ва мубоҳисавии таълимро фароҳам меорад.

Дар илмҳои педагогӣ, мафҳуми лаёқат ҳамчун хусусияти инфиродии шахсият баррасӣ мешавад, ки дар шароити мусоиди таълимӣ имкони татбиқи самараноки шаклҳои гуногуни фаъолиятро фароҳам месозад. Лаёқат, дар ин замина, ҳамчун маҷмӯи хусусиятҳои рӯҳӣ ва ҷараёнҳои дохилии шахсӣ дарк мегардад, ки имконияти фарққунии шахсро дар заминаи қобилияти фаъолият фароҳам меорад [78, с. 249].

Фаҳмиши тавоноӣ дар илмҳои психология ва педагогика, махсусан дар асрҳои XVIII–XIX, ҳамчун нишондиҳандаи дараҷаи инкишоф ва рушд арзёбӣ мешуд. Тавоноӣ имкони аз худ кардани донишҳои умда ва махсусро фароҳам оварда, шароити татбиқи бомуваффақияти малака ва маҳоратҳоро

дар фаъолиятҳои гуногун фароҳам месозад. Ин падида яке аз асосҳои таҳкими салоҳият дар заминаи омӯзиши инфиродӣ ба шумор меравад.

Маҳорат, аз ҷониби дигар, ҳамчун хусусияти фардии шахс маънидод мешавад, ки ҳатман бо сатҳи дониш ва малака баробар нест. Он бештар қобилияти фаврии дарк ва интиқоли ахборро дар бар мегирад. Ба ибораи дигар, маҳорати маърифатӣ имконияти таҳлил, фаҳм ва шарҳи муваффақонаи маводи таълимиро дар бар гирифта, ба дигарон низ кумак расонданро осон мекунад. Ин нукта дар таҳқиқоти Б. М. Теплов, ки масъалаи фарқиятҳои инфиродӣ–психологии шахсиятҳоро мавриди омӯзиш қарор додааст, бо таври амиқ инъикос ёфтааст [93, с. 328].

Б. М. Теплов таъкид мекунад, ки: «лаёқат (способности) на ҳама хусусиятҳои инфиродӣ, балки танҳо он хислатҳое мебошанд, ки тавони иҷрои фаъолияти мушаххасро таъмин мекунанд» [93, с. 328].

В. А. Крутецкий андешаи Тепловро тавсеа дода, зикр мекунад, ки «маҳорат ҳамеша бо доштани қобилият алоқаманд аст ва танҳо дар фаъолияти мушаххаси инсон зоҳир мешавад; онро танҳо дар шароити амалии фаъолияти муайян муайян кардан мумкин аст» [45, с. 199].

Ин иқтибос асоси назарияи Крутецкий дар заминаи лаёқат аст — бе фаъолият қобилият вуҷуд надорад. Ин аз андешаҳои Теплов, ки лаёқатро на танҳо донишу малака, балки қобилияти самаранок фаъолият кардан медонад, пуштибонӣ мекунад. Дар маҷмуъ, ҳарду муаллиф — Теплов ва Крутецкий — ба робитаи мустақим байни қобилият ва фаъолияти амалӣ таваҷҷуҳ кардаанд.

Маҳорат ҳамчун категорияи муҳими психологӣ барои таҳлили хусусиятҳои инфиродӣ-психологии хонандагон истифода мегардад ва имконият медиҳад, ки фарқи шахсиятӣ байни хонандагон муайян карда шавад. Бо вуҷуди аҳамияти назарраси ин мафҳум дар амалияи таълимӣ, таҷриба нишон медиҳад, ки аксари омӯзгорон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба фарқиятҳои инфиродӣ ва қобилиятҳои хоси маърифатии хонандагон таваҷҷуҳи кофӣ зоҳир намекунанд. Нодида гирифтани ин ҷанба дар ниҳоят метавонад ба сустии раванди ташаккули салоҳиятҳои

маърифатии хонандагон оварда расонад. Дар чунин ҳолат, маҳорат ҳамчун хусусияти низомӣ-амалӣ натавонистааст ҷойгоҳи сазоворро дар низоми таълим ишғол намояд ва шароит барои рушди он муҳайё карда намешавад.

Дар шароити таҳсили муосир, масъалаи ташаккули лаёқат, қобилият ва тавоноии маърифатии хонандагон яке аз масъалаҳои маркизии тадқиқоти педагогӣ маҳсуб меёбад. Лаёқат, тибқи таҳлили муосир, дар се сатҳ мавриди арзёбӣ қарор мегирад: аввалан, ҳамчун хусусияти функсионалии материяи олиташкили мағзи инсон; сониян, ҳамчун инъикоси субъективии воқеияти объективӣ дар шуури шахс; ва дар ниҳоят, ҳамчун зуҳури қобилияти фикрронӣ, тахайюл ва таҷрибаи ҳиссию маънавии шахсият дар раванди маърифат [107, с. 3–7].

Аз рӯзҳои аввали ворид гардидани хонанда ба муҳити таълимӣ, омӯзгор вазифадор аст, ки фаъолияти маърифатии ҳар як хонандаро таҳти назорати пайваста қарор диҳад ва муносибати мусбат ба имконияту ниёзҳои инфиродии ӯро ташаккул диҳад. Барои ин, омӯзгор бояд нисбати сатҳи дарки дониш, ташаккули маҳорат ва малакаҳои таълимии хонанда муносибати ғамхорона дошта бошад ва тавассути мушоҳидаҳои мунтазами педагогӣ ҷараёни азхудкунии донишро баҳогузорӣ намояд. Арзёбии чунин фаъолият имкон медиҳад, ки самти рушди таълимии хонанда муайян карда шуда, норасоиҳои эҳтимолӣ сари вақт ислоҳ гардад ва шароити муносиб барои пешрафти инфиродӣ муҳайё карда шавад.

Баъзе таҳқиқгарон мафҳуми «лаёқат»-ро ҳамчун маҷмӯи дониш, маҳорат ва малакаи умумӣ арзёбӣ менамоянд. Вале чунин таҳлили мафҳум ба назари мо пурра асоснок нест, зеро ки ҳар яке аз ин унсурҳо — дониш, маҳорат ва малака — дорои моҳияти вижа буда, бояд дар доираи муайян ва бо равишҳои хосси худ ташаккул дода шаванд. Дар баробари ин, назари Э. А. Голубев (бо тафсир), бар он ақидаанд, ки: «қобилияти хонанда барои иҷрои амалҳои маърифатӣ аз ҳамбастагии андеша, муҳити берунӣ ва равандҳои муоширатӣ вобаста мебошад» [24, с. 84–100].

Мафҳуми «лаёқат» ҳамчун яке аз категорияҳои муҳими психология ва педагогика, на танҳо хусусияти фардии инсонро ифода менамояд, балки ҳамчун асоси ташаккули салоҳиятҳои маърифатии хонандагон дар муҳити таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бароммад мекунад. Ба андешаи Ю. А. Смирнов, лаёқат хосияти махсуси психологии инсон аст, ки дар шароити муайяни муҳити таълимӣ метавонад ба таври муассир барои иҷрои вазифаҳои мушаххаси таълимӣ ва маърифатӣ истифода гардад [82, с. 81]. Ин андеша, ки лаёқат бо суръат ва самаранок аз худ намудани дониш ва маҳорат алоқаманд аст, дар таҳқиқоти психологони ватанӣ низ дастгирӣ ёфтааст.

Аз нуқтаи назари илми педагогика, тавоноии маърифатӣ дар ҳамбастагӣ бо лаёқат ташаккул меёбад ва танҳо дар шароити иштироки фаъолонаи шахс дар раванди таълим ва татбиқи амалии дониш метавонад ба сатҳи салоҳият табдил ёбад. Дар ин замина, С. Л. Рубинштейн ишора менамояд, ки оғози фаъолияти маърифатии инсон ҳамеша бо интихоби фардии равандҳои дохилии психологӣ ҳамоҳанг аст, ки он дар муҳити мушаххас шароит фароҳам меорад барои зоҳирсозии иқтидори зеҳнӣ ва қобилиятҳои шахсият [77, с. 712].

Ҳамин тариқ, ташаккули салоҳияти таърихии хонандагон — бахусус дар синфҳои болоии мактаб — на танҳо ба истифодаи методикаҳои муосири таълим вобаста аст, балки ба таври мустақим ба маърифати лаёқат, тавоноии зеҳнӣ ва маҳорати иттилоотии хонандагон низ алоқаманд мебошад. Дар ин иртибот, андешаҳои олимони ватанӣ — Э. А. Голубев, Е. А. Климов, В. С. Мерлин, Х. Буйдоқов ва дигарон — ки ба таҳқиқи тавоноии маърифатии хонандагон равона шудаанд, заминаи илмии муҳими рушди ин самтро фароҳам месозанд.

Махсусан, бо такя ба таҷрибаи амалӣ ва механизми психологие, ки аз ҷониби Л. А. Гордан пешниҳод шудааст, метавон хулоса кард, ки иқтидори маърифатии хонандагонро ҳамчун ченаки қобилияти креативӣ ва таҳлилӣ дар шароити таълими муосир муайян намуд. Татбиқи усулҳои

пешниҳодшудаи ӯ дар таълими таърих имконият медиҳад, ки маҳорат ва лаёқати хонандагон ҳамчун қобилияти амиқи фикррони ва таҷрибавӣ ба таври назаррас рушд ёбад.

Яке аз ҳадафҳои бунёдии илмҳои педагогика ва психология дар он ифода меёбад, ки мафҳуми «лаёқат» на ҳамчун як шакли умумии қобилият, балки ҳамчун падидаи мушаххаси психологияи фардӣ фаҳмида шавад. Лаёқати психологии инсон, тибқи таҳлили классикӣ, ҳамчун хосияти фаъоли образофарии мавҷудоти зеҳнӣ, аз қабили мағзи сар ва низоми асаби инсон, маънидод мешавад, ки вазифаи он инъикоси олами объективӣ дар шуури шахс аст.

Тафовути байни лаёқатҳои умумӣ ва махсус, ки дар хонандагон зоҳир мешаванд, аз нигоҳи Д. Н. Завалишин низ мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтааст. Ба ақидаи ӯ, баҳодиҳии лаёқати шахсият на бо назардошти танҳо хусусиятҳои вазифавии психологӣ, балки тавассути шаклҳои гуногуни фаъолияти маърифатии шахс дар раванди таълимӣ бояд сурат гирад. Яъне, лаёқат ҳамчун зоҳиршавии амалии қобилияти фард дар вазъиятҳои мушаххаси таълимӣ арзёбӣ мегардад [35, с. 20].

Таҳлили таҷрибаи таълими амалии муосир нишон медиҳад, ки шарти муҳими ташаккули лаёқат ва тавоноии маърифатии хонандагон, муҳити илҳомбахш ва интерактивии дарс мебошад. Дарси муосир, ки бо истифодаи василаҳои технологии муҷаҳҳаз ва равишҳои ҳавасмандкунандаи таълим амалӣ мегардад, на танҳо хастагии зеҳниро кам мекунад, балки муҳаббат ба омӯзгор ва фанро низ таҳким мебахшад.

Ин гуна муҳити таълимӣ майли касбгароиро дар хонанда афзун намуда, имконият фароҳам меорад, ки онҳо дар интихоби касби омӯзгорӣ бедор шаванд ва насли оянда кадрҳои педагогиро таъмин созанд. Аммо, таҳқиқот нишон медиҳад, ки имрӯз муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар бо як қатор мушкилоти системавӣ рӯбарӯ мебошанд. Аз ҷумла, камбуди омӯзгорони касбии фанни таърих, норасоии китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методӣ, маҳдудияти маводи тақсимшаванда, дастгоҳу таҷҳизоти

аёниву рақамӣ ва набуди китобхонаҳои электронии замонавӣ аз омилҳои маҳдудкунандаи ташаккули салоҳияти таърихии хонандагон мебошанд.

Аз ин рӯ, рушди воқеии салоҳияти таърихии хонандагон танҳо дар шароити ҳаллу фасли омилҳои инфрасохторӣ, ташкили муҳити дастгирии психологӣ ва истифодаи равишҳои муосири таълимӣ метавонад самаранок амалӣ гардад. Дар маркази ин ҳама, саҳми шахсии омӯзгор ҳамчун роҳбалад ва таҳрикдиҳандаи фаъоли маърифатӣ боқӣ мемонад.

## 1.2. Мавқеи стандарт, барнома ва китоби дарсӣ дар ташаккули маданияти башардӯстонаи хонандагони синфи 10-11 тавассути омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик

Дар раванди ташаккули ҷаҳонбинии таърихии хонандагони синфҳои 10–11-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, мавқеи санадҳои меъёрии таълимӣ – Стандарти фаннӣ, барнома ва китобҳои дарсии фанни «Таърихи халқи тоҷик» – нақши калидӣ мебозад. Ин ҳуҷҷатҳо, ки бо мақсади таъмини ягонагии низоми таълими таърих таҳия гардидаанд, доираи васеи ҷанбаҳои муҳими таълимиро дар бар мегиранд: аз ҷумла, заминаҳои ғоявӣ, методологӣ, ҳуқуқӣ, технологӣ ва ташкилии таълим, инчунин сохтор ва мазмуни таълимро дар бар мегиранд [142, с. 20–29].

Стандарти давлатии фанни таърих на танҳо заминаи ҳуқуқӣ ва таълимӣ барои омӯзиш ва омӯзиши фанни мазкурро фароҳам меорад, балки ҳамчун ҳуҷҷати раҳнамо барои таҳияи барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, воситаҳои методӣ ва дигар маводи ёрирасони таълимӣ хизмат мекунад. Маҳз тавассути стандарт муайян карда мешавад, ки фанни таърих дар кадом шакл ва мазмун дар низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ амалӣ гардад.

Мазмуни таълими фанни “Таърихи халқи тоҷик” барои синфҳои 10–11 марҳилаи муайяни таърихиро фаро мегирад, ки асосан ба давраи солҳои 1918–1945 марбут аст. Ин давра ҳамчун давраи барҷастаи таҳаввулоти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии халқи тоҷик арзёбӣ мегардад. Аз ҷумла, масъалаҳои марбут ба барпо гардидани Ҳокимияти Шӯравӣ дар Осиёи Марказӣ,

муборизаи халқи тоҷик барои эҳёи давлатдории миллӣ, таъсиси Ҷумҳурии Шӯравии Тоҷикистон, дигаргунсозиҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва саҳми тоҷикон дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ мавриди омӯзиши фарогир қарор мегиранд.

Ҳамзамон, Стандарт бо муқаррар намудани мақсад ва вазифаҳои таълим, мафҳумҳои асосии таърихӣ, методҳои арзёбии дониш ва малакаи таълимии хонандагон, талабот ба сатҳи касбии омӯзгорон ва таъминоти моддию техникии раванди таълимӣ, муҳити созанда барои ташаккули воқеии салоҳияти таърихии хонандагонро фароҳам месозад. Ин ҳама унсурҳо дар маҷмӯъ ба инкишофи қобилияти маърифатии хонандагон дар дарки воқеиятҳои таърихии халқи худ ва муносибати таҳлилӣ ба гузаштаи миллӣ мусоидат мекунанд.

Таълиму омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик барои синфҳои 10–11 ба хусусияти воқеии ҳодисаҳои таърихии ин давра такя дошта, бар асоси манбаъҳои боэътимод ва хулосаҳои илмӣ-тадқиқотии муҳаққиқони соҳа сурат мегирад. Стандарти давлатии фанни таърихи халқи тоҷик барои ин зинаи таҳсил санади меъёрии муҳими соҳаи маориф буда, барои ҳамаи мактабҳои таҳсилоти умумӣ сарфи назар аз навъи таълимгоҳ ҳатмӣ дониста мешавад. Ин стандарт низоми талаботро ба ташаккули мазмуни таҳсилот, ташкили таълим ва назорати сифати таълими фан ба низом медарорад. Он донишҳои таърихиро дар бар гирифта, таълимро бо фанҳои дигар аз силсилаи гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ дар ҳамбастагӣ амалӣ менамояд [142, с. 20–29].

Аз ҷиҳати сохторию мазмунӣ, ҷойгирсозии маводи таълимӣ дар таълими таърихи халқи тоҷик дар ҳамаи зинаҳои таҳсил пайдарпайии мантиқии давраҳои таърихиро риоя мекунад. Ин навъ танзим хусусияти синнусолӣ ва дараҷаи тафаккури хонандагонро ба назар гирифта, онҳоро аз фаҳми содда ба маводи мураккаб роҳнамоӣ менамояд. Ҳамин тавр, дар ҳар синф хонанда як маротиба бо маводи таълимии барномаи дарсӣ вомехӯрад.

Стандарти фанни таърих бо такя ба санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, самтҳои асосии стратегияи рушди

таҳсилоти умумиро ифода менамояд. Дар он мафҳумҳои калидии зерин истифода шудаанд:

- **Китоби дарсӣ** – манбаи асосии таълимӣ, ки тибқи талаботи фаннӣ бо риояи илмият, бадеият ва забони равон таҳия мешавад.
- **Адабиёти таълимӣ** – маҷмӯи тамоми дастурҳои таълимӣ-методӣ ва маводи ёрирасон барои омӯзиш.
- Барномаи таълимӣ – ҳуҷҷати меъёрие, ки сохтор, мазмун ва вазифаҳои таълимиро дар бар мегирад.
- **Баҳодиҳӣ** – арзёбии сифати таълим, ки дараҷаи азбаркунии барномаҳои таълимиро муайян мекунад.
- **Воситаҳои таълимӣ** – аз китобҳо то лавозимоти дидактикӣ ва технологияҳои муосир (харитаҳо, филмҳо, шабакаҳои компютерӣ).
- **Дастури таълимӣ** – воситаи такмили дониш.
- **Мазмуни таълим** – ҳаҷм ва мундариҷаи барномаи таълимӣ.
- **Малака** – қобилияти иҷрои фаъолияти мушаххас.
- **Маҳорат** – малакаи такмилёфта, ки дар шароити тағйирёбанда низ қобили амал аст.
- **Нақшаи таълимӣ** – муқарраркунандаи ҳаҷм ва тартиби омӯзиши фанҳо дар соли таҳсил.
- **Салоҳият** – натиҷаи таълим, ки қобилияти истифодаи дониш, малака ва маҳоратро барои ҳаллу фасли масъалаҳо дар соҳаҳои мушаххас дар бар мегирад.
- **Сифати таълим** – нишондиҳандаи самаранокии ташкил ва пешбурди раванди таълим.
- **Стандарти давлатии таҳсилот** – маҷмӯи меъёрҳои расмӣ барои таъмини мазмун, муҳлат ва ҳаҷми таҳсил бо дарки арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ.
- **Стандарти фаннӣ** – санади муайянкунандаи мазмун, сарбории таълимӣ, тарзи омӯзиш ва баҳогузорӣ дар фан.

- **Таълим** – равандест, ки дар асоси меъёрҳои қонунгузорӣ бо иштироки омӯзгор, волидайн ва хонандагон амалӣ мешавад.
- **Таҳсилот** – раванди пайдарпайи таълиму тарбия барои рушди маънавӣ, зеҳнӣ, ҷисмонӣ ва салоҳияти шахс.
- **Таҷҳизоти таълимӣ** – тамоми лавозимоти моддӣ барои ташаккули дониш ва инкишофи хонанда.
- **Тест** – маҷмӯи супоришҳо барои муайян кардани сатҳи дониш ва маҳорат.
- **Технологияи иттилоотиву коммуникатсионӣ (ТИК)** – воситаҳои муосири интиқоли дониш (интернет, тахтаи электронӣ, сканер ва ғ.).

**Ҳамзамон, дар стандарт шаклҳои гуногуни дарс пешбинӣ гардидаанд:**

- **Дарс-лексия** – фаҳмондани мавод тавассути муҳтавои лексионӣ.
- **Дарс-семинар** – таҳлили мавзуъ бо иштироки фаъоли хонандагон.
- **Дарс-мубоҳиса** – баҳсу гуфтугӯи илмӣ дар синф.
- **Дарс-конференсия** – хонандагон бо маърузаҳо баромад мекунанд.
- **Дарс-саволу ҷавоб** – ташкили дарс дар асоси пурсишу посух.
- **Дарс-мусобиқа** – рақобати гурӯҳӣ оид ба мавзуи таълимӣ.
- **Дарс-саёҳат (экскурсия)** – дар берун аз синф бо дидан аз муассисаҳои таърихӣ.
- **Дарс-таҳқиқот** – омӯзиши мавзуъ дар шакли пажӯҳишӣ.
- **Дарс-театр** (саҳна) – иҷрои саҳнаҳо дар асоси мавзуъҳои таърихӣ.
- **Дарс-расона** (мултимедӣ) – бо истифодаи технологияи муосир.
- **Дарс-машварат** – вохӯрӣ бо шахсиятҳои шинохта.
- **Дарс-сӯҳбат** – таҳлили мавзуъ дар шакли сӯҳбати озод.
- **Дарс-таҷрибаомӯзӣ** – таҳкими дониш бо корҳои амалӣ.
- **Дарси проблемавӣ** – таҳлили мавзуъ бо дарки масъалаҳои воқеӣ.
- **Дарси омехта** – якҷоясозии якчанд шакли дарсгузарӣ.

Татбиқи самараноки ин шаклҳо имконият медиҳад, ки дониш, маҳорат ва малакаи хонандагон бештар рушд ёбанд.

Фанни таърихи халқи тоҷик, мисли дигар фанҳои гуманитарӣ, дорои маҷмӯи мафҳумҳои асосии хоси худ мебошад. Дар муҳити омӯзишии синфҳои болоӣ, омӯзгор вазифадор аст, ки на танҳо ба фаҳмонидани мафҳумҳо ҳамчун далелҳои омодашудаи таърихӣ машғул гардад, балки онҳоро дар равзанаи таҳлили мантиқӣ, муқоисаи таърихӣ ва шарҳи бисёрсамта барои хонандагон шарҳ диҳад. Дар ин раванд, омӯзгор на фақат нақши манбаи иттилоотро мебозад, балки ҳамчун роҳбалади фикр ва таҳлил амал менамояд.

Мафҳумҳои таърихие, ки дар синфҳои 10–11 таълим дода мешаванд, тибқи мазмуни барномаи таълимӣ ба чанд гурӯҳи зерин тақсим мешаванд:

1. Низоми давлатдорӣ ва сохторҳои идоракунӣ:

Шӯро, Кумитаи иҷроия, Кумитаи инқилобӣ, мақомоти идоракунии кӯҳна ва нав, комиссариатҳо, давлатдории шӯравӣ, сохторҳои марказӣ ва маҳаллии ҳокимият.

2. Мафҳумҳои сиёсӣ ва идеологӣ:

Инқилоб, инқилоби сотсиалистӣ, диктатура, шаклҳои гуногуни демократия, идеологияи болшевизм, коммунизм, ҳаракатҳои мухолифи ҳокимияти шӯравӣ.

3. Ислоҳот ва равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ:

Ислоҳоти обу замин, сиёсати ҷамъиятикунонӣ, милликунонӣ ва таҷрибаҳои идоракунии иқтисодӣ дар давраи гузариш.

4. Мафҳумҳои низомӣ ва сохторҳои амниятӣ:

Қувваҳои ҳарбӣ ва амниятӣ, судяҳо, механизмҳои назорат ва ҳимояи сохти шӯравӣ.

5. Муқовимати дохилӣ ва дахолати хориҷӣ:

Ҷанги шаҳрвандӣ, босмачи, ҳаракатҳои низомии мухолифин, дахолати нерӯҳои хориҷӣ ва механизмҳои муқовимати идеологӣ.

Баррасии чунин мафҳумҳо бояд на дар шакли азбаркунӣ, балки тавассути баёни мантиқии онҳо ва алоқамандсозии таърих бо воқеияти иҷтимоӣ ва сиёсӣ сурат гирад. Ҳадафи асосӣ — ташаккули тафаккури таҳлилӣ ва маърифати шаҳрвандии хонанда мебошад, ки онҳоро ба дарки амиқи воқеият ва малакаи истифодаи мафҳумҳои таърихӣ дар ҳолатҳои нави зиндагӣ мерасонад.

Дар ниҳоят, омӯзиш ва фаҳмиши дурусти мафҳумҳои таърихӣ на танҳо омили баланд бардоштани сатҳи таълим, балки муҳаррики асосии инкишофи ҷаҳонбинӣ ва масъулияти иҷтимоии насли нав мебошад [133, с. 20–29].

Яке аз омилҳои асосии баланд бардоштани самаранокии таълими фанни «Таърихи халқи тоҷик» дар зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, ин омӯзиши амиқи мафҳумҳои калидӣ мебошад, ки мазмуни таърихиро на танҳо дар шакли иттилоот, балки ҳамчун воситаи таҳлили иҷтимоӣ, сиёсӣ ва маънавӣ таҷассум менамоянд.

Дар марҳалаи таълими фанни мазкур, хонанда бояд маъно ва заминаи мафҳумҳое чун Мухторияти Қӯқанд, Ҷумҳурии халқӣ-шӯравӣ, Ҷумҳурии мухтор, Сегонаи ҳарбӣ-сиёсӣ (СҲС), Ҳукумати муваққатии Туркистон, Комиссияи фавқулоддаи диктаторӣ (Диккомиссия), Отряди ҳарбӣ-экспедитсионии Ҳисор, Анҷумани мусулмонони Шарқ ва ғайраҳоро дарк намояд. Дарк кардани ин мафҳумҳо танҳо дар ҳолате имконпазир аст, ки омӯзиш бо таҳлили заминаи сиёсиву таърихии ҳар мафҳум ҳамроҳ гардад.

Масалан, мафҳуми "ҷумҳурӣ" дар давраҳои гуногуни таърихӣ маънои мухталифро доштааст: он гоҳе ҳамчун шакли давлатдории мустақил, гоҳе ҳамчун вожаи зоҳирии истиқлолияти сиёсӣ дар дохили як сохтори федеролии шӯравӣ истифода мешуд. Фаҳмонидани ин тағйирот дар сатҳи таълим, ба хонанда имкон медиҳад, ки на танҳо мафҳумро азёд гирад, балки онро ба таври таҳлилӣ дарк намояд.

Ҳамзамон, хонанда бояд тавонад фарқи байни мафҳумҳои монанд, вале дорои маънои таърихии гуногунро фаҳмад — масалан, Бухорои Шарқӣ ва Бухорои Марказӣ, гарнизони Душанбе, Экспедитсияи Қаротегин,

Комиссариати ҳарбӣ, Комиссияи туркистонӣ, Бюрои сиёсӣ оид ба Осиёи Миёна (Средазбюро), Турккомиссия, Маъракаи мубориза бо босмачиён ва монанди инҳо [37, с. 20-29].

Дар заминаи рушди маърифатии хонанда, шиносоӣ бо мафҳумҳои иқтисодиву иҷтимоӣ низ аҳамияти калон дорад. Аз ҷумла, сиёсати "коммунизми ҳарбӣ", развёрсткаи озуқа, сиёсати нави иқтисодӣ, кооператсия ва шаклҳои гуногуни он, заминҳои амирӣ, дастгоҳи амирӣ, сохтмони шӯравӣ, иттифоқҳои меҳнатӣ, хоҷагии коллективӣ, саноатикунонӣ, нақшаи панҷсола, шанбегии коммунистӣ, мусобиқаи сотсиалистӣ, стахановчигӣ, колхоз ва совхоз, кулак ва ғайра.

Ҳамаи ин мафҳумҳо дар шароити таълими муосир бояд бо истифода аз усулҳои муосири фаҳмондадиҳии консептуалӣ, моделсозӣ, тақобули таърихӣ, усули муколимавӣ ва равишҳои тарбияи тафаккури интиқодӣ ба хонанда пешниҳод шаванд.

Ғайр аз ин, таълим бояд хонандаро бо мафҳумҳои марбут ба соҳаи фарҳанг ва маърифат шинос намояд: мактаби нав ва мактаби куҳна, мактабҳои духтарона, русӣ ва маҳаллӣ, мактаби маҳви бесаводӣ, муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ, театри касбӣ, коммунаҳои меҳнатӣ, чойхонаи сурх, клуб, матбуоти даврӣ, алифбои лотинӣ ва кириллӣ, ислоҳоти алифбо, инқилоби фарҳангӣ ва ғайра [37, с. 19].

Ҳамчунин, дарки мафҳумҳои сиёсӣ ва маъмурии давраи шӯравӣ — чун Эъломияи истиқлолият, Комиссияи конститутсионӣ, Сессияи фавқулодда, Анҷумани Шӯроҳо, Кумитаи иҷроияи марказӣ (КИМ), Шӯрои Комиссарони халқ (ШКХ), рамзҳои давлатӣ, низоми интихобот, сохтори давлатдорӣ — бояд на танҳо ба зеҳни хонанда ворид шавад, балки тавре фаҳмонда шавад, ки ӯ онҳоро дар ҳодисаҳои имрӯзӣ низ мавриди таҳлил қарор дода тавонад [41, с. 96].

Омӯзиши фанни «Таърихи халқи тоҷик» дар синфҳои 10–11 ҳамчун идомаи мантиқии марҳалаҳои таълимии синфҳои 5–9 мақоми махсусро дар низоми таълими таърихӣ ишғол менамояд. Дар ин зина, таваҷҷуҳи асосӣ ба

шинохти марҳалаи ҳассоси гузариши ҷомеаи тоҷик ба замони навтарини таърихӣ равона мегардад — даврае ки саросар бо шикасту соз, талошу таркиб ва бедории сиёсиву миллӣ фаро гирифта шудааст.

Мутобиқи даврабандии илмии барномаи таълимӣ, ин давра аз ғалабаи Инқилоби Октябри соли 1917 ва таъсиси Ҳокимияти Шӯравӣ оғоз гардида, то анҷоми Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва марҳалаи барқарорсозии баъдиҷангиро фаро мегирад [37, с. 20–29]. Гарчанде ин порчаи таърихӣ аз ҷиҳати хронологӣ тӯлонӣ нест ва камтар аз ним асрро дар бар мегирад, аммо аз лиҳози зичии воқеаҳо, тағйироти густардаи сохтории иҷтимоиву сиёсӣ ва бедории миллии тоҷикон аҳамияти стратегии хос дорад.

Дар ҳамин давра, тоҷикон, ки муддати дароз аз фазои давлатӣ ва имконоти мустақили сиёсиву фарҳангӣ маҳрум буданд, дар шароити пуртазоди сиёсати империалистии пешин ва идеологияи синфии Шӯравӣ, тавонистанд боз роҳи эҳёи давлатдории миллиро пайдо кунанд. Ташкили Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (1924) ва табдили он ба Ҷумҳурии иттифоқӣ (1929) воқеаҳои тасодуфӣ набуданд, балки самари муборизаи худогоҳонаи миллате буданд, ки ормони соҳибдавлатиро дар шароити сангин пиёда намуд.

Омӯзиши ин давра нишон медиҳад, ки бо вуҷуди маҳдудиятҳо ва маҳрумиятҳои фаровон — аз аздастравии марказҳои таърихии миллӣ ва танг шудани фазои истифодаи забони тоҷикӣ сар карда, то поймолшавии арзишҳои фарҳангӣ ва фишорҳои идеологӣ — тоҷикон дар роҳи худмонӣ, эҷод ва созандагӣ бо устуворӣ ва иродаи сиёсиву маънавӣ амал карданд.

Ин давра заминаро барои ташаккули заминаҳои ҷомеаи нави тоҷикон фароҳам овард: ҷомеае ки аз як воҳиди заифи деҳотӣ ба як ҷумҳурие бо заҳмати оммавӣ ва таҳаввулоти васеи фарҳангиву иқтисодӣ табдил ёфт. Сохтмони шаҳрҳои нав, ободсозии заминҳо, густариши шабакаҳои обёрии муосир, эҳёи илму адаб, ташаккули адабиёти навини миллӣ, ҳифзи забони модарӣ ва иштироки фаъолонаи тоҷикон дар дифои Иттиҳоди Шӯравӣ дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ, аз ҷумла, намунаҳои корнамоиҳои ватандӯстонаи

онҳо, шаҳодати равшани иқтидори эҷодӣ ва тамаддунофари ин миллат мебошанд [133, с. 20–29].

Бо вуҷуди шикастҳо ва талафот, бо вуҷуди мавҷудияти нобаробарӣ ва камбудиҳо, тоҷикон дар ҳамин давраи таърихӣ як бори дигар собит сохтанд, ки миллати тамаддунсоз ва худогоҳ мебошанд. Ин давра барои ташаккули худшиносии миллӣ ва гузоштани пояҳои истиқлолияти минбаъдаи давлатӣ, аҳамияти таърихии ногузир дорад ва омӯзиши ҳамаҷонибаи он дар сатҳи таълимӣ бояд бо равиши таҳлилӣ, муқоисавӣ ва муосир роҳандозӣ гардад.

Дар синфҳои 10–11 омӯзиши фанни «Таърихи халқи тоҷик» ба таври фаслбандӣ ва бо назардошти хосияти мавзуии рӯйдодҳои таърихӣ ташкил мешавад. Ҳар фасл як зинаи муҳимро дар шинохти равандҳои таърихии асри XX дар бар мегирад. Пас аз қисми муқаддимавӣ, ки дар он ҳадаф ва рисолати таълими фанни мазкур равшан мешавад, омӯзиш ба баррасии ҷараёни барпо гардидани Ҳокимияти Шӯравӣ дар қаламрави Тоҷикистони имрӯза шурӯъ мегардад.

Ҷараёни таъсиси Ҳокимияти Шӯравӣ дар минтақаҳои шимолии Тоҷикистон (Исфара, Конибодом, Истаравшан) асосан дар охири соли 1917 ва ибтидои соли 1918, баъди шикасти Мухторияти Қӯқанд амалӣ гардид. Дар минтақаҳои марказӣ ва ҷанубии ҷумҳурӣ бошад, ин раванд танҳо баъд аз сарнагун шудани тартиботи амирӣ дар Бухоро соли 1920 сурат гирифт ва то соли 1921 идома ёфт [37, с. 20–29].

Барқарорсозии сохти Шӯравӣ дар ин минтақаҳо на бо роҳи ризоият ва иродаи умумимиллӣ, балки дар натиҷаи шикасти ҳаракатҳои зиддишӯравӣ ва саркӯби босмачиён ба амал омад. Таърихан, солҳои 1924–1926 ҳамчун марҳалаи хотимавии муқовимати босмачиён сабт шудаанд, гарчанде дар баъзе навоҳии ҷанубу марказ фаъолиятҳои парокандаи онҳо идома доштанд [23, с. 3–20].

Мутолиаи таҳлилӣ нишон медиҳад, ки ин ҳаракатҳо, ки номан ба таври умум «зиддишӯравӣ» унвон шудаанд, дар асл бештар зери раҳбарии сарварони туркнажод сурат мегирифтанд ва ҳадафи асосии онҳо бештар

барпо намудани тарҳи навбатии пантуркистӣ буд, на дифоъ аз манфиатҳои воқеии тоҷикон. Ин нуқта барои хонанда бояд рӯшан гардад, то аз якхела тасвири «босмачӣ – миллӣ» худдорӣ карда шавад.

Пас аз ин муқовимат, соли 1924 дар доираи барномаи марзбандии миллию ҳудудии шӯравӣ Ҷумҳурии мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Воқеан, ин ташкили ҷуғрофиёиву маъмурии нав бештар манфиатҳои сиёсати ҳизбии Шӯравиро инъикос мекард, на манфиатҳои воқеии мардуми тоҷик. Он на танҳо бе таваҷҷуҳ ба хати табиӣ ва этникӣ анҷом ёфт, балки тоҷиконро аз марказҳои таърихии фарҳангиву иқтисодии худ — аз ҷумла Самарқанду Бухоро — ҷудо намуд [30, с. 437].

Аксари мардуми тоҷикзабон дар хориҷ аз ҳудуди ҷумҳурие монданд, ки барои онҳо номгузорӣ шуда буд. Махсусан, теъдоди бузурги тоҷикон дар вилояти Самарқанд, ноҳияҳои Бухоро ва қисмҳои дигари Осиёи Миёна, ки саҳми бузург дар ташаккули тамаддуни тоҷик доштанд, аз ҳайати ҷуғрофии Тоҷикистон канор монданд.

Бо вуҷуди ин маҳрумиятҳо ва фишорҳои сиёсӣ, тавассути муборизаҳои сиёсӣ ва талошҳои роҳбарони огоҳ ва қишрҳои бедор, дар давоми солҳои 1924–1929 Тоҷикистон тавонист мақоми ҷумҳурии иттифоқиро соҳиб гардад. Ин рӯйдод, гарчанде як пирӯзии нисбӣ буд, вале натавонист тамоми минтақаҳои тоҷикнишини Осиёи Миёнаро муттаҳид созад. Ба ҷуз шаҳри Хуҷанд ва ноҳияҳои атрофи он, дигар қисматҳои муҳими тоҷикнишин аз ин раванд берун монданд.

Омӯзиши ин мавзуъ дар таълими фанни таърихи халқи тоҷик бояд бо равиши таҳлилӣ, бо истифода аз харитаҳои таърихию этнографӣ, маъхазҳои муқоисавӣ ва баррасиҳои сиёсиву иҷтимоӣ амалӣ гардад. Ҳадаф бояд на танҳо омӯхтани рӯйдодҳо, балки фаҳми амиқи ангезаҳои сиёсиву идеологӣ, натиҷаҳои иҷтимоӣ ва паёмадҳои дарозмуддат бошад, ки барои шинохти ҳақиқии ташаккули давлатдории тоҷикон аҳамияти калидӣ доранд.

Хонандагон бояд дарк намоянд, ки солҳои 1929–1941 яке аз марҳилаҳои калидии ташаккули модели нави ҷомеаи сиёсӣ ва иқтисодии

шӯравӣ дар Тоҷикистон ба шумор меравад. Ин давра на танҳо аз ҷиҳати рӯйдодҳо серҳодиса, балки аз лиҳози табдили сохтори зиндагии мардум ва эҷоди бунёдҳои нави сиёсӣ, иқтисодӣ ва маънавӣ нуқтаи гардиши таърихӣ буд. Ин марҳала дар худ иҷрои се вазифаи стратегиро мутамарказ мекунад: саноатикунонӣ, коллективонии хоҷагии кишоварзӣ ва инқилоби мадании иҷтимоӣ.

Саноатикунонӣ дар шароити Тоҷикистон равиши махсус дошт. Агар дар ҷумҳуриҳои дигари Иттиҳоди Шӯравӣ нерӯи асосӣ ба рушди саноати вазнин равона гардида бошад, дар Тоҷикистон ин раванди тавлиди нерӯи иқтисодӣ бо бунёди саноати сабук шурӯъ гардид. Маҳз сохтмони фабрикаҳо, корхонаҳо ва таъсиси шабакаи истеҳсолии маҳаллӣ ба ташаккули синфи нави коргарӣ – коргари миллӣ – замина гузошт. Тоҷикон, ки то ин давра асосан ба кишоварзӣ ва зиндагии деҳот машғул буданд, тадриҷан ба муносибатҳои нави иқтисодии шаҳрӣ ворид гардиданд. Ба ҳамин тартиб, Тоҷикистон аз як ҷумҳурие бо хусусияти аграрӣ ба ҷумҳурие бо иқтисоди кишоварзӣ–саноатӣ табдил ёфт [33, с. 61].

Баробари ин, фаҳмиши мафҳуми коллективонидашавии хоҷагии деҳот аз муҳимтарин нуқтаҳои дарки донишомӯзона дар ин фасли таълим ба шумор меравад. Омӯзиши ҷараёни коллективонидашавӣ бояд на ба таври механикӣ, балки дар заминаи таҳлили сиёсати миллигардонии замин ва табдили он ба моликияти ҷамъиятӣ сурат гирад. Ин раванд, ки ба таъсиси колхозҳо, совхозҳо, коммунаҳо ва артелҳо мусоидат намуд, як маъракаи сиёсӣ–иқтисодӣ буд, ки бо ҳама мушкилоту шикастҳояш, сарчашмаи тағйироти муҳими иҷтимоиву заминдорӣ гардид.

Аз ҷумла, сохтмони каналҳои бузурги Ҳисор, Вахш ва Фарғона, ба гардиши кишоварзӣ даровардани заминҳои бекорхобида, таъсиси шаҳракҳои нав ва баланд гардидани иқтидори истеҳсолӣ нишонаи он аст, ки ин маърака натиҷаҳои назаррас дошт. Бо вуҷуди хатоҳои ҷиддӣ, саркӯбҳои сиёсӣ ва норизоиятии иҷтимоӣ, дастовардҳои моддии ин давра раднопазир аст.

Ҷанбаи севуми ин марҳала – инқилоби мадании иҷтимоӣ – ҳамчунин бояд бо нигоҳи танқидӣ ва таҳлилӣ омӯзонида шавад. Дарк намудани моҳияти ин раванд танҳо бо шумориши муассисаҳо ва чорабиниҳо имконпазир нест. Хонандагон бояд дарк кунанд, ки инқилоби маданӣ ба ташкили системаи нави маориф, шикастани бунёдҳои анъанавии таълим ва фароҳам овардани фазои фарҳангии муосир асос гузошт.

Гарчанде забони тоҷикӣ дар гузашта дар радифи забонҳои расмии коргузорӣ ва фарҳангӣ қарор дошт, сатҳи саводнокӣ дар миёни тоҷикон паст буд. Сабаби аслӣ на дар бесалоҳиятӣ ё бетаваҷҷӯҳии миллат, балки дар хусусияти анъанавии системаи таълими динӣ ва маҳдудияти дастрасӣ ба таълими умумӣ буд. Мадрасаҳо ва мактабҳои суннатӣ имкони фароҳам овардани низоми муосири умумӣ ва дастрасро надоштанд.

Маҳз дар натиҷаи инқилоби маданӣ шабакаи мактабҳои шӯравӣ, интернатҳо, мактабҳои ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, муассисаҳои маданиву маърифатӣ, театрҳои касбӣ, радио, матбуоти даврӣ ва марказҳои таҳқиқоти илмӣ дар ҷумҳурӣ роҳандозӣ гардиданд. Дар ниҳоят, поёҳои маънавии ҷомеа таҷдид шуданд ва худшиносии фарҳангии мардум бо забони модарӣ, адабиёти миллӣ ва фарҳанги муосир тақвият ёфт [37, с. 20–29].

Хонандагон бояд ба таври амиқ дарк намоянд, ки бо вуҷуди пешравиҳои назаррас дар ҷараёни сохтмони ҷомеаи шӯравӣ дар Тоҷикистон, ин давра на танҳо бо нерӯмандсозии иқтисодӣ ва фарогирии маориф маъруф аст, балки як зумра мағлубиятҳои ҷиддии миллию фарҳангӣ ва таъқибу маҳдудиятҳои ҳуқуқиро низ дарбар мегирад. Таърих дар ин марҳала бо ду чеҳра ба саҳна меояд: яке чеҳраи созанда ва дигаре чеҳраи фишоровар ва маҳдудкунанда.

Яке аз омилҳои муҳими фишори сиёсӣ аз даст рафтани мақоми расмии забони тоҷикӣ буд, ки дар давраи Ҷумҳурии Шӯравии Туркистон ва Ҷумҳурии Халқии Бухоро, ҳамчун яке аз забонҳои марказӣ, ба канор рафта, бар ивази он забонҳои русӣ ва туркӣ гардиданд. Ин як зарбаи сангин ба

худшиносии фарҳангии тоҷикон буд, ки то солҳои баъдӣ таъсири худро нигоҳ дошт.

Марзбандии миллию маъмурии соли 1924, ки дар зоҳир ҳамчун қадаме ба сӯи адолати миллӣ таблиғ мешуд, дар асл боиси маҳрум гардидани тоҷикон аз қисмати зиёди марзҳои таърихӣ, марказҳои фарҳангӣ ва манотиқи аҳолинишини тоҷикон гардид. Ин иқдом дар воқеият ба як навъ фишори сиёсӣ ва фарҳангӣ табдил ёфт, ки ба худшиносии миллии тоҷикон зарба зад ва нақши онҳоро дар равандҳои минтақавӣ коҳиш дод.

Бо фарорасии Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941–1945), тоҷикон, чун дигар халқҳои Иттиҳоди Шӯравӣ, дар сафи дифоъгарони Ватан қарор гирифтанд. Мубориза ва корнамоиҳои фарзандони Тоҷикистон дар майдонҳои ҷанг ва кишварҳои Аврупо алайҳи фашизм на танҳо далели садоқат ба истиқлолияти умумидевлатӣ буд, балки ифодаи шуури миллии устувор ва ҳисси масъулият дар баробари тамаддуни ҷаҳонӣ низ мебошад [52, с. 703].

Аммо муҳимтар аз он, хонандагон бояд нақши меҳнаткашони тоҷикро дар ақибгоҳ дарк намоянд. Маҳз онҳо буданд, ки бо нерӯи меҳнати хеш дар соҳаҳои кишоварзӣ, саноат, тандурустӣ ва таъминоти фронт ба ғалабаи умумӣ мусоидат карданд. Қаҳрамониҳои шахсиятҳои ҷудогона дар ақибгоҳ камтар инъикос ёфтаанд, вале таълим додани ҳамин воқеият дар мактаб боиси ташаккули эҳсоси ифтихори миллӣ ва дарки арзиши саҳми хоксоронаи халқи тоҷик дар рӯйдодҳои ҷаҳонӣ хоҳад шуд.

Аз ҳамин сабаб, омӯзиши марҳалаи аввали таърихи навтарини халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ аҳамияти сарнавиштсоз дорад. Он на танҳо бо далелҳои хушки таърихӣ, балки ҳамчун воситаи ташаккули худогоҳии миллӣ, эҳсоси таърихӣ ва тафаккури муқоисавии таърихӣ бояд пешниҳод шавад. Хонанда бояд на танҳо рӯйдодҳоро аз ёд гирад, балки фаҳмад, ки чӣ гуна раванди таърихӣ тақдири шахсии як миллатро шакл медиҳад. Дар ҳамин раванди хонандагон хулосаҳои пойдору муосир ба даст орад ва таърихи халқи хешро дар иртибот бо рӯйдодҳои умумибашарӣ ҷузъи мантиқии тафаккури худ қарор диҳад.

Ба таҳлили нақшаи таълими таърихи халқи тоҷик дар синфҳои 10–11 (барои соли таҳсили 2016–2017) назар афканда, мебинем, ки барои омӯзиши фан 34 соат дар назар дошта шудааст, ки ҳафтае як соатро дар бар мегирад. Дар стандарти фанни таълимӣ, аз ҷумла, ба рақами тартибии мавзуъҳо, ном ва мазмуни мавзуъ, ҳаҷми соатҳои таълимӣ, натиҷаи омӯзиш ва салоҳиятҳо, инчунин шакли дарсҳо аҳамияти махсус дода шудааст.

Ҳам дар синфи 10 ва ҳам дар синфи 11 барои омӯзиши муқаддима яксоатӣ ҷудо шудааст, ки омӯзгор бояд таваҷҷуҳи хонандагонро ба зарурати омӯзиши таърихи халқи тоҷик, робитаи фанн бо дигар фанҳо, ҳадаф ва вазифаҳои таълим ва имконоти ташаккули салоҳияти иттилоотию маърифатии онҳо ҷалб намояд [110, с. 29].

Масалан, омӯзиши мавзуи "Барпо гардидани Ҳокимияти Шӯравӣ дар ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон дар солҳои 1917–1924" бо се соат фаро гирифта мешавад. Ин мавзуъ санъати педагогии баландро талаб мекунад, зеро омӯзгор бояд методҳои таълимиро ба таври муассир интихоб кунад, ки на танҳо дониши хонандагонро зиёд намояд, балки салоҳиятҳои маърифатии онҳоро низ инкишоф диҳад [126, с. 48]. Мавзуъ дар се зербахш таҳия мегардад: 1) Барпо гардидани ҳокимияти шӯравӣ дар шимоли Тоҷикистон ва Помир; 2) Сарнагунии тартиботи амирӣ дар Бухорои марказӣ ва ғарбӣ; 3) Барпо гардидани ҳокимияти шӯравӣ дар Бухорои шарқӣ.

Дар рафти омӯзиш хонандагон бояд сабабҳо, шароит ва марҳилаҳои инқилоби Октябрро дар минтақаи Тоҷикистон дарк намуда, таъсири инқилоб ба Бухоро, нобаробарии сиёсӣ ва идеологии миёни ҳокимиятҳои амалкунанда ва оқибатҳои мубориза и сиёсиро бифаҳманд. Онҳо инчунин вазифаҳои Кумитаҳои инқилобӣ ва сабабҳои сарнагунии аморати Бухороро шарҳ дода тавонанд.

Мавзуи дигар — "Ҳаракати зиддишӯравӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон дар солҳои 1918–1924" мебошад, ки барои он 6 соат ҷудо гардидааст. Ин дарсҳо ба таври марҳилавӣ: чораҳои ҳокимияти шӯравӣ барои устуворгардонии тартибот дар шимоли Тоҷикистон ва Помир, хислати

ҳаракати зиддишӯравӣ дар минтақаҳои гуногун ва фаҳмиши вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон дар оғози даврони шӯравӣ бояд ба таври возеҳ ва таҳлилӣ пешниҳод шаванд [132, с. 94].

Илова бар ин, дар раванди таълим хонандагон бояд моҳияти сиёсати "коммунизми ҳарбӣ", сиёсати нави иқтисодӣ, гузариш ба ҳаёти осоишта, вазъи мактабу маориф, тандурустӣ ва фарҳангро тавсиф карда, имкони ташаккули салоҳиятҳои муқоисавӣ ва хулосабарориро дарёбанд.

Барои омӯзиши мавзуи "Ташкилёбии Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон" 3 соат, "Халқи тоҷик дар солҳои мавҷудияти Ҷумҳурии Мухтор" 4 соат ва "Ташкилёбии ҶШСТ" 2 соат вақт ҷудо шудааст. Ин тақсимот дар маҷмӯъ барои 34 соат омӯзиши фан пешбинӣ шудааст ва нишон медиҳад, ки имкони ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагон вуҷуд дорад [133, с. 84].

Таносуби мувофиқ миёни стандарт, барнома ва китоби дарсӣ ҳамчун омили калидии ташаккули салоҳияти иттилоотию маърифатии хонандагон дар синфҳои 10–11 арзёбӣ мешавад, аммо то имрӯз ин масъала пурра ҳал нашудааст. Дар амал, ихтилофи байни ин се унсур ба мушоҳида мерасад, ки на танҳо сифати таълим, балки рушди тафаккури интиқодӣ ва фаҳмиши таърихиро коҳиш медиҳад. Барои ислоҳи ин норасоӣ, баррасии дубораи муносибати методологӣ ва таҳрири маводи таълимӣ ба таври фундаменталӣ зарур аст.

## 1.3. Таърихи халқи тоҷик - мактаби худшиносӣ ва ифтихори миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ

Таърихи пуршарафи халқи тоҷик ҳамчун мактаби бузурги худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ аҳамияти таълимӣ, маърифатӣ ва тарбиявии беназир дорад. Омӯхтани саҳифаҳои дурахшони мубориза, фидокорӣ ва корнамоиҳои фарзандони барӯманди миллат на танҳо арҷгузорӣ ба гузашта, балки василаи бедории эҳсоси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ мебошад. Омӯзиши таърих, фарҳанг ва тамаддуни гузаштагон насли наврасро ба хештаншиносӣ, эҳтиром

ба арзишҳои миллӣ ва бедории иҷтимоӣ раҳнамун месозад. Дар ин замина, ҳар як шаҳрванди масъул уҳдадор аст, ки бо таърихи пурифтихори миллат шинос бошад, онро ҳамчун манбаи андешаи инсондӯстӣ ва арзишҳои ватандорӣ тарғиб намояд.

Дар иртибот ба ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таъкиди аҳамияти таълиму тарбия иброз доштанд:

«*То вақте ки тамоми ҷомеа ба мактаб ва низоми маориф рӯ наоварад, миллат дастнигар, хору зор, таҳқиргашта ва афроди он моил ба ҳама гуна ҷиноятҳои сангину пешгӯйнашаванда боқӣ хоҳад монд*» [137, с. 22].

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақобатҳои идеологӣ, нақши муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии миллӣ ва худогоҳии таърихии хонандагон бештар гардидааст. Дар ин раванд, фанни «Таърихи халқи тоҷик» имкониятҳои васеи тарбиявию маърифатӣ дошта, тавассути омӯхтани гузаштаи миллати тоҷик заминаи рушди тафаккури интиқодӣ, худшиносӣ ва масъулияти шаҳрвандиро фароҳам месозад. Ин фан бо мазмун ва равандҳои таърихии худ насли наврасро ба арзишҳои умумибашарӣ ва меҳанпарастӣ ошно намуда, онҳоро ба шахсиятҳои босаводу бофарҳанг ва ҷомеапазир табдил медиҳад.

Аз ин рӯ, таълими таърихи халқи тоҷик бояд на танҳо ба донишомӯзӣ, балки ба тарбияи инсонҳои боирода, масъул ва худшинос равона гардад.

«Тарбияи маънавӣ- ахлоқии насли наврас дар тамоми давру замон мубрам буд ва дар шароити муосир бошад, дар зери таъсири раванди ҷаҳонишавӣ, моҳияти махсусро касб намудааст» мегӯяд олими барҷастаи тоҷик М Лутфуллозода» [52. с. 413].

Дар фаъолияти омӯзгорӣ бар он ақидаам, ки ташкили тадбирҳои ҳадафманд оид ба тарбияи маънавию ахлоқии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо истифода аз намунаҳои ҳаёт ва фаъолияти шахсиятҳои барҷаста — олимон, шоирон, лашкаркашон ва қаҳрамонон —

аҳамияти махсус дорад. Омӯзиши илмии таърихи халқи тоҷик ба бедории шуури башардӯстонаи хонандагон мусоидат намуда, дар онҳо эҳсоси масъулият, иродаи устувор ва муҳаббат ба халқу Ватанро парвариш медиҳад.

Фанни таърихи халқи тоҷик ҳамчун манбаи маърифати миллӣ ва ахлоқӣ ба ташаккули эҳтиром ба волидон, ғамхорӣ нисбат ба мероси таърихиву фарҳангии миллати тоҷик ва рушди қобилияти маърифатии шахсият мусоидат менамояд. Омӯзиши шуурона ва ҳадафмандонаи ин фан дар хонандагон ҳисси масъулиятшиносӣ ва нияти созандагию бунёдкориро ташаккул медиҳад. Арзишҳои маънавию ахлоқии насли наврас дар шаклгирии завқ, талабот ва талоши пайваста ба дониши амиқи таърих ифода меёбанд.

Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ, вазифаи аслии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ тарбияи шаҳрвандони ватандӯст, худшинос, соҳибахлоқ ва таҳаммулгаро мебошад, ки бо муҳаббати самимӣ ба халқу Ватан ва эҳтиром ба халқу миллатҳои дигар муҷаҳҳазанд.

Таърих чун илми таҳлилии воқеаҳои гузашта, воситаи омӯхтани таҷрибаи таърихӣ ва дарёфти сабақ барои наслҳои имрӯзу фардо аст. Омӯзиши маводи таълимии синфи 10-ум, ки фасли аввали он бо мавзуи «Тоҷикистон дар давраи бунёди асосҳои ҷомеаи сотсиалистӣ. Гузариш аз феодализм ба сотсиализм» оғоз меёбад ва то ҳодисаҳои соли 1937 идома меёбад, хонандагонро бо раванди ташкили сохторҳои давлатӣ ва сиёсати ҳокимияти шӯравӣ шинос месозад.

Тавассути омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик, хонандагон дониши мукаммал оид ба хусусиятҳои ташаккули ҳокимияти давлатӣ дар Тоҷикистонро ба даст меоранд. Онҳо мефаҳманд, ки дар оғози асри XX, ташаккули идораи давлатӣ дар минтақаи тоҷикнишин дар муҳити сиёсӣ ва ҷуғрофии мураккаб сурат гирифт. То ин давра, сокинони минтақа дар ҳайати сохторҳои гуногуни ҳокимият — аз ҷумла аморати Бухоро, давлати Русия,

Афғонистон ва дигар давлатҳо қарор доштанд. Дар чунин шароит, раванди ташаккули ҳокимияти миллӣ вазифа ва мушкилоти навро пеш гузошт.

Пас аз инқилоби октябри соли 1917 ва таъсиси Ҳукумати Шӯравӣ, масъалаи ташкили сохторҳои нави идоракунӣ дар минтақа матраҳ шуд. Дар марҳалаи аввал, намояндагии гурӯҳҳои маҳаллӣ дар сохторҳои ҳокимият маҳдуд буд, ки як паҳлӯи дигари мушкилоти ташкили ҳокимияти миллӣ ба шумор мерафт [138, с. 176].

Баъдан, дар марҳилаи ташаккулёбии давлатдории шӯравии миллӣ дар Осиёи Миёна, тоҷикон низ дар ду ҳавзаи асосии сиёсӣ — дар қисмати шимолӣ, ки зери таъсири ҳукумати Туркистони Шӯравӣ қарор дошт, ва дар Бухорои Шарқӣ, ки баъд аз инқилоби сентябри соли 1920 мавриди дигаргунсозии сиёсӣ қарор гирифт, ба равандҳои сиёсиву маъмурӣ ҷалб шуданд. Ин ду низом — шӯравии русӣ ва шӯравии бухороӣ — бо хусусиятҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқии хоси худ фарқ доштанд.

Дар қисмати шимолии Тоҷикистон (вилоятҳои Суғд ва Бадахшон), пас аз ғалабаи Инқилоби Октябр ва таъсиси Ҳокимияти Шӯравӣ, шӯроҳо ҳамчун шакли нави ҳокимияти халқӣ ба миён омаданд. Онҳо дар асоси қарорҳои Анҷумани дуюми умумирусиягии шӯроҳо ва ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии он давра ташкил ёфта, ба рушди сохтори давлатдории маҳаллӣ замина гузоштанд [139, с. 102].

Муаллимон бояд дар шарҳи ин мавзуъ диққати хонандагонро ба он равона созанд, ки давлатдории шӯравӣ дар Тоҷикистон ба туфайли фаъолияти пешоҳангони ҳаракати коргарии рус, инчунин бар пояи принсипҳои адолати иҷтимоӣ ва баробарии миллатҳо таъсис ёфта буд. Омӯзиши муназзами ин равандҳо, бо истифода аз манбаъҳои таърихӣ ва таҳлили муфассал, ба ташаккули ҷаҳонбинии маърифатӣ ва ватанпарастонаи хонандагон мусоидат менамояд.

Хонандагони синфҳои 10–11 бояд дарк намоянд, ки шӯроҳо ҳамчун шакли ташкилоти ҷамъиятӣ пеш аз Инқилоби Октябр низ дар анъанаҳои таърихии ҷомеаҳои меҳнаткаш мавҷуд буданд. Онҳо на ихтирои мустақими

роҳбарони болшевик, балки падидаи эволютсионии муносибатҳои иҷтимоӣ ба шумор мерафтанд, ки дар шароити муайяни таърихӣ ҳамчун воситаи ҳамоҳангсозии ирода ва манфиатҳои гурӯҳҳои муайяни иҷтимоӣ ба вуҷуд омада, баъдан ҳамчун сохтори маъмурӣ истифода мешуданд [140, с. 192].

Ҳанӯз дар раванди инқилоби солҳои 1905–1907 дар Русия, шӯроҳо ҳамчун платформаи ташкили муборизаи меҳнаткашон ва инқилобиён арзи ҳастӣ карданд. Онҳо на танҳо муҳити ҳамгироии сиёсӣ фароҳам меоварданд, балки ба як рукни муҳими ифодаи иродаи қишрҳои заифшуда табдил ёфтанд. Маҳз дар ин давра, шӯроҳо бо ҳадафи ҳифзи манфиатҳои иҷтимоии коргарон, деҳқонон ва гурӯҳҳои пастпояи аҳолӣ ба як воситаи таъсирбахш табдил ёфта, нақши тарбиявию инсондӯстона пайдо намуданд.

Мавқеи муҳими таълим дар ин самт дар он аст, ки хонандагон қобилияти дарк кардани моҳияти сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Шӯравиро ба даст оранд. Аз ҷумла, фаҳманд, ки аввалин ҳукумати пас аз Инқилоби Октябр — Шӯрои Комиссарони Халқ — таҳти роҳбарии В. И. Ленин таъсис ёфт ва дар ҷараёни кори Анҷумани дуюми умумирусиягии шӯроҳо қонунӣ гардонида шуд. Мақсади ин ҳукумат ташкили сохтори давлатӣ бар асоси адолати иҷтимоӣ, баробарӣ ва намояндагии қишрҳои меҳнаткаш буд.

Дар ҳамин замина, Шӯрои Комиссарони Халқии Туркистон таъсис ёфт, ки дар навбати худ замина барои ташкил шудани Ҷумҳурияти Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Туркистон гардид. Омӯзиши ин марҳала барои ташаккули ҷаҳонбинии иҷтимоӣ ва маърифатии хонандагон мусоидат намуда, дарки беҳтари равандҳои таърихиро фароҳам меорад.

Дар ҷараёни таҳлил, хонандагон бояд фарқияти шӯроҳои Туркистон ва шӯроҳои маркази Русияро дарк намоянд. Аз ҷумла, шӯроҳои Туркистон хусусиятҳои хоси миллию маҳаллиро доштанд. Дар марҳилаи ибтидоӣ (аз моҳи март то тобистони соли 1917), шӯроҳои русӣ ва шӯроҳои мусулмонони маҳаллӣ алоҳида амал мекарданд. Бо гузашти вақт, ин ду ҷараён ба ҳам омехта шуда, бо номи шӯроҳои муттаҳидаи коргарон, аскарон ва деҳқонон

фаъолият карданд, ки зина ба зина ба ташаккули сохтори давлатии минтақавии нави шӯравӣ асос гузошт [142, с. 20–29].

Таърих танҳо маҷмӯи рӯйдодҳои гузашта нест. Он як воситаи муҳими тарбияи ҷаҳонбинӣ, худшиносӣ ва таҳкими масъулияти иҷтимоии шахсият ба ҳисоб меравад. Дар тамоми марҳилаҳои рушди ҷомеа, фанни таърих нақши таълимдиҳанда, тарбиякунанда ва бедоркунандаи тафаккурро иҷро карда, ба ташаккули шуури миллию башардӯстонаи насли ҷавон мусоидат намудааст.

Таърих ҳамчун фанни таълимӣ дорои методология ва мантиқи хоси омӯзиш мебошад. Мафҳуми "методология", ки аз калимаи юнонии "методос" (роҳ, усул, восита) бармеояд, дар таълими таърих маънои васеъ ва амиқро дорост: он на танҳо тарзи омӯзиш, балки ҷаҳонбинӣ ва шеваи таҳлили воқеият мебошад. Агар ин хусусиятҳо сарфи назар шаванд, дар хонандагон имкони ташаккули салоҳиятҳои тафаккури интиқодӣ, маърифатии муназзам ва муносибати арзишӣ коҳиш меёбад.

Ба таъкиди олими маъруф И. Я. Лернер, дар таълими фанҳои иҷтимоӣ истифодаи маводе муҳим аст, ки дорои неруи тарбиявӣ ва инкишофбахш бошанд. Ҳар гуна иттилоъе, ки танҳо барои ёдрас кардани сана ва ҳодисаҳо хидмат мекунад, наметавонад ба ташаккули фаҳми амиқ ва салоҳияти маърифатии хонандагон мусоидат намояд. Аз ин рӯ, ба таълим бояд бо назари таҳлилӣ, муқоисавӣ ва иҷтимоӣ нигоҳ кард, то ки дар хонанда на танҳо донишу маълумот, балки малакаи хулосабарорӣ ва арзёбӣ пайдо гардад [51, с. 3–46].

Таҷрибаи таълими таърих дар шароити шӯравӣ нишон медиҳад, ки мазмуни фан зери таъсири идеология қарор дошт ва омӯзгорон низ бо назардошти меъёрҳои сиёсӣ интихоб мешуданд. Ин амал равандҳои табиии фаҳми таърихро маҳдуд мекард ва аз шаклгирии таҳлили озод ҷилавгирӣ менамуд. Дар замони муосир, ки ҷаҳонишавӣ ва иттилоотгароӣ тағйироти решавӣ ба амал овардааст, омӯхтани таърих аз як усули анъанавии омӯзиш ба як ҷараёни фаъоли маърифатӣ табдил ёфтааст.

Барои он ки таълим натиҷаовари воқеӣ дошта бошад, омӯзгорони фанни таърих бояд бо чашми таҳлилгар ба воқеият нигоҳ кунанд. Онҳо бояд на танҳо аз китобҳои дарсӣ, балки аз сарчашмаҳои мустақил, таҳқиқоти илмӣ, таҳлили муосир ва таҷрибаи таълимии байналмилалӣ истифода намоянд. Танҳо дар ҳамин ҳолат таърих метавонад василаи тавонои шаклдиҳии шахсият, шуури миллӣ ва ҷаҳонбинии устувори фарҳангӣ гардад.

Сарчашмаҳои донишҳои таърихӣ гуногунанд ва дар ташаккули салоҳиятҳои маърифатӣ-таълимии хонандагон нақши муҳим мебозанд. Дар ин замина, воситаҳои аёнӣ, маводи намоишӣ, харитаҳо ва саволномаҳои мавзуии иловагӣ ҳамчун унсурҳои ёрирасони омӯзишӣ хидмат мекунанд. Омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ на танҳо дониши назариявиро талаб мекунад, балки аз хонандагон қобилияти устувории ирода, диққати психологӣ, хотираи фаъол ва малакаи дар хотир нигоҳ доштани иттилооти муҳими таърихиро низ тақозо менамояд [133, с. 20–42].

Дар раванди таълим, омӯзгор бояд кӯшиш намояд, ки хонандагон ба таври мустақилона аз рӯйдодҳои таърихӣ далелҳои заруриро ҷустуҷӯ, таҳлил ва татбиқ намуда тавонанд. Барои амалӣ гардидани ин ҳадаф, омӯхтани намудҳои гуногуни сарчашмаҳои таърихӣ ва инкишофи малакаи кор бо онҳо, ба яке аз ҷузъҳои муҳими ташаккули тавоноии маърифатии таълим табдил меёбад.

Мазмуни таълими фанни таърих дар тамоми муассисаҳои таълимӣ яксон татбиқ намегардад. Дар мактабҳои махсус барои кӯдакони болаёқат, инчунин дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ — аз ҷумла самтҳои омӯзгорӣ, техникӣ, хоҷагии қишлоқ, тандурустӣ, ҳуқуқ ва тарбияи ҷисмонӣ — таълими таърих бештар ба шакли умумидонӣ сурат мегирад. Яъне, таълим дар ин муассисаҳо асосан барои фароҳам овардани тасаввури умумӣ дар бораи раванди таърихӣ равона шудааст ва ба таври амиқ ва тахассусӣ амалӣ намегардад.

Бо ин ҳисоб, зарурати бознигарии мазмуни таълим ва мутобиқсозии он ба талаботи замон, аз ҷумла таҳкими ҷанбаҳои маърифатӣ, таҳлилӣ ва тарбиявӣ, дар сиёсати таълими таърих баръало эҳсос мегардад.

Барномаи таълимии фанни «Таърихи халқи тоҷик» мутобиқ ба талаботи «Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Нақшаи намунавии таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015–2020» таҳия гардидааст. Мутобиқи ҳуҷҷатҳои зикршуда, ҳадафи асосии таълими таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ шинос намудани хонандагон бо воқеаҳо, шахсиятҳо ва ҷараёнҳои муҳими таърихии марбут ба миллати тоҷик, ташаккули ҷаҳонбинӣ ва тафаккури таърихии онҳо, тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва башардӯстӣ, инчунин омода кардани онҳо ба ҳаёти мустақилонаи иҷтимоӣ мебошад [130, с. 3–10].

Фанни таърихи халқи тоҷик ба омӯзиши воқеаҳо ва равандҳои таърихӣ, истилоҳоти илмӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии таърихии хонандагон равона шудааст. Ҳадафи асосии он – таҳкими дониш, маҳорат ва малакаи таҳлилии хонандагон мебошад, то ки онҳо сабаб ва натиҷаи воқеаҳои таърихиро дарк карда, робитаи миёни онҳо ва нақши шахсиятҳоро баҳо дода тавонанд.

Дар баробари ин, омӯзиши фан имконият фароҳам меорад, ки хонандагон андешаи шахсии худро ташаккул дода, онро асоснок ҳимоя намоянд. Донистани санаҳо, тартиби рӯйдодҳо, ҷуғрофияи таърихӣ ва давраҳои тамаддуни халқи тоҷик низ аз вазифаҳои муҳими таълим ба шумор меравад.

Барномаи таълимии фан барои ҳар синф меъёрҳои равшани дониш, маҳорат ва малакаҳоро муқаррар намудааст. Омӯзгор бояд робитаҳои дохилфаннӣ ва байнифаннӣ бо дигар фанҳо, аз ҷумла забон, адабиёт, география, ҳуқуқ ва илмҳои дақиқро дар назар гирад [135, с. 22–34].

Ин равиш, ки ба таълими ҳамгиро асос ёфтааст, аҳамияти таълимӣ ва тарбиявии таърихи халқи тоҷикро таҳким мебахшад. Такрори баъзе мавзуъҳо

дар курсҳои таърихи умумӣ ва таърихи халқи тоҷик ҳадафманд аст, зеро онҳо вазифа ва мақоми гуногунро дар равандҳои таълимӣ иҷро мекунанд.

Барномаи таълими фанни таърихи халқи тоҷик барои синфҳои 10 ва 11 мутобиқи талаботи давлатии таҳсилот дар ҳаҷми 34 соат барои ҳар як синф таҳия шудааст. Дарсҳо ҳафтае як маротиба баргузор мешаванд ва дар маҷмӯъ дар як соли таҳсил 34 соатро ташкил медиҳанд. Қисме аз соатҳо барои такрори маводи омӯхташуда, арзёбии сатҳи дониши хонандагон ва корҳои иловагӣ ҷудо мегардад, ки ба таҳкими салоҳиятҳои таърихии онҳо мусоидат менамояд [139, с. 220].

Татбиқи ин барнома ба омӯзгор имкон медиҳад, ки ҷараёни таълимро мунтазам назорат намуда, дониши умумии хонандагонро дар ҳар нимсолаи таҳсил арзёбӣ намояд. Ҳамзамон, таъкид мешавад, ки новобаста аз шакли муассиса ё шумораи соатҳои таълимӣ, тағйир додан ё ихтисори мавзуъҳои барнома ғайри қобили қабул аст, зеро он ба таври меъёрӣ барои ташаккули ҷаҳонбинии таърихии хонандагон пешбинӣ шудааст.

Мутобиқи барномаи таълимии фанни «Таърихи халқи тоҷик» барои синфи 10, омӯзиши фан дар ҳаҷми умумии 68 соати дарсӣ пешбинӣ шудааст. Дар оғози муқаддима 1 соат барои шарҳи умумии муҳтавои фан, ҳадафҳои таълим ва аҳамияти таълими таърихи халқи тоҷик дар марҳилаи синфи 10 ҷудо мегардад. Дар ҷараёни ин дарс, хонандагон бо заминаи методологӣ ва мантиқи даврабандии таърихи халқи тоҷик дар давраи солҳои 1917–1945 шинос шуда, хусусиятҳои таълим дар шароити гузариш ба ҷомеаи шӯравӣ, инчунин робитаи фан бо таърихи умумӣ ва манбаъҳои ёрирасонро меомӯзанд [126, с. 48].

Барои омӯзиши мавзуи якуми барнома — «Тоҷикистон дар давраи бунёди давлати миллӣ-шӯравии иҷтимоӣ (1917–1924)» — 21 соат ҷудо шудааст. Дар доираи он, мавзуи «Ибтидои ташаккули сохторҳои идоракунии давлатӣ ва таъсиси ҳокимияти Шӯравӣ дар Тоҷикистон» омӯхта мешавад. Омӯзиши ин қисмат ба дарки табиати ҳокимияти нави пролетарӣ, деҳқонӣ ва зиёиёни пуштибони аҳолии заҳматкаш равона гардидааст.

Дарси дуюм, бо 2 соат вақти таълим, барои омӯзиши ҳуҷҷатҳои асосии ташкилдиҳандаи сохтори нави сиёсӣ, аз ҷумла «Эъломияи ҳуқуқи халқҳои заҳматкаш ва мазлум», «Эъломияи ҳуқуқи халқҳои Русия» ва муроҷиатномаи машҳури «Ба ҳамаи мусулмонони заҳматкаши Русия ва Шарқ» пешбинӣ шудааст. Ин маводҳо ба ташаккули тафаккури таърихии хонандагон ва дарки асосҳои ҳуқуқии сиёсати онвақтаи давлатӣ мусоидат мекунанд.

Дарси сеюм, дар ҳаҷми 2 соат, масъалаи барҳам додани сохторҳои куҳнаи давлатӣ ва ташкили мақомоти нави ҳокимияти шӯравӣ, аз ҷумла милиса, нерӯҳои мусаллаҳ ва судҳоро дар бар мегирад. Ин мавзуъ барои фаҳмиши раванди гузариш аз низоми пешин ба сохтори нави сиёсӣ ва иҷтимоӣ аҳамияти муҳим дорад.

Мавзуи чорум — чорабиниҳои иқтисодии ибтидоии ҳукумати Шӯравӣ дар Тоҷикистон — бо 2 соат вақти таълимӣ пешбинӣ гардида, масъалаҳои амалӣ гардидани назорати коргарӣ ва оғозиислоҳоти обу заминро дар бар мегирад.

Мавзуи панҷум ба таҳлили сабабҳои ҳаракатҳои зиддишӯравӣ ва ҷанги шаҳрвандии солҳои 1918–1920 дар қаламрави Тоҷикистон бахшида шудааст. Ин мавзуъ, ки дар доираи 2 соат омӯхта мешавад, хонандагонро ба дарки омилҳои мухталифи иҷтимоӣ, сиёсӣ ва минтақавии шиддатгирии муқовиматҳо водор мекунад.

Дарси шашум мавзуи «Ҷараёни ҷанги шаҳрвандӣ дар вилояти Суғд дар солҳои 1918–1923»-ро дар бар гирифта, дар он хонандагон таҳаввулоти асосии сиёсию низомии минтақа, сабабҳои ба миён омадани низоъ ва хосиятҳои он дар Шимоли кишварро меомӯзанд.

Мавзуи дигар, ки ба барҳам додани бекигарии Мастчоҳ ва итмом ёфтани ҷанги шаҳрвандӣ дар Суғд, инчунин ҷараёни он дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бахшида шудааст, бо 1 соат дар барнома ифода ёфтааст. Дар ин қисмат, диққат ба масъалаи фаъолияти сохторҳои ҳарбию сиёсӣ («Сегонаи сиёсӣ-ҳарбӣ») ва хосияти муқовимат дар Бадахшон

равона карда мешавад. Ин таҳлил барои ташаккули малакаҳои таҳқиқи сабабу пайомадҳои воқеаҳои таърихӣ аҳамияти назаррас дорад [126, с. 48].

Барои омӯзиши мавзуи «Ҳаракати зиддишӯравӣ ва оғози ҷанги шаҳрвандӣ дар Бухорои Шарқӣ» дар синфи 10-ум 2 соат вақти таълимӣ пешбинӣ шудааст. Мақсади асосии омӯзиши ин мавзуъ — шиносоии хонандагон бо заминаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии шурӯи ҷанги шаҳрвандӣ дар минтақа, таҳлили амалкарди гурӯҳҳои зиддишӯравӣ, аз ҷумла мубориза бар зидди Иброҳимбек ва омилҳои омадани Анварпошо ба қаламрави Бухорои Шарқӣ мебошад. Дар ҷараёни омӯзиш, хонандагон инчунин бо шахсиятҳое чун Салим ва Махсуми Фузайл шинос шуда, ангезаҳо, ҷаҳонбинӣ ва ниятҳои онҳо низ мавриди таҳлил қарор мегиранд. Ин раванд имконият медиҳад, ки дар хонандагон қобилияти таҳлили воқеаҳои таърихӣ, арзёбии танқидӣ ва ташаккули шуури шаҳрвандӣ ба таври марҳилавӣ рушд ёбад.

Мавзуи «Сабабҳои ғалабаи ҳокимияти Шӯравӣ ва шикасти босмачигарӣ дар ҷанги шаҳрвандӣ», ки барои омӯзиши он 1 соат ҷудо шудааст, барои густариши тавоноии маърифатии хонандагон аҳамияти назаррас дорад. Дар доираи ин дарс, хонандагон вазифадоранд сабабҳои асосии ғалабаи сиёсати шӯравиро на танҳо аз дидгоҳи расмии марксистӣ ва материалистӣ, балки бо муқоисаи назариявии он бо дидгоҳҳои мухолиф, аз ҷумла идеалистӣ ва назарияи душманони сотсиализм, мавриди арзёбӣ қарор диҳанд. Ин равиш ба рушди тафаккури интиқодӣ ва қобилияти муқоисавӣ дар хонандагон мусоидат менамояд.

Ҳамзамон, омӯзиши мавзуъҳои марбут ба «Ҳимояи манфиатҳои меҳнаткашон аз ҷониби ҳокимияти Шӯравӣ» ва «Вазъияти иқтисодии халқи тоҷик дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ», ки барои онҳо дар барнома 2 соат ҷудо шудааст, низ нақши калидӣ дар ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатии хонандагон бозӣ мекунад. Ин дарсҳо на танҳо ба афзоиши дониши таърихии хонандагон, балки ба тарбияи шахсияти фаъоли иҷтимоӣ ва мутобиқ ба воқеияти ҷамъиятӣ мусоидат менамоянд.

Дар доираи барномаи таълимии таърихи халқи тоҷик барои синфи 10-ум, омӯзиши мавзуъҳои муҳиме чун «Сиёсати иқтисодии ҳокимияти Шӯравӣ», «Ҷорӣ гардидани сиёсати коммунизми ҳарбӣ ва хусусияти он дар Тоҷикистон», «Сиёсати нави иқтисодӣ (СНИ) дар Тоҷикистон», «Гузариши халқи тоҷик ба ҳаёти осоишта» ва «Тақсимоти миллӣ-маъмурии Осиёи Миёна» ҳамагӣ ба муҳлати умумии 2 соати дарсӣ маҳдуд гардидааст. Ин иқдом, новобаста аз аҳамияти мазмунӣ ва таърихии мавзуъҳо, имкониятҳои таҳлили амиқ ва ташаккули салоҳиятҳои маърифатии хонандагонро маҳдуд месозад.

Бо назардошти ин, зарур аст, ки омӯзгорон барои омӯзиши мазмуни ин мавзуъҳо аз манбаъҳои иловагӣ истифода баранд, аз ҷумла асарҳои муҳаққиқи шинохта — академик Раҳим Масов, ки дар навиштаҳои худ ба масъалаи тақсимоти сунъии этникӣ ва ҷуғрофиёии Тоҷикистон таваҷҷуҳи амиқ зоҳир намудааст. Омӯзиши интиқодии равандҳои марбут ба тақсимоти маъмурии Осиёи Миёна ва таъсири он ба таъсисёбии Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (ҶМШСТ), на танҳо ҷаҳонбинии таърихии хонандагонро густариш мебахшад, балки ҳисси худшиносӣ ва ифтихори миллиро низ таҳким мебахшад [126, с. 48].

Бояд таъкид кард, ки мавзуи «Тақсимоти миллӣ-маъмурии Осиёи Миёна» бо зермавзуъҳои он, аз қабили «Зарурати тақсимот», «Пешниҳодҳо оид ба масъалаи тақсимот», «Манфиатҳои тоҷикон дар ҶМШС Туркистон ва ҶХШ Бухоро», «Таъсиси комиссияи тоҷикӣ оид ба тақсимот» ва «Раванди таъсисёбии ҶМШСТ», бо як соат вақти дарсӣ фаро гирифта шудааст. Ин гуна фишурдасозии мавод омӯзгорро маҷбур месозад, ки тадбирҳои педагогии иловагӣ андешад, аз ҷумла ташкили маҳфилҳои таърихӣ, гузаронидани хонишҳои беруназсинфӣ ва чорабиниҳои муҳокимавӣ барои таҳкими шуури таърихии хонандагон.

Махсусан, омӯзиши объективии раванди ташкили ҶМШСТ дар шароити таърихии номуътадил, беғаразона фаҳмондани ангезаҳо ва манфиатҳои миллӣ дар ин раванд, ба омӯзгорони фанни таърих масъулияти

баланд мегузорад. Танҳо тавассути таҳлили муфассали чунин равандҳои таърихӣ метавон дар хонандагон на танҳо дониши воқеӣ, балки тавоноии маърифатии дарёфти ҳақиқат ва ташаккули шахсияти фаъоли шаҳрвандиро рушди воқеӣ бахшид.

Дар чаҳорчӯби барномаи таълимии фанни таърихи халқи тоҷик, ба омӯзиши мавзуи дуюм — «Тоҷикистон дар давраи мухторият (солҳои 1924–1929)» — ҳамагӣ 11 соат вақти дарсӣ ҷудо гардидааст. Аз он, як соат ба омӯзиши мавзуи «Вазифаҳои навбатии ҳукумат ва халқи ҶМШС Тоҷикистон дар давраи мухторият» ихтисос ёфтааст. Новобаста ба муҳим будани ин масъала барои дарки ҷараёни ташаккули ҳокимияти миллӣ ва масоили сиёсати дохилӣ, ҳаҷми ҷудошуда имконияти таҳлили амиқ ва ташаккули қобилияти маърифатии хонандагонро маҳдуд мегардонад.

Омӯзиши мавзуи «Авзои сиёсиву ҷамъиятии ҶМШС Тоҷикистон», ки барои он 2 соат дар назар гирифта шудааст, ба омӯзиши сохтор ва ташаккули ташкилотҳои ҳизбӣ, аз ҷумла қисматҳои Туркистону Бухорои Шарқӣ, аҳамияти хос дорад. Дар ин замина, омӯзгорон метавонанд тавассути баррасии таҳаввулоти сиёсӣ, иштироки неруҳои маҳаллӣ дар идоракунии давлати навтаъсис, инчунин нақши ҳизби ҳоким дар ташаккули низоми сиёсии мамлакат, дар хонандагон мафҳум ва шинохти сохторҳои сиёсиро амиқ гардонанд. Ин раванд ба рушди тафаккури таҳлилӣ ва қобилияти муқоисавии таърихӣ мусоидат менамояд.

Ҳамчунин, ба мавзуи «Азнавбарқароркунии хоҷагии халқи ҶМШС Тоҷикистон», ки 2 соати таълимиро дар бар мегирад, таваҷҷуҳи ҷиддӣ зарур аст. Ин мавзуъ замина фароҳам меорад, ки хонандагон бо ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии давраи пас аз тақсимоти маъмурӣ ва таъсисёбии мухторият шинос шаванд. Фаҳми муҳтавои сиёсати иқтисодии ҳукумат дар заминаи шароити ҷуғрофӣ, захираҳои маҳаллӣ ва имкониятҳои институти давлатдории тоҷикон, имконият медиҳад, ки хонандагон воқеияти таърихиро дарк намоянд ва дар худ қобилияти таҳлили вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии кишварро ташаккул диҳанд.

Дар баробари ин, омӯзиши мавзуи «Мубориза синфӣ дар давраи мухторият», ки ба он низ 2 соат ҷудо шудааст, барои инкишофи қобилияти шинохт ва арзёбии таноқузоти иҷтимоии давр мусоидат мекунад. Ҳамзамон, мавзуъҳои «Зарбазанӣ бар зидди Иброҳимбек», «Барҳам дода шудани моҷарои Махсуми Фузайл» ва «Фарҳанг дар давраи ташаккули давлати миллӣ-иҷтимоӣ (1917–1929)», ки ҳамагӣ 1 соатро дар бар мегиранд, бо вуҷуди фишурда будан, дорои аҳамияти таълимӣ ва тарбиявии хеле баланданд. Омӯзиши ин масъалаҳо имкон медиҳад, ки хонандагон шеваҳои мубориза барои барқарорсозии ҳокимият ва тартиботи давлатӣ, мушкилоти муқовимати мусаллаҳона, инчунин талошҳои фарҳангӣ барои эҳёи худшиносии миллӣ ва муосирикунонии ҳаёти ҷамъиятиро фаҳманд [126, с. 48].

Бинобар ин, ба омӯзгор тавсия дода мешавад, ки барои таъмини рушди ҳамаҷонибаи салоҳиятҳои маърифатии хонандагон дар баробари истифодаи китобҳои дарсӣ, аз чорабиниҳои беруназсинфӣ, маҳфилҳои таърихӣ, ҳуҷҷатҳо ва маводи архивӣ низ фаъолона истифода намояд. Ин гуна муносибати ҳамгиро ба таълими таърих кафолати ташаккули тафаккури интиқодӣ ва қобилияти арзёбии воқеиятҳои таърихӣ хоҳад шуд.

Тибқи барномаи таълимии таърихи халқи тоҷик барои синфи 10-ум, дар заминаи Стандарт ва китоби дарсӣ, барои омӯзиши мавзуъҳои муҳим ба мисли «Маориф ва мактаб», «Адабиёт», «Илм ва муассисаҳои илмӣ», «Муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ», инчунин «Таъсисёбии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон» ҳамагӣ 1 соат пешбинӣ шудааст. Бо дарназардошти аҳамияти баланд ва нақши ин мавзуъҳо дар бедорсозии худшиносии таърихии хонандагон, чунин ҳаҷми вақт нокифоя арзёбӣ мешавад ва барои ташаккули салоҳиятҳои маърифатии хонандагон имконияти заруриро фароҳам намеорад [126, с. 48].

Инчунин, дар барнома барои омӯзиши мавзуъҳои муҳим ба монанди «Аз мухторият ба соҳибихтиёрӣ», «Анҷумани шӯроҳои умумитоҷикистонӣ ва қарорҳои онҳо» ҳамагӣ 1 соат ҷудо шудааст. Бо назардошти ҷойгоҳи

таърихии ин равандҳо, ки бевосита ба ташаккули истиқлолияти сиёсӣ ва таҳкими ҳувияти миллӣ иртибот доранд, чунин вақти кӯтоҳ имконияти фарогирии мазмуни амиқро маҳдуд месозад. Ба ҳамин монанд, барои дарси такрорӣ ва дарси санҷиши тестӣ барои нимсолаи аввали таҳсил ҳар кадом 1 соат ҷудо шудааст, ки танҳо дар ҳолати истифодаи технологияҳои муосири таълимӣ метавонад то ҳадде самаранок гардад.

Мавзуи сеюми барнома — «Тоҷикистон дар давраи бунёди асосҳои ҷомеи иҷтимоӣ (1929–1937)» — бо ҳаҷми умумии 18 соат пешбинӣ гардидааст. Аз он, барои омӯзиши мавзуи «Сиёсати шӯравии саноатикунонии Тоҷикистон ва хусусияти он» танҳо 1 соат ва барои мавзуъҳои «Мазмун ва фаҳмиши ҷамъиятии саноатикунонӣ», «Нақшаи саноатикунонии Тоҷикистон», «Соҳаҳои асосии саноат» 2 соат ҷудо гардидааст, ки дар маҷмӯъ қобилияти ташаккул додани ҷаҳонбинии истеҳсолии хонандагонро дар сатҳи лозима таъмин намекунад [126, с. 48].

Дар доираи ҳамин мавзуъ, омӯзгорон бояд таваҷҷуҳи хонандагонро ба моҳияти сиёсати саноатикунонӣ, сабабҳо ва натиҷаҳои он, инчунин шароити мушаххаси Тоҷикистон дар солҳои мазкур равона созанд. Барои омӯзиши бахшҳои марбут ба «Саноати хӯрокворӣ», «Саноати бофандагӣ», «Саноати сохтмонӣ», «Саноати кӯҳӣ», «Саноати вазнин», инчунин мавзуи «Сиёсати давлатии тайёр кардани синфи коргар», танҳо 1 соат пешбинӣ гардидааст. Ҳамаи ин мавзуъҳо, ки ба ташаккули таҳлил ва фаҳмиши сохторҳои иқтисодии ҷомеа мусоидат мекунанд, наметавонанд дар ин муҳлати кӯтоҳ ба таври самаранок омӯхта шаванд.

Илова бар ин, мавзуи «Мусобиқаи истеҳсолӣ дар давраи бунёди ҷомеаи сотсиалистӣ» ва зершохаҳои он: «Аз шанбегиҳои коммунистӣ ба мусобиқаи меҳнатӣ», «Шаклҳои мусобиқа», «Санадҳо аз таърихи мусобиқа» низ танҳо дар доираи 1 соат дар барнома дарҷ гардидааст. Дар чунин шароит, омӯзгору хонанда маҷбур мешаванд, ки бо истифода аз фаъолиятҳои беруназсинфӣ — аз ҷумла маҳфилҳо, тадқиқоти инфиродӣ ва кори гурӯҳӣ — фазои маърифатиро густариш диҳанд [126, с. 48].

Ҳамчунин, барои мавзуъҳои назариявию ҷамъбастии ба монанди «Назария ва амалияи саноатикунонии сотсиалистӣ», «Сиёсати шӯравӣ дар соҳаи коллективонӣ», «Хусусиятҳои амалӣ гардидани он дар Тоҷикистон» ҳамагӣ 1 соат пешбинӣ шудааст. Бо дарназардошти аҳамияти муҳими ин равандҳо дар таърихи кишвар ва таъсири онҳо ба ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ, чунин баррасӣ нокифоя арзёбӣ мегардад.

Дар барномаи таълимии таърихи халқи тоҷик барои синфи 10-ум, омӯзиши мавзуи «Раванди коллективонӣ дар солҳои панҷсолаи якум (1928/1929–1932/1933)» танҳо бо 1 соат дарс пешбинӣ гардидааст. Дар доираи ин вақт, омӯзгор бояд сиёсати саросарӣ ва ҳатмии коллективониро, инчунин омилҳои мухталифи халалрасонро ба хонандагон ба таври дақиқ ва дар доираи меъёрҳои педагогӣ шарҳ диҳад. Омӯзиши ин мавзуъ, ки ба раванди тағйири куллии муносибатҳои заминдорӣ ва иҷтимоии деҳот дахл дорад, барои дарки механизми иҷбории ислоҳоти аграрӣ ва таъсири он ба деҳқонон нақши муҳим мебозад [126, с. 48]

Мавзуи марбут ба сиёсати сохтмони хоҷагиҳои колхозӣ дар солҳои панҷсолаи дуюм (1933–1937) низ танҳо бо 1 соат дар барнома дарҷ гардидааст. Ҳол он ки дар ин марҳала равандҳои муҳим, аз қабили мустаҳкамшавии сохторҳои колхозӣ, фарқияти байни колхоз ва совхоз, ва таъсири сиёсати давлатӣ ба иқтисоди деҳот дар Тоҷикистон ҷараён доштанд. Дар ин самт, омӯзгор бояд имкони фарқгузории асосии байни шаклҳои хоҷагии коллективӣ ва давлатӣ (колхоз ва совхоз) ва нишонаҳои махсуси онҳо барои хонандагонро ба таври возеҳ таъмин намояд.

Дар робита ба омӯзиши раванди ташаккулёбии низоми музди меҳнат дар колхозҳо, инчунин каҷравиҳо дар ин самт, 2 соат дар барнома ҷудо шудааст. Ин дарсҳо бояд таҷрибаи шаклҳои музди баробар: музди баробар бар асоси сархӯрии маҳсулот, баробармузддиҳӣ бар асоси иштироки шахсӣ дар корҳои саҳроӣ ва таҳлили механизми шаклгирии музди меҳнати колхозчиёнро дар бар гиранд. Омӯзгорон вазифадоранд, ки ин ҷанбаҳо бо усулҳои фаъол ва воқеан фаҳмо ба хонандагон расонанд, то онҳо на танҳо

маълумот, балки тавоноии таҳлили муҳит ва низоми иқтисодии давраро соҳиб шаванд.

Мавзуъҳои муҳим ба монанди «Каҷравиҳо дар рафти муттаҳидсозии хоҷагиҳои деҳқонӣ», «Соҳаҳои асосии хоҷагии қишлоқ дар давраи сиёсати коллективонӣ» танҳо бо 1 соат омӯзиш пешбинӣ шудаанд. Дар баробари ин, мавзуъҳои хеле васеъ ва муҳиме ба монанди: «Пахтакорӣ ва мусоидати он дар баланд шудани сатҳи зиндагии деҳқонон», «Колхозҳои миллионер», «Ғаллакорӣ ва рушди он дар замони коллективонӣ», «Чорводории шахсӣ ва ҷамъиятӣ», «Соҳаҳои дигари хоҷагии қишлоқ», инчунин «Сохтмони ҳизбӣ, шӯроҳо ва созмонҳои ҷамъиятӣ» – танҳо дар 2 соат омӯзонида мешаванд. Бешубҳа, чунин тақсимоти вақт имкони фарогирии ҷанбаҳои асосии иҷтимоиву иқтисодии ин давраро маҳдуд месозад ва ба рушди салоҳиятҳои маърифатии хонандагон халал мерасонад.

Дар барнома барои омӯзиши мавзуъҳои нозуки «Мубориза синфӣ ва ақидавӣ дар солҳои 30-уми асри XX», инчунин мавзуъҳои «Босмачигарӣ», «Моҷароҳои охирини Иброҳимбек ва Аъзам», «Тройкачигӣ», «Таъқибкунандагон ва таъқибшавандагон», «Шахсиятҳои таъқибшуда», ва «Инқилоби мадании Тоҷикистон» танҳо 2 соат вақт ҷудо шудааст. Чунин мавзуъҳо, ки ба фаҳмиши хонандагон дар бораи фишорҳои сиёсӣ, боздоштҳои оммавӣ ва тағйироти сохтории фарҳангӣ таъсири мустақим мерасонанд, бояд бо ҷиддият ва диққати бештар омӯзонида шаванд. Омӯзгорон вазифадоранд, ки дар омӯзиши ин бахшҳо на танҳо ба воқеаҳои таърихӣ, балки ба таълимоти ҳуқуқи инсон, ахлоқи ҷамъиятӣ ва таҳлили танқидии манбаъҳо низ такя кунанд.

Дар хотима, мавзуи «Эълони анҷомёбии сохтмони ҷомеаи сотсиалистӣ ва ғалабаи пурраи сотсиализм дар Тоҷикистон» танҳо бо 1 соат дар барнома пешбинӣ гардидааст, ки боиси баҳс мебошад, зеро он маҷмӯи ҳодисаҳои муҳимро фаро мегирад ва бояд дар раванди омӯзиш бо таҳлили ҳамаҷониба ва муқоисавӣ пешниҳод гардад [136, с. 47].

Дар барномаи таълимӣ барои омӯзиши мавзуи чорум – «ҶШСТ дар арафа ва давраи Ҷанги Дуюми Ҷаҳон (01.09.1939–02.09.1945)» — ҳамагӣ 13 соат ҷудо гардидааст. Аз ҷумла: 1 соат барои мавзуи «Тоҷикистон дар оғози сохтмони сиёсати сотсиализми баркамол», 1 соат барои мавзуи «Сабабҳои асосӣ ва баҳонаи сар задани Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ», ва 1 соат барои мавзуи «Иштироки фиристодагони Тоҷикистон дар набардҳои аввали Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ (аз октябри соли 1939 то марти соли 1940)» пешбинӣ шудааст. Бо назардошти масштаби воқеа ва нақши шаҳрвандони Тоҷикистон дар он, чунин ҳаҷми таълимӣ зарурати бознигариро тақозо мекунад.

Дар барномаи таълимии фанни таърихи халқи тоҷик барои синфи 10-ум, омӯзиши мавзуъҳои марбут ба иштирок ва нақши шаҳрвандони Тоҷикистон дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ бо ҳаҷми хеле маҳдуд ба назар мерасад. Аз ҷумла, барои омӯзиши мавзуъҳои муҳиме чун: «Тоҷикистониён дар озод намудани Украинаи Ғарбӣ, Белоруссияи Ғарбӣ, Молдавияи Ғарбӣ», «Тоҷикистониён дар ҷангҳои Финляндия ва ёрӣ ба табаддулотҳои Наздибалтика», «Неъмат Қарабоев — аввалин Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ аз Тоҷикистон», ва «Тоҷикистон дар давраи аввали Ҷанги Бузурги Ватанӣ» ҳамагӣ 1 соат ҷудо шудааст, ки ба ҳеҷ ваҷҳ барои таҳлили амиқ, муқоисавӣ ва салоҳиятсозӣ басанда нест [126, с. 48].

Ҳамчунин, мавзуи «Иштироки тоҷикистониён дар муҳорибаҳои калонтарини давраи оғоз ва мустаҳкамкунии дигаргуниҳои қатъӣ дар рафти Ҷанги Бузурги Ватанӣ» танҳо бо 2 соат дар барнома дарҷ шудааст. Вале ин давра шомили набардҳои ҳалкунандаи назди Маскав (сентябри 1941 – апрели 1942), муҳорибаи Сталинград, инчунин иштироки афсарони тоҷик дар муҳорибаҳои асосии солҳои 1941–1943 мебошад. Мавзуъҳо чун «Ҷангномаи М. Иброҳимов», «Ҷангномаи А. Турдиев» ва нақши тоҷикистониёни муқими Маскав низ танҳо якҷоя дар ҳамин соатҳои маҳдуд қарор доранд, ки барои рушди тафаккури таҳлилӣ ва ташаккули қобилияти маърифатии хонандагон маҳдудият эҷод мекунад.

Дарси марбут ба муҳорибаи Курск (5 июл – 23 августи 1943) ва иштирокчиёни тоҷикистонӣ, аз ҷумла И. Ҳамзаалиев ва Ҳ. Кенҷаев, дар баробари ҷангҳои назди Днепр ва Ленинград, бо иштироки С. Турдиев, Б. Давлатов, Д. Азизов, У. Ёқубов, Ҳ. Қосимов, Т. Эрйигитов, низ танҳо дар доираи 1 соат омӯзонида мешаванд. Дар ҳоле ки ин шахсиятҳо барои бедор сохтани ҳисси ифтихори миллӣ, башардӯстӣ ва ватандӯстӣ дар хонандагон имкониятҳои бузургро фароҳам меоранд.

Ҳамчунин, мавзуи «Иштироки ҷанговарони тоҷик дар муҳорибаҳои давраи анҷомёбии Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва Ҷанги Дуюми Ҷаҳон (аз январи 1944 то сентябри 1945)» бо 1 соат ифода ёфтааст. Дар ин маврид, нақши муҳими неруҳои мусаллаҳи Тоҷикистон ва қурбониҳои онҳо дар марҳалаи ниҳоии ҷанг ба хонандагон бояд равшан фаҳмонда шавад, то тарбияи башардӯстонаи онҳо тавассути мисолҳои воқеии таърихӣ амалӣ гардад [126, с. 48].

Омӯзиши мавзуи «Ҳаракати партизанӣ ва муқовиматҳои зиддифашистӣ» низ танҳо бо 1 соат фаро гирифта шудааст. Бо вуҷуди ин, маҳз тавассути шиносоии хонандагон бо саҳми партизанҳои тоҷик дар кишварҳои мухталифи Аврупо — мисли Италия, Франсия, Югославия, Полша, Булғория ва Чехословакия — рушди ҳисси ҳамдардӣ, башардӯстӣ ва ҳамсолонгароӣ дар онҳо таъмин мегардад. Омӯзгорон метавонанд тавассути ин мавод усулҳои таҳлили манбаъҳо, нақли шифоҳӣ ва таҳқиқи муқоисавиро низ ба кор баранд.

Ғайр аз ин, мавзуи «Ҳаёти ақибгоҳ ва нақши он дар хизмати ҷанг» бо 1 соат фаро гирифта мешавад, ки тавассути он хонандагон бо меҳнати фидокоронаи мардуми Тоҷикистон дар давраи ҷанг, аз ҷумла кор дар корхонаҳо, саҳро, муассисаҳои фарҳангӣ ва илмӣ, шинос мегарданд. Мавзуъҳое чун ҷорӣ намудани рӯзи кории 10-соата ва ҳафтаи бе рӯзи истироҳат бояд ҳамчун мисоли равшани сафарбарсозии иҷтимоии аҳолӣ ва ташаккули маданияти ҷамъиятии замони ҷанг шарҳ дода шаванд.

Дар барнома инчунин ба мавзуи «Муассисаҳои фарҳангӣ дар хизмати ҷанг» 1 соат ихтисос дода шудааст, ки бояд дар он иштироки адибон, санъаткорон ва олимон дар тарбияи рӯҳияи ватандӯстонаи аҳолӣ нишон дода шавад. Омӯзиш ва таҳлили ин мавод барои ташаккули маданияти башардӯстона ва ҷаҳонбинии иҷтимоии хонандагон бисёр муҳим арзёбӣ мегардад.

Барномаи таълимии фанни «Таърихи халқи тоҷик» дар синфи 11, ки барои омӯзиши он 68 соат ҷудо гардидааст, ҳадафи асосии худро дар тарбияи ватандӯстӣ ва башардӯстии насли наврас муқаррар намудааст. Маҳз тавассути омӯзиши мунтазами ҷараёни таърихии кишвари хеш, хонанда ба муҳаббат ва ифтихори миллӣ расида, дар заминаи фаҳмиши воқеии ҷанбаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ, салоҳиятҳои маърифатии худро такмил медиҳад. Омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик ба унвони омили муҳими ташаккули шахсияти шаҳрвандӣ ва милливу ахлоқии хонандагон ба ҳисоб меравад.

Тавре ки дар барнома зикр шудааст, таълим дар синфи 11 аз ду фасл иборат буда, ҳодисаҳои таърихиро аз соли 1945 то замони муосир дар бар мегирад. Дар фасли якум, таваҷҷуҳи асосӣ ба таҳқиқи раванди азнавбарқароркунии хоҷагии халқ ва таҳаввулоти муҳими иқтисодию сиёсӣ ва иҷтимоии солҳои 1950–1980 равона шудааст. Фасли дуюм бошад, ба марҳалаи ташаккул ва таҳкими давлатдории соҳибистиқлоли Тоҷикистон бахшида шудааст, ки дар он масъалаҳои сулҳу ваҳдат, ислоҳоти сиёсӣ ва иқтисодӣ, рушди фарҳанг ва муносибатҳои байналмилалӣ баррасӣ мегарданд [126, с. 48].

Дар оғози барнома барои муаррифии фан 1 соат ҷудо гардидааст, ки он бояд барои тавзеҳи аҳамияти таълимӣ ва тарбиявии фан, инчунин фаҳмондани ҳадафҳои омӯзишии таърихи навини халқи тоҷик истифода гардад. Аз ин лаҳза хонандагон бояд дарк намоянд, ки омӯзиши таърих на танҳо азхудкунии иттилоот, балки заминаест барои ташаккули ҷаҳонбинии воқеӣ ва тарбияи ахлоқӣ.

Мавзуи 1: «Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи барқароркунии хоҷагии халқ (солҳои 1945–1950)» бо ҳаҷми 5 соат фаро гирифта шудааст. Дар ин мавзуъ хонандагон бо мураккабии вазъ пас аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ, мушкилоти барқарорсозӣ ва саҳми мардуми Тоҷикистон дар мустаҳкамсозии сулҳи ҷаҳонӣ ошно мешаванд. Ин омӯзиш на танҳо воқеаҳои таърихиро мефаҳмонад, балки қобилияти ҳамдардӣ ва фаҳмиши масоили иҷтимоиро низ дар шогирдон ташаккул медиҳад.

Мавзуи 2: «Тоҷикистон дар давраи демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ (солҳои 50–80)», ки 4 соатро фаро мегирад, масъалаҳои сиёсати байналхалқӣ, нақши ИҶШС дар муътадил сохтани муносибатҳои глобалӣ, мавқеи СММ ва сиёсатҳои «ҷанги сард»-ро дар бар мегирад. Омӯзиши ин мавзуъ метавонад салоҳиятҳои таҳлилии хонандагонро тавассути муқоисаи равандҳои таърихӣ ва геосиёсӣ инкишоф диҳад.

Мавзуи 3: «Дар бораи хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 50–80» бо ҳаҷми 6 соат пешбинӣ шудааст. Дар он диққати хонандагон ба нақши панҷсолаҳо дар рушди иқтисод, кишоварзӣ, саноат ва илм равона гардида, тавассути он фаҳмиши ҷанбаҳои иҷтимоии сохтмони шӯравӣ, кору меҳнати халқ ва мушкилоти идоракунӣ ташаккул меёбад.

Мавзуи 4: «Фарҳанг ва корҳои тарбиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 50–80)» бо ҳаҷми 6 соат, ба омӯзиши маориф, муносибати мактаб бо ҳаёти воқеӣ ва таъсиси муассисаҳои таълимӣ бахшида шудааст. Ин мавзуъ нақши муҳиме дар ташаккули маданияти башардӯстии хонандагон мебозад.

Мавзуи 5: «Тоҷикистон дар солҳои фарорасии бухрон ва оғози бозсозӣ» бо 4 соат ҷудошуда, масъалаи карахтӣ, пастравии фаъолияти сиёсиву ҷамъиятӣ ва шикасти модели бюрократии ИҶШС-ро шарҳ медиҳад. Ин мавзуъ барои омӯзиши сабабу натиҷаи таҷрибаи нокоми сиёсӣ ва таҳкими салоҳияти интиқодӣ муҳим аст [136, с. 48].

Мавзуи 6: «Ташкилёбии Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон» (5 соат) ва Мавзуи 7: «Ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳу ваҳдат» (6 соат), на танҳо воқеаҳои муҳими таърихиро дар бар мегиранд, балки барои таҳкими

тафаккури таҳлилӣ ва ахлоқи шаҳрвандӣ нақши муассир доранд. Дар ин замина, омӯзгор метавонад усулҳои кор бо манбаъ, таҳқиқи хронология ва бозофарии воқеаҳои таърихиро ба хонандагон биомӯзонад.

Мавзуи 8: «Ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо ҳаҷми 10 соат фаро гирифта шудааст. Дар ин ҷо мавзуъҳое чун қабули Конститутсияи нав, асосҳои ҳуқуқӣ ва хусусиятҳои ислоҳоти сиёсӣ, инчунин рушди институтҳои демократӣ баррасӣ мешаванд. Мавзуъҳои мазкур заминаи ташаккули салоҳияти иттилоотию ҳуқуқии хонандагонро фароҳам меоранд.

Мавзуи 9: «Фарҳанг ва сатҳи маънавиёти умумию сиёсии шаҳрвандон» (11 соат) тавассути баррасии мафҳуми фарҳанг, ҳувияти миллӣ, ифтихори ватандорӣ ва эҳтиром ба муқаддасоти миллӣ ҷараён мегирад. Ин соатҳо барои таъмини омезиши таълим ва тарбия боиси рушди шахсияти иҷтимоӣ ва фарҳангии шогирдон мегарданд.

Мавзуи 10: «Саҳми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пешрафти ҷаҳони имрӯза» бо 7 соат, муносибатҳои байналмилалӣ, суханрониҳои Президент, иштироки Тоҷикистон дар СММ ва мавқеи он дар сиёсати хориҷиро инъикос мекунад [127, с. 27].

Дар анҷом, барои хулоса 1 соат ва барои санҷиши ҷамъбастӣ 2 соат дар назар гирифта шудааст. Ин қисмҳо бояд барои ҷамъбасти таълим, таҳкими салоҳиятҳо ва муқоисаи натиҷаҳои фаҳмиш ва таҳлил истифода гарданд.

## Хулосаи боби якум

Таҳлили назариявӣ ва методологӣ, ки дар боби якум анҷом дода шуд, нишон медиҳад, ки масъалаи ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатии хонандагон яке аз самтҳои муҳимтарини педагогикаи муосир ба ҳисоб меравад. Ин раванд бо тағйироти ҷиддии иҷтимоӣ, рушди низоми ҷаҳонии маълумот ва воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фазои ягонаи таълимӣ зич вобаста мебошад. Талаботи замони нав аз муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тақозо дорад, ки хонандагон на танҳо донишҳои

назариявӣ, балки маҳорату малакаҳои таҳлилӣ, эҷодӣ ва интиқодиро низ аз худ намоянд.

Дар ҷараёни таҳқиқ муайян гардид, ки мафҳумҳои «салоҳият», «салоҳиятнокӣ» ва «муносибати босалоҳият» дар адабиёти илмии педагогӣ ба таври густурда баррасӣ шудаанд. Салоҳиятнокӣ на танҳо нишондиҳандаи дониши назариявӣ, балки маҷмӯи қобилиятҳои шахсӣ, иҷтимоӣ ва маърифатиест, ки шахсро қодир месозад дар шароити воқеии зиндагӣ мустақилона амал кунад. Аз ин рӯ, ташаккули салоҳиятҳои таърихӣ дар хонандагон ҳамчун як навъи махсуси салоҳият маънидод мешавад, ки дар худ иттилоот, малакаи таҳлил, қобилияти муқоиса ва арзёбии ҳодисаҳои гузашта ва ҳозираро фаро мегирад.

Фанни таърихи халқи тоҷик дар ин замина нақши калидӣ мебозад. Омӯзиши таърих на танҳо воситаи азхудкунии воқеаҳо ва санаҳои гузашта аст, балки пеш аз ҳама — мактаби худшиносӣ, ифтихори миллӣ ва ҷаҳонбинии илмӣ мебошад. Маҳз тавассути таърих хонандагон дарк мекунанд, ки мероси фарҳангӣ ва сиёсӣ чӣ гуна ташаккул ёфтааст, қаҳрамониҳои гузаштагон чӣ гуна арзёбӣ мегарданд ва онҳо чӣ гуна метавонанд сабақҳои таърихро дар зиндагии имрӯза татбиқ намоянд.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар таълими фанни таърих ду равиш бештар истифода мешавад:

1. Муносибати анъанавӣ – асосан ба азхудкунии донишҳои назариявӣ ва таҷрибаи амалии мавҷуда такя мекунад. Ин равиш ба хонанда имкон медиҳад, ки далелҳои таърихиро омӯзад, вале имкониятҳои таҳлилӣ ва эҷодии ӯ маҳдуд боқӣ мемонад.

2. Муносибати босалоҳият – аз амалия ба назария роҳ мекушояд ва хонандаро ба ҷустуҷӯ, таҳлил, муқоиса ва хулосабардорӣ ташвиқ мекунад. Ин равиш ба талаботи замони муосир бештар ҷавобгӯ буда, рушди тафаккури интиқодӣ ва эҷодиро таъмин менамояд.

Нақши омӯзгор дар ин раванд махсус таъкид мешавад. Муаллим на танҳо интиқолдиҳандаи дониш, балки ташкилкунандаи фаъолияти

маърифатӣ ва таҳлилӣ мебошад. Аз омӯзгори фанни таърих талаб карда мешавад, ки барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, усулҳои гуногуни лексионӣ ва методҳои фаъолро ба таври мақсаднок истифода барад. Чунин муносибат ба омӯзгор имкон медиҳад, ки раванди таълимро аз доираи иттилоотӣ ба сатҳи таҳлилӣ ва эҷодӣ барорад.

Боби якум инчунин нишон медиҳад, ки стандартҳои давлатии таълим ва барномаҳои намунавӣ барои таълими таърих бояд шароити мусоид фароҳам оваранд, то хонандагон имкони ташаккули салоҳиятҳои гуногун — аз ҷумла коммуникативӣ, фарҳангӣ, таҳлилӣ, эҷодӣ ва таҳқиқиро дошта бошанд. Ба ин тартиб, фанни таърих ҳамчун воситаи ҳамгироии салоҳиятҳои фаннӣ ва байнифаннӣ хизмат мекунад.

Дар натиҷаи таҳлили гузаронидашуда метавон хулоса кард, ки:

- Ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатӣ дар таълими таърих вазифаи аввалиндараҷаи маорифи муосир аст.
- Омӯзиши таърих на танҳо ба азбар кардани маълумот, балки ба таҳлил, таҳқиқ ва арзёбии воқеаҳои иҷтимоӣ равона шуда, барои худшиносӣ ва худмуайянкунии шахсият замина мегузорад.
- Муносибати босалоҳият аз ҷиҳати методологӣ самараноктар мебошад, зеро хонандаро ба фаъолият ва таҳлили мустақилона ҷалб мекунад.
- Нақши омӯзгор дар ташаккули салоҳиятҳои таърихии хонандагон калидӣ аст ва ӯ бояд дорои донишу малакаҳои васеъ дар соҳаи методикаи таълим бошад.
- Барои татбиқи комёби ин раванд такмили барномаҳои таълимӣ, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва равишҳои муосири педагогӣ зарур мебошад.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳлилӣ нишон медиҳанд, ки боби якум заминаи назариявӣ ва методологӣ барои тадқиқоти минбаъдаро фароҳам оварда, зарурати ҷустуҷӯи роҳҳои амалии ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатии хонандагони синфҳои 10–11 дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷикро исбот месозад.

## БОБИ II. ҶАРАЁНИ ПЕДАГОГӢ-ПСИХОЛОГИИ ТАШАККУЛИ ТАВОНОИИ МАЪРИФАТИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ X-X1 ДАР РАВАНДИ ҶАҲОНИШАВӢ

### 2.1. Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳияти таърихии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ

Ташаккули салоҳияти таърихии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ равандест, ки вобаста ба маҷмӯи омилҳои ташаккулдиҳанда ва муҳити муассири таълимӣ амалӣ мегардад. Дар доираи ин параграф, мо ният дорем, ки маҳз шароити педагогии ташаккулдиҳандаи салоҳияти таърихии хонандагони синфҳои 10–11-ро мавриди таҳлили муфассал қарор диҳем.

Мафҳуми «шароити педагогӣ», тибқи шарҳи луғати энсиклопедии фалсафӣ, ба муҳити муайян ё ҳолате ишора менамояд, ки моҳият ва зуҳуроти ашё, раванд ва муносибатҳоро муайян мекунад; яъне он ҳамчун омили таъйинкунандаи амалишавии раванди таълимӣ баромад менамояд ва зери он маҷмӯи ҳолатҳо, заминаҳо ва омилҳое дар назар дошта мешаванд, ки барои рушди қобилияту салоҳиятҳои таълимгирандагон заруранд [133, с. 140].

Ташаккули салоҳияти таърихӣ дар сатҳи синфҳои болоии мактаб, пеш аз ҳама, дар мазмуни Стандарти давлатии таҳсилот, барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методӣ ифода меёбад. Аз ин рӯ, таъмини шароити педагогӣ барои татбиқи муваффақонаи он, яке аз вазифаҳои калидии раванди таълимии фанни таърихи халқи тоҷик ба шумор меравад. Аз ҷумла, танзими соатҳои таълимӣ, ташкили омӯзиши мустақили самарабахш, истифодаи технологияҳои муосири таълимӣ ва сафарбарсозии шавқи маърифатии хонандагон заминаи муҳими ташаккули чунин салоҳиятҳо мегардад.

Ин раванд, бо дарназардошти хусусиятҳои синнусолии хонандагон, бояд тавре амалӣ гардад, ки аз омӯзиши фаҳмонда ва инфиродӣ, ошноии амиқ бо муҳтавои таълим, ва баҳампайвандии тарбиявию маърифатӣ иборат бошад. Дар натиҷаи таҳқиқоти мо муайян гардид, ки то имрӯз масъалаи ташаккули пурраи салоҳияти таърихӣ дар таълими фаннӣ ҳанӯз нокифоя

рушд ёфтааст ва зарурати танзими амиқи ин раванд дар муассисаҳои таълимӣ боқӣ мемонад. Махсусан дар асоси таҳлили вазъи мавҷуда метавон хулоса кард, ки самаранокии омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик метавонад дар ташаккули салоҳияти таърихии хонандагон саҳми назаррас дошта бошад, хусусан дар он сурат, ки агар омилҳои методӣ ва шароити зарурии педагогӣ мутобиқ гардонида шаванд [134, с. 54].

Зарурати таъмини шароити иловагии педагогӣ, аз ҷумла, бо фаъол сохтани муҳити таҳлиливу муҳокимавӣ, ташкили корҳои гурӯҳӣ, фаъолгардонии шаклҳои амалӣ ва лоиҳавии омӯзиш, ҳамчун омили асосии таъмини натиҷабахшии таҳсилот зикр мегардад. Дар ин замина, методологияи муосири таълими таърих ба он нигаронида шудааст, ки омӯзиши фан танҳо воситаи додани дониш набошад, балки заминаи ташаккули тафаккури танқидӣ, таҳлилӣ ва қобилияти арзёбӣ кардани ҳодисоти таърихӣ гардад.

Дар робита ба ин, Л. П. Аристова таъкид менамояд, ки: «Фаъолият ҳамеша бо худ худинкишофёбӣ, худтанзимкунӣ, худтакмилдиҳӣ ва робитаи мунтазами шахс бо муҳити иҷтимоӣ ва моддӣ пайваст аст. Дар ҷараёни ҳамкории субъекти таълим бо воқеият, образи психологӣ шакл мегирад ва хонанда ҳанӯз дар мактаб бояд барои қабули он омода шавад» [4, с. 138].

Аз ин рӯ, ташаккули салоҳияти таърихии хонандагони синфҳои болоӣ, дар заминаи як системаи мувофиқ ва ташаккулёфтаи методию педагогӣ бояд сурат гирад, ки дар он на танҳо муҳтавои фаннӣ, балки тамоми шароити иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва маърифатии муассиса ҳамчун муҳити таълимӣ баррасӣ гардад. Ҳамин гуна муносибат ба ташаккули салоҳият, кафолати омодасозии насли ояндаи соҳибмаърифат ва ватандӯстро фароҳам месозад.

Бо вуҷуди мавҷудияти фарқиятҳои назариявии консепсияи фаъолияти таълимӣ дар манбаъҳои илмии гуногун, дар муҳити педагогика, метавон ба маҷмӯи андешаҳои устувор ва низомёфта такя намуд.

Мутобиқи андешаи А.Н. Леонтьев ва Б.Ф. Ломов, ҳар шакли фаъолияти таълимӣ ҳам паҳлӯҳои дохилӣ (яъне равандҳои маърифатӣ ва ҳадафмандии

дохилии фард) ва ҳам паҳлӯҳои берунӣ (амал, шароит, муҳит)-ро дар бар мегирад, ки ин маҷмӯа барои ташаккули дониши муназзаму робитаманд мусоидат менамояд [55, с. 131].

С.Л. Рубинштейн [77, с. 712], А.Г. Ковалёв [42, с. 50] ва Б.Ф. Ломов, дар таҳлили равандҳои таълимӣ ва рушди шахсият таъкид менамоянд, ки инсон тавассути фаъолият на танҳо дониш андӯхта, балки худогоҳ ва худинкишоф мешавад. Чунин муносибат барои ташаккули салоҳияти таърихӣ заминаи методологӣ маҳсуб ёфта, равандро ба як амалияи интиқодӣ ва мустақилона мубаддал месозад.

Олим А.И. Зельберштейн [38, с. 38] дар таҳқиқоти худ самтҳои назариявии фаъолиятро ба вазифаҳои психологӣ пайванд дода, таъкид менамояд, ки салоҳият ҳамчун натиҷаи фаъолияти мақсадманд дар муҳити муайян ташаккул меёбад, ки ин ба маънои рушди қобилиятҳои хулосакашӣ, арзёбӣ ва фаъолияти ҳадафманд аст.

Ин андешаҳо дар тадқиқоти Н.С. Лейтес [49, с. 448] ва худи А.Н. Леонтьев низ такмил ёфта, фарқгузории фаъолияти дохилӣ (актуалӣ, фаҳмиш, амал) ва фаъолияти берунӣ (мақом, муҳит, шароити иҷро) тавсия дода мешавад. Фаъолияти таълимӣ бояд ҳамеша дар пайванд бо ҳадаф ва муҳити он баррасӣ гардад. Яъне бе муҳити муносиб, ҳатто беҳтарин ҳадафҳо ва механизмҳои таълимӣ натиҷаи матлуб намедиҳанд [50, с. 127].

Дар заминаи ин назариёти илмӣ, мушкилоти татбиқи шартҳои педагогии ташаккули салоҳияти таърихии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар чанд самт ошкор мегардад:

1. Норасоии маводи методию таълимии замонавӣ. Ин сабаб шудааст, ки хонандагон бо дониш, маҳорат ва малакаҳои нокифоя муассисаро хатм мекунанд. Дар баъзе мактабҳо, хатмкунандагон ба сатҳи даромад ба муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ҷавобгӯ нестанд, ки ҳатто шартномаӣ таҳсил карданро душвор месозад.

2. Мутобиқ набудани омӯзгорон ба мақоми касбӣ. Аксари омӯзгорон дар минтақаҳо, бахусус дар таълими фанни таърихи халқи тоҷик, барои вазифаи ишғолкардаашон тайёрии кофии методӣ надоранд.

3. Мавҷуд набудани шароити моддиву техникӣ. Аз ҷумла, камбуди китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ, таҷҳизоти таълимӣ ва маводи визуалӣ (гӯшаҳои ахборотӣ, намоишӣ, таблиғотӣ) мушкилоти ҷиддиест, ки ташаккули салоҳиятро маҳдуд месозад.

4. Набудани инфрасохтори рақамӣ ва энергетикӣ. Дар бисёр ноҳияҳои дурдаст, таъмини синфхонаҳои таърих бо технологияи муосир ва пайвасти интернет вуҷуд надорад. Илова бар ин, набудани барқ низ ба раванди таълим таъсири манфӣ мерасонад.

5. Фаъол набудани фаъолиятҳои беруназсинфӣ. Дарсҳои тарбиявӣ, маҳфилҳои фаннӣ, барномаҳои иловагӣ, чорабиниҳои оммавӣ ва лоиҳаҳои эҷодӣ, ки бояд воситаи муҳими ташаккули салоҳияти таърихӣ бошанд, бо шеваи бояду шояд роҳандозӣ намешаванд.

6. Мавқеи пасти иҷтимоии омӯзгор ва мушкилоти музди меҳнат. Ин омил сабаби асосии коҳиши майли хатмкунандагон барои интихоби касби омӯзгорӣ гардидааст, ки дар дарозмуддат ба сифати кадрҳо таъсири манфӣ мерасонад [50, с. 220].

Дар натиҷа, метавон хулоса кард, ки таъмини муҳити пурра барои ташаккули салоҳияти таърихӣ на танҳо вазифаи методӣ, балки як масъулияти стратегӣ барои низоми таҳсилот маҳсуб мeёбад. Бартарафсозии мушкилоти зикршуда, ба шарти истифодаи мақсадноки консепсияи фаъолияти таълимӣ, метавонад ба густариши қобилияту ҷаҳонбинии таърихии насли наврас мусоидат намояд.

Яке аз мушкилоти ҷиддии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ имрӯз мутобиқ набудани таълими фанни таърих бо фаъолияти системавии фаннӣ ва психологии таълим аст. Дар бархе аз муассисаҳо фанни таърих ва фанҳои ёрирасони он ба шахсоне вогузор мегарданд, ки ихтисоси онҳо ба таърих иртиботи мустақим надорад. Чунин равиш, беш аз ҳама, нарасидани

мутахассисони касбии таърихшиносро дар минтақаҳо инъикос мекунад, ки дар натиҷа ба сифат ва мазмуни таълими фан осеб мерасонад.

Бояд зикр намуд, ки ҳар як фанни таълимӣ дорои хусусиятҳои махсус ва равишҳои методологии хос мебошад, ки танҳо мутахассиси соҳа метавонад онро дуруст ва пурра ироа намояд. Нигаронии мазкурро метавон дар заминаи консепсияи фаъолияти таълимӣ баррасӣ кард, ки дар он ба тағйирёбии объект ва мақоми фаъолияти таълимӣ аҳамияти хос дода мешавад. А.И. Зильберштейн бо далел таъкид менамояд, ки тағйири объект (яъне фан ё муҳтаво) боиси тағйирёбии мақоми фаъолияти таълимӣ низ мегардад [38, с. 37–40].

Дар ташаккули салоҳияти фаннии таърихии хонандагон, нақши фаъолиятҳои мустақилона, беруназсинфӣ ва инфиродӣ, ки таҳти роҳбарии омӯзгор амалӣ мегарданд, хеле бузург аст. Омӯзиш бояд хонандаро ҳамеша дар ҳолати фаъол нигоҳ дорад, ҳатто агар ӯ ба беамалӣ майл дошта бошад. Фаъолият ҳамчун воситаи асосии ташаккули салоҳият, на танҳо дониш, балки одати фикрронӣ, масъулиятшиносӣ ва ҷаҳонибинии таърихиро ташаккул медиҳад.

Роҳандозии чорабиниҳои оммавӣ, шабнишиниҳои фарҳангӣ, маҳфилҳои фаннӣ, конфронсҳо ва семинарҳо барои таҳкими салоҳияти фаннии таърих нақши амалӣ доранд. Мушорикати падару модарон дар ин чорабиниҳо метавонад ангезиши маърифатии хонандагонро зиёд намояд, зеро таъсири муҳити хонаводагӣ ба раванди ташаккули салоҳият бевосита аст [36, с. 48].

Аз ҷумла, набудани барқи мунтазам дар минтақаҳои дурдаст боиси маҳдуд шудани хонандагон дар иҷрои корҳои мустақилона мегардад. Онҳо наметавонанд таҳқиқ анҷом диҳанд, мақола нависанд, маърӯза омода кунанд ва ё омӯзиши иловагии мустақилона анҷом диҳанд. Ҳамин ҳолат ба паст шудани сатҳи ташаккули салоҳиятмандии таърихии онҳо сабаб мегардад ва боиси он мегардад, ки донишҷӯён бо назари интиқодӣ ба воқеият нигоҳ накунанд, қобилияти таҳлилӣ ва хулосабардорӣ камтар рушд ёбад [41, с. 96].

Мутобиқсозии самараноки фанни таърих бо дигар фанҳо бояд дар доираи талаботи педагогӣ, механизмҳои ташвиқкунандаи шахсиятӣ ва технологияҳои интерактивии таълим сурат гирад. Таълими таърих танҳо тавассути китобҳои дарсӣ ва суханронии омӯзгор набояд маҳдуд гардад. Фаъолияти зоҳирии хонанда, аз қабили таҳлил, мушоҳида, рефератнависӣ ва ҳалли супоришҳои амалии таълимӣ, бояд қисмати аслии раванд гардад.

Дар баробари ин, ботинии хонанда, ки дар худ ҳадаф, мазмун ва ангезаи шахсӣ дорад, бояд ҳамчун қисмати ҷудонопазири салоҳиятҳои фаннӣ баррасӣ гардад. Ин ҳолат зарурати омӯзиши ҳамзамон ва мукаммали муҳити дохилӣ ва берунии таълимро тақозо менамояд.

Таърихшиносӣ ва омӯзгори фанни таърих дар замони шӯравӣ ҳамчун шахсияти сиёсӣ мавқеи баланд дошт. Онҳо аз тарафи мақомоти ҳизбӣ назорат мешуданд ва нақши тарғиботӣ доштанд. Имрӯз бошад, ин мавқеъ то андозае коҳиш ёфтааст, ки боиси коста шудани мақоми фанни таърих дар бархе муассисаҳо гардидааст. Бо вуҷуди ин, таълими фанни таърих бояд ҳамчун воситаи ташаккули ҷаҳонбинии шаҳрвандӣ ва тафаккури интиқодӣ маҳфуз монад.

Таълими фанни таърих, ки ба омӯзиши воқеаҳои гузашта, замони муосир ва дурнамои рушди ҷомеа сару кор мегирад, дар ташаккули ҷаҳонбинии таърихии хонандагон ва эҳсоси ватандӯстии онҳо нақши муассир мебозад. Аз ҷумла, омӯзиши таърихи халқи тоҷик, ки решаҳои он дар амиқтарин қабатҳои тамаддуни башарӣ ҷойгир аст, метавонад ба рушди худшиносӣ, эҳсоси ифтихори миллӣ ва баланд бардоштани маърифати таърихии насли наврас хидмат намояд [37, с. 44].

Миллати тоҷик, ҳамчун яке аз халқҳои бостонии Осиёи Марказӣ, бо таърихи беш аз панҷҳазорсолааш на танҳо бо муборизаҳои сиёсӣ, балки бо саҳми арзанда дар рушди илму фарҳанг ва давлатсозии башарият шинохта шудааст. Омӯзиши саҳифаҳои дурахшони ин таърих — аз давраи ориёиён, давлатдории Сомониён, офарида шудани "Авесто", то асарҳои бузургони фарҳанг ва илм — заминаи воқеии ташаккули салоҳияти таърихии

хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро фароҳам месозад [52, с. 138].

Дар таърихи миллати тоҷик саҳифаҳои фоҷиаборе низ мавҷуданд, ки омӯзиши онҳо низ барои ташаккули таҳлил ва тафаккури интиқодии хонандагон аҳамияти назаррас доранд. Ҳуҷуми муғулон, ки боиси қатлу ғорати даҳҳо ҳазор нафар ва харобазор шудани шаҳру деҳаҳо гардид, несту нобуд гардидани мероси маънавӣ ва илмии аҷдодӣ, нишондиҳандаи равшани таҳдиди воқеии аз байн рафтани ҳастии миллӣ буд. Аммо бо вуҷуди ин, маҳз нерӯи маънавӣ, суботи дохилӣ ва тафаккури таърихии миллат буд, ки тоҷиконро аз вартаи нобудӣ наҷот дод ва миллатро ба марҳилаи нави эҳё овард.

Дар ибтидои асри XX низ душманони миллат, ба хусус таҳдидҳои маънавии гурӯҳҳои сиёсие, ки ҳадафи онҳоро маҳви фарҳанг ва забони тоҷикӣ ташкил медод, саъй доштанд миллатро аз реша кандан. Аммо рӯҳи ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ дубора эҳё гардид ва ин халқ аз нав по хест.

Хонандагони синфҳои 10–11 бояд дар ҷараёни омӯзиши таърихи халқи тоҷик на танҳо бо санаҳо ва воқеаҳо шинос шаванд, балки маънои амиқи онҳоро дарк намоянд. Омӯзиши воқеаҳои таърихӣ бояд ба онҳо имконият диҳад, ки дарк намоянд: ҳифзи ваҳдати миллӣ, сулҳу субот, худшиносӣ ва эҳтиром ба гузашта, омилҳои асосии устувории ҷомеа ва пешрафти миллат мебошанд.

Аз ин рӯ, фароҳам овардани шароити зарурии педагогӣ барои таълими фанни таърих, ки муҳтавои он асосан ба омӯзиши таҷрибаи таърихии миллати тоҷик нигаронида шудааст, бояд яке аз афзалиятҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бошад. Ин раванд бояд ба таври системавӣ, бо истифодаи василаҳои замонавии таълим, методикаҳои интерактивӣ ва муҳити ҳавасмандкунандаи таърихшиносӣ роҳандозӣ гардад. Танҳо дар ҳамин ҳол салоҳияти таърихии хонандагон ҳамчун мафҳуми мураккаби дониш, маҳорат, малака ва тафаккури интиқодӣ ташаккул хоҳад ёфт.

Яке аз омилҳои муҳими ташаккули салоҳияти таърихии хонандагон — омӯзиши амиқ ва ҳамгироёнаи таърихи халқи тоҷик дар заминаи робитаи байнифаннӣ мебошад. Тавре ки Лутфуллозода М. таъкид мекунад: «Хонандагон бояд фаҳманд, ки миллати тоҷик бо душманонаш дар баробари сипар, фарҳанги худро пеш гузошт, бо онҳо иттифоқ баст, ҳамзистию ҳамкориро пешниҳод карда, бо маърифати оламгираш онҳоро бо ҳамин роҳ ҳидоят намуд» [52, с. 48].

Муаллиф дар асари худ «Педагогикаи башар» бо таъкиди аҳамияти омӯзиши таърихи миллӣ меафзояд: «Албатта, омӯхтани чунин саҳифаҳои таърихи миллат — пастию баландиҳо, қаҳрамонию нокомиҳои гузаштагони халқи тоҷик — дар ташаккули салоҳияти шахсӣ, таърихӣ ва касбии ҳар як хонанда ва дар рӯҳияи ватандӯстӣ тарбия намудани онҳо аҳамияти махсус дорад. Яке аз шароитҳои педагогии омӯзиши фанни таърих, риояи робитаи фанни таърих бо дигар фанҳои ҷомеашиносӣ, аз ҷумла фалсафа, сиёсатшиносӣ, назарияи иқтисод, ҳуқуқ, адабиёт ва дигарон мебошад» [52, с. 49].

Ин муносибати муосир, ки таърихро ҳамчун муҳаррики донишҳои дигар низ медонад, шароити фарогирро барои ташаккули салоҳияти таърихии хонандагон фароҳам меорад. Ба хонандагон бояд имконият дода шавад, ки ҳангоми тавсифи ин ё он давлат, ҷанбаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, адабӣ ва илмии он кишварро дар шакли муқоисавӣ ва таҳлилӣ фаро гиранд. Масалан, дарк кардани ҷои забонҳои ҳиндуаврупоӣ дар типологияи таърихии халқҳо ва шинохти фарҳанги моддиву маънавии онҳо ба васеъ гардидани ҷаҳонбинии таърихии хонандагон мусоидат мекунад.

Мавқеи марказиро дар ин раванд донистани марҳилаҳои асосии таърихи халқи тоҷик ишғол менамояд. Ба хонандагон бояд омӯхта шавад, ки чӣ гуна давраҳои таърихӣ — аз давраи санг то асрҳои миёна ва замони нав — бо аломатҳои хос фарқ мекунанд. Ба хусус, фаҳми дақиқи гузариши таърих аз давраҳои пеш аз милод ба милодӣ ва фарқияти байни солшумориҳо муҳим

мебошад. Зеро яке аз омилҳои ташаккули тафаккури мантиқии таърихӣ — маҳз дарки хронологияи воқеаҳо ва пайвастагии мантиқии онҳо мебошад.

Ғайр аз он, истифодаи васеи сарчашмаҳои таърихӣ ва маводи бостоншиносӣ, ки дорои арзиши баланди илмӣ мебошанд, низ дар ташаккули салоҳияти таърихии хонандагон нақши муҳим мебозад. Омӯзиши сарчашмаҳои хаттӣ — юнонӣ, хитоӣ, арабӣ ва форсӣ — ба хонандагон имкон медиҳад, ки бо далелҳои раднопазир шинос шаванд ва воқеаҳои таърихиро аз дидгоҳҳои гуногун фаҳманд [140, с. 192].

Ташаккули салоҳияти таърихии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи омӯхтани сарчашмаҳои боэътимоди таърихӣ ва истифодаи васеи фанҳои ёрирасон маънои педагогӣ ва таълимии амиқ пайдо мекунад. Аз ҷумла, омӯзиши ҳикояҳои таърихӣ, таърихи дунёи қадим, асрҳои миёна, ва адабиёти таърихию ҷуғрофии муаллифони тоҷику эронӣ ва араб, монанди Ҳеродот, Табарӣ, Нархашӣ, Ибн Ҳавқал, Ибн Хурдодбек, Истахрӣ, Белозурӣ, Байҳақӣ, Гардезӣ, Ҷувайнӣ, Рашид-ад-Дин, Утбӣ, Фирдавсӣ, Шараф-ад-Дини Яздӣ, Мирхонд, Хондамир ва дигарон ба ташаккули тафаккури таърихии хонандагон мусоидат мекунад [133, с. 114].

Ин сарчашмаҳо на танҳо ба сифати маводи таълимӣ, балки ҳамчун воситаҳои рушди салоҳияти таҳлилӣ, муқоисавӣ ва хронологӣ истифода шуда метавонанд. Омӯзиши забони ин манобеъ, сабки баён, услуби нигориш ва мазмуни иттилоотии онҳо, дар баробари рушди малакаҳои фаннӣ, ҷаҳонбинии таърихии хонандагонро низ густариш медиҳад.

Ҳамзамон, фанҳои ёрирасон, ба монанди сиккашиносӣ, забоншиносӣ, мардумшиносӣ, катибашиносӣ, номшиносӣ (топонимика), симошиносӣ (антропология) ва дигар соҳаҳои байнифаннӣ имконият медиҳанд, ки хонанда таърихро на танҳо тавассути рӯйдодҳо, балки аз роҳи таҳлили фарҳанг, нишонаҳои моддӣ ва ҷузъиёти ҳаёти воқеии ҷомеа дарк кунад. Ҳамин усул дар ташаккули маърифати таърихӣ ва салоҳияти фаннии хонанда нақши муҳим мебозад.

Педагогикаи муосир дар равандҳои таълимии фанни таърих тавсия медиҳад, ки дар омӯзиш аз маводҳои бойгонӣ, хотираҳои шахсӣ, асарҳои мемуарӣ, таҳқиқоти муосир ва нигоштаҳои давраҳои мустамлика, ҳаракатҳои озодихоҳӣ, инқилобҳо ва марҳилаҳои сохти шӯравӣ истифода бурда шавад. Ин тадбирҳо имконият медиҳанд, ки хонандагон донишҳои таърихиро дар пайвастагӣ бо воқеияти иҷтимоӣ ва сиёсӣ фаҳманд ва онҳоро ба маърифати муосир табдил диҳанд.

Аз ҷумла, истифодаи асари бисёрҷилдаи «Таърихи халқи тоҷик», ки дар он ҷанбаҳои мухталифи таърихи миллӣ бо назари илмӣ таҳқиқ шудаанд, зарурӣ дониста мешавад. Ҳамзамон, осори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ки дар онҳо масоили таърихи давлатдории тоҷикон, тамаддуни миллӣ ва сиёсату ҳувияти тоҷикӣ мавриди баррасии фарогир қарор гирифтаанд, бояд дар дарсҳои таърих, хонишҳои мустақилона ва корҳои инфиродӣ фаъолона истифода шаванд.

Ғайр аз ин, тавсия дода мешавад, ки хонандагон дар раванди дарсҳои тарбиявӣ ва фаъолиятҳои беруназсинфӣ бо асарҳои илмии мондагор, аз қабили «Тоҷикон»-и академик Бобоҷон Ғафуров ва таҳқиқоти академик Раҳим Масов дар бораи тақсимоти нобаробари ҳудуди миллии Тоҷикистон дар соли 1924 шинос гарданд. Ин осор на танҳо ҳувият ва худшиносии миллӣ, балки салоҳияти таҳлилӣ ва мақсадмандии таърихии хонандагонро низ ташаккул медиҳанд.

Фане, ки дар меҳвари таҳқиқоти мо қарор дорад — «Таърихи халқи тоҷик», мустақиман бо шаклгирии ҳувияти миллӣ ва дарки таърихии хонандагон алоқаманд аст. Аз ин рӯ, омӯзиши мафҳуми «тоҷик» бояд ба таври ҳамаҷониба ва бо такя ба таҳлилҳои манбаъшиносӣ дар дарсҳои таърих ба хонандагон фаҳмонда шавад.

Дар байни олимон, дар мавриди реша ва маънои калимаи «тоҷик» чандин назария мавҷуд аст:

1. Бархе муҳаққиқон калимаи «тоҷик»-ро аз калимаи «тоҷ» медонанд. Ба гуфтаи Ҳеродот, ки дар асри V то милод зиндагӣ мекард, дар болооби

дарёи Окс (Аму), гурӯҳҳое зикр шудаанд, ки кулоҳи нӯгтези тоҷмонанд мепӯшиданд. Аз ин тафсир, бархе ба ин хулоса омадаанд, ки калимаи «тоҷик» аз «тоҷ» гирифта шудааст;

2. Гурӯҳи дигар бар инанд, ки то асрҳои IV–VI милодӣ, ниёгони мо «ориёӣ» ном дошта, ки маънояш «тозаву пок» аст. Ба ақидаи онҳо, ин истилоҳ дар давраҳои баъдӣ ба «тоза» ва сипас ба «тоҷик» табдил ёфтааст;

3. Дар баъзе манобеъ «тоҷик» аз калимаи «тат»-и туркӣ баромада дониста мешавад. Туркони муҳоҷир аз асри VI милодӣ мардуми муқимиро бо чунин лақаб меномиданд, ки маънои «аҳолии маҳаллӣ»-ро дошт;

4. Бар тибқи як назарияи дигар, «тоҷик» аз «тоҷир» баромадааст. Зеро ниёгони мо, хусусан суғдиҳо, дар Шоҳроҳи бузурги абрешим бо тиҷорат шуғл меварзиданд ва эҳтимол аст, ки ин касб бо мурури замон ба унвони миллат табдил ёфтааст [124, с. 157].

Аз назари мо ҳамчун муаллифи тадқиқот, ҳамаи ин фарзияҳо метавонанд ҷанбаи мантиқӣ дошта бошанд, вале назарияе, ки гӯё номи тоҷик аз қабилаи арабии «Той» гирифта шудааст, беасоси илмӣ буда, рад карда мешавад. Зикри калимаи «тоҷик» дар сарчашмаи хаттии тибетии соли 792 ба он далолат мекунад, ки ин ном таърихи қадим дошта, реша дар муҳити ориёии дохили минтақа дорад.

Барои амалӣ гардонидани ҳадафҳои таълим ва ташаккули салоҳияти таърихии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, иҷрои шартҳои зерин зарур аст:

- баланд бардоштани сатҳи таълим ва мазмуни фанни «Таърихи халқи тоҷик» дар ҳамаи зинаҳои таҳсилоти умумӣ;

- қабули асосноки довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти касбӣ (ибтидоӣ, миёна, олӣ) дар асоси дониш ва салоҳияти воқеӣ, на танҳо тестҳо;

- муқовимат ба ноаёнӣ ва ноадолатии низоми тестӣ, ки салоҳият, маҳорат ва малакаи воқеии довталабро ба таври кофӣ ошкор намекунад;

- риояи оинномаи муассисаҳои таълимӣ дар мавриди интизом, масъулияти таълимӣ ва омодагии касбии хонандагон;

- муҷаҳҳаз кардани синфхонаҳои таърих бо воситаҳои муосири таълимӣ, китобҳои аслӣ, дастурҳои методӣ ва лавозимоти аёнӣ;

- ба роҳ мондани дарсҳои тарбиявӣ дар асоси маводи таърихӣ, ки иртиботи таълим бо ҳаёти воқеиро таъмин мекунад;

- ташкили гӯшаҳои махсус барои худомӯзӣ ва худтакмилии хонандагон бо номҳои “Китобҳои таърихӣ”, “Нахустсарчашмаҳо”, “Шахсиятҳои миллӣ” ва ғайра;

- танзими ҷадвали маҳфилҳои фаннӣ бо дарбаргирии маърӯзаҳо, баҳсҳои мавзуӣ ва корҳои таҳқиқотӣ;

- ба роҳ мондани арзёбии натиҷаҳо бо иштироки фаъолонаи волидон ва ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ (ҷамъиятчиён, собиқадорон, омӯзгорони варзида) дар раванди таҳлил ва санҷиши натиҷаҳои таълим.

Шароитҳои педагогӣ метавонанд ба сифати омили асосии ташаккули салоҳияти фаннӣ амал намоянд, ба шарте ки таносуби теъдоди хонандагон ва имконоти ташкили омӯзиш ба таври воқеӣ ба назар гирифта шаванд. Вале, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, дар амал ин таносуб риоя намегардад. Баръакс, нақшаи қабул аз ҳад зиёд гардида, сабаб шудааст, ки барои гузаронидани машғулиятҳои иловагӣ, маҳфилҳои фаннӣ ва дарсҳои тарбиявӣ шароити ҷисмонӣ ва фазоӣ вуҷуд надошта бошад. Омӯзгорон, бинобар теъдоди зиёди хонандагон, аз назорати сифати таълим ва идоракунии муассир бозмондаанд.

М. И. Шалин зимни таҳқиқоти худ оид ба шароитҳои ташкилӣ-педагогии омода намудани мутахассиси рақобатпазир, ба аҳамияти таъсири муҳити таълимӣ ба инкишофи шахсиятӣ таъкид намуда, ин равандро бо идоракунии мақсаднок, банақшагирии оқилона ва назорати самараноки ҷараёни таълим иртибот додааст. Андешаи М. И. Шалин дар заминаи мушкилоти муассисаҳои таҳсилоти умумии Тоҷикистон низ амалӣ ба назар мерасад, зеро дар ин муассисаҳо то ҳол мушкилоти танзим ва татбиқи самараноки шароити педагогӣ ба таври доимӣ вуҷуд доранд [111, с. 102–107].

Аз нигоҳи мо, шароитҳои педагогӣ бояд ҳамчун заминаи воқеии таъсиррасонӣ ба ташаккули салоҳияти таърихии хонандагон дар назар гирифта шаванд. Ин шароитҳо имконият медиҳанд, ки хонандагон дар ҷараёни таҳсил ба фаъолияти мустақилона, ташкили корҳои таҳқиқотӣ, истифода аз сарчашмаҳои таърихӣ, ва худомӯзӣ ҷалб гардида, дар заминаи он салоҳияти таърихии онҳо ташаккул ёбад.

Чунончи, агар шароитҳои педагогӣ ба таври маҷмӯӣ ва мутобиқи талаботи стандартҳои таълимӣ амалӣ гарданд, онҳо ба ташаккули салоҳияти таърихии хонандагон мусоидат мекунанд. Аз ҷумла, агар маводи барномаи таълимии фанни таърихи халқи тоҷик ба таври амиқ ва мунтазам омӯзонда нашавад, салоҳияти таърихӣ наметавонад ташаккул ёбад.

Таҳлили сарчашмаҳои педагогӣ, натиҷаҳои таҳқиқот ва таҷрибаи амалии муаллиф нишон медиҳанд, ки мавҷудияти шароити мувофиқи педагогӣ дар мактабҳо, метавонад омодагии таърихии хонандагонро ба таври назаррас беҳтар созад. Мо дар кори тадқиқотии худ, бо такя ба таҳлили назариявӣ, таҷрибаи амалии омӯзгорӣ ва мушоҳидаи мушкилоти воқеии соҳа, якчанд тадбирҳои амалӣ пешниҳод менамоем.

Омодагии босифати хонандагон ба омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик, дар пояи ин тадбирҳо, моҳияти шароити педагогии ташаккули салоҳияти таърихиро ташкил медиҳад. Барои ин, аввалан, таркиби салоҳияти таълимӣ бояд равшан гардида, аз марҳилаи арзишӣ ба маърифатӣ ва аз он ба фаъолияти шахсиятӣ гузариш сурат гирад. Ин раванд ба омилҳои рефлективӣ такя мекунад.

Дуюм, бар асоси салоҳияти фаннӣ, бояд марҳилаҳои ташаккули салоҳияти байнифаннӣ низ аниқ карда шаванд. Дар ин раванд, мазмуни салоҳият аз мақомнокӣ ва арзишмандӣ, тавассути дониши назариявӣ ва амалӣ, то назорат ва таҳлили мукаммал фаро гирифта мешавад [113, с. 50].

Сеюм, таҳқиқоти назариявӣ нишон медиҳад, ки муносибати бунёдёфта ба ташаккули салоҳияти таърихӣ метавонад ба таври муассир дар рушди майлу рағбати хонандагон ба таърих ва ихтисоси омӯзгорӣ таъсир расонад.

Дар натиҷа, ин ҷиҳат ба ташаккули мазмуни шахсиятии таҳсил ва интихоби огоҳонаи касбӣ мусоидат мекунад.

Дар шароити имрӯза, яке аз мушкилоти ҷиддӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, набудани ҳавас ва майли хонандагон ба касбу ҳунар ва фанҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла таърих мебошад. Хонандагон пас аз хатми муассиса аксаран бо ягон касб майл зоҳир намекунанд, ки яке аз омилҳои он ташвиқи нокифояи фанни таърих ва шаклҳои суннатии таълим маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, ташкили мазмуни омӯзишии фанни таърихи халқи тоҷик бояд ба тарзе роҳандозӣ гардад, ки майлу рағбат ва тафаккури интиқодии таърихии хонандагонро бедор ва ташаккул диҳад.

Тибқи таҳлили омӯзишӣ, интихоби дурусти шакл, метод, технология ва самти кор бо хонандагон, инчунин фаъолияти мустақилона ва эҷодии онҳо, омили калидӣ дар ташаккули салоҳияти таърихӣ мебошад. Тавре ки дар пажӯҳиши [113, с. 56] зикр шудааст, дар низоми таълим таносуби дурусти дарс, семинар, фаъолияти озодона ва назорати устувори омӯзгор нақши ҳалкунанда мебозад.

Бо вуҷуди ин, мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки омодагии сусти хонандагон ба дарсҳо, дер омадан, набудани маводи таълимӣ ва муносибати сатҳӣ ба таълим ба як монеаи доимӣ табдил ёфтааст. Ин ҳолат ба сатҳи салоҳияти фаннӣ ва маърифатии хонандагон таъсири манфӣ мерасонад.

А. А. Аюрзинин дар соли 1984, дар натиҷаи таҳлили 200 кори хаттии хонандагон ба хулосае омадааст, ки танҳо 45% хонандагон қодиранд мустақилона вазифаҳои таълимиро иҷро намоянд, 27% қобилияти таҳлилу навсозии маводро доранд ва танҳо 11% метавонанд фаъолиятҳои эҷодиро озодона анҷом диҳанд [1, с. 18]. Муаллиф сабаби асосии ин ҳолатро дар он мебинад, ки хонандагон дар марҳилаи аввал аз дониш ва малакаи кофӣ баҳра намегиранд ва барои иҷрои вазифаҳо назорати шахсии зеҳнӣ (рефлексия) надоранд.

Аз нигоҳи Т. Н. Калечис, хонандаи муосир фаъолияти худро бештар ба супоридани имтиҳонҳои давлатӣ мутамарказ месозад, аммо дар омӯхтани

маводи таълимӣ фаъол нест ва қобилияти интихоби мазмуни зарурии дарсӣ ва баён кардани он дар шакли дуруст надорад [41, с. 96].

Дар чунин шароит, дахолати босамари омӯзгор нақши калидӣ мебозад. Омӯзгорон бояд ба хонандагон на танҳо нақл кардани маълумот, балки таҳлили мантиқии он, иқтибосоварии мантиқан асоснок, арзёбии танқидӣ ва истиқлолият дар фикрронӣ-ро омӯзонанд, ки ин ҳама омили муҳими ташаккули салоҳияти таърихӣ ва маърифатӣ мебошад.

Бо вуҷуди озодиҳое, ки стандартҳои давлатии таҳсилот барои омӯзгор пешбинӣ мекунанд, аксар вақт ташкили машғулиятҳои иловагӣ, дарсҳои факултативӣ ва фанҳои интихобӣ, ба сабаби маҳдудиятҳои маъмурию молиявӣ, имконият намеёбанд. Ин ҳолат фаъолияти худомӯзӣ ва худташаккулии хонандагонро маҳдуд месозад.

Дар марҳилаи аввали омӯзиши фанни таърих, омӯзгор бояд санҷиши мувофиқ ва мониторинги муназзам анҷом дода, сатҳи худомӯзии хонандагон, фаъолияти онҳо дар лексияҳои навишташуда ва тавсеаи мустақили донишҳоро ба таври пайваста арзёбӣ кунад. Омӯзгори муваффақ ҳамеша интизор аст, ки хонанда на танҳо чизеро, ки дар лексия шунидааст, аз худ кунад, балки онро зиёдтар ва амиқтар омӯзад, ки ин нишонаи салоҳияти аслӣ ва баркамол мебошад [118, с. 203].

М. Шайхов, муҳаққиқи маъруфи тоҷик, бар ин назар аст, ки «чаҳорчӯбаи мавҷудаи стандарти таълимӣ ва нақшаҳои таълимӣ, омода намудани хонандагонеро талаб менамояд, ки вазифаро тавассути зиёд кардани сарбории таълимӣ иҷро намоянд, аммо васеъ намудани доираи омӯзиши фан ба вайроншавии молиявӣ мерасонад». Ба гуфтаи ӯ, омӯзгори фанни таърих бояд дорои рухи фидокорӣ ва худгузарӣ бошад ва берун аз доираи вақти расмии дарсӣ низ омода бошад, ки масъалаҳои муҳимро бо хонандагон баррасӣ кунад.

Бо ин андеша, баҳси М. Н. Скоткин, олими дигари маъруфи соҳа, низ мувофиқат дорад, аммо ӯ аз дигар дид мегӯяд: «стандартҳо имкони берун баромадан аз чорчӯби фанро пешбинӣ намекунанд, аммо дар ҳамкорӣ бо

иттиҳодияҳои методӣ ва дар заминаи стратегияи ташаккули дониш, маҳорат ва малака, омӯзиш бояд ба таври мақсаднок роҳандозӣ гардад, то сатҳи салоҳияти хонандагон баланд бардошта шавад» [81, с. 206].

Татбиқи самараноки шароити дуюми педагогӣ, яъне ташаккули дониш, маҳорат ва малакаи таърихии хонандагон, дар заминаи корҳои мустақилона зери роҳбарии омӯзгор сурат мегирад. Аммо мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки аксари хонандагон то ҳол қобилияти мустақилона ҷустуҷӯ ва коркарди маводи таърихиро надошта, ба кӯмаки доимии омӯзгор ниёз доранд.

Дар ин замина, яке аз муҳимтарин шартҳои педагогӣ инкишофи қобилияти худбаҳодиҳӣ ва худназоратии хонандагон дар раванди таълим мебошад. Барои мисол, иҷрои эссе, иншо, таҳлили ҳодисаҳои таърихӣ дар дарсҳои таърих, ҳуқуқ ва иқтисод, воситаи муассири ошкорсозии ҷаҳонбинӣ ва тавонмандии хонандагон мебошад.

Дар марҳилаҳои ибтидоӣ, бахусус дар синфҳои 5–9, нақши омӯзгор дар ташаккули салоҳияти таърихии хонандагон хеле бузург аст. Зеро маҳз омӯзгор аст, ки на танҳо мазмуни фанро медонад, балки натиҷаи азхудкунии онро низ пешгӯӣ ва назорат мекунад.

Шароити педагогӣ бидуни иштироки фаъоли омӯзгор ва хонанда самаранок амалӣ намешавад. Таъмини заминаи ҳуқуқии таҳкими кор бо хонандагон — аз ҷумла дар сикли фанҳои гуманитарӣ, таҳлили ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ, ва баргузории дарсҳои интерактивӣ — ҳама ҷузъи шароити муассири педагогӣ маҳсуб меёбад.

Бо вуҷуди он, ки талабот ба фанни таърихи халқи тоҷик рӯ ба афзоиш аст, дар аксари муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ норасоии омӯзгорони ихтисосманд ба мушоҳида мерасад. Дар бисёр мавридҳо, дарсҳои таърихро омӯзгорони ғайриихтисос мегузаронанд, ки на танҳо ба сифати таълим, балки ба имкони ташаккули салоҳияти таърихии хонандагон низ халал мерасонанд. Ин омӯзгорон аксаран наметавонанд муҳити созгори кор бо хонандагон, аз ҷумла корҳои мустақилонаи омӯзишӣ ва тарбиявӣ-ро ташкил намоянд.

Мавқеи мо дар ин самт ҳамсон бо андешаи муҳаққиқ Ф. К. Савин аст, ки изҳор доштааст: «корҳои мустақилонаи хонандагон на танҳо ба азхудкунии мазмуни фан равона шудаанд, балки ба ташаккули салоҳият ҳамчун асоси комилшавии шахсиятӣ нигаронида шудаанд» [80, с. 60–63].

Стандарти давлатии таҳсилот ва нақшаҳои таълимӣ самтҳои асосии ташаккули салоҳияти таълимиро муайян менамоянд. Аммо дар шароити амалии таҳсил, дараҷаи масъулият бештар ба омӯзгорон ва кормандони соҳаи маориф равона карда мешавад, на ба худи хонандагон. Таҳлили назариявии осори олимони ватанӣ ва хориҷӣ, аз қабили Б. В. Авво, В. А. Адольф, Ю. В. Варданян, Артур Вине, Ҷон Меню, Даниел Б. Хоган ва Ҷералд Кучер, ба он ишора мекунад, ки мафҳуми салоҳияти таълимӣ дорои бисёрдараҷагӣ ва бисёрҷанба аст.

Олимони мазкур бештар ба салоҳияти касбии омӯзгор диққат дода, онро шарти асосии ташаккули салоҳияти хонандагон меҳисобанд. Чуноне ки ман ҳамчун муаллифи рисола таъкид менамоям, агар худи омӯзгор салоҳиятманд набошад, тарбияи хонандаи салоҳиятнок низ номумкин аст. Аз ин рӯ, дар диссертатсия моҳият ва робитаи мафҳумҳои “касбият”, “профессиограмма”, “эҷодиёти педагогӣ”, “маҳорати педагогӣ”, “тахассус” ва дигар мафҳумҳои марбут ба салоҳияти омӯзгор мавриди таҳлили низомӣ қарор гирифтааст.

Омӯзгори муосир бояд на танҳо соҳиби донишу малакаи фаннӣ бошад, балки қобилияти ҳалли моҷаро, муоширати маърифатӣ, ахлоқӣ, этномаданӣ ва ахборотӣ дошта, дар ҳолатҳои фавқулода қобили идоракунии синфро низ дошта бошад.

Мафҳуми “шароити педагогӣ” дар илми педагогика гуногунмаъно ва гуногунтафсир аст. Н. С. Лейтес ва дигар олимон (Ю. К. Бабанский [7, с. 40], Г. И. Щукин [118, с. 48], П. И. Пидкасистый [67, с. 36]) шароити педагогиро ҳамчун ҳолате муайян мекунанд, ки натиҷаи таълим аз он вобастагии мустақим дорад. Дар доираи тадқиқотҳои онҳо чунин хулосаҳо ҷой доранд:

- шароити педагогӣ — маҷмӯи тадбирҳоест, ки ташаккули шахсияти хонандагонро таъмин менамояд;

- он ҳамзамон муҳит, имконият, восита ва заминаи моддӣ-фазоиро дар бар мегирад, ки омилҳои педагогӣ тавассути онҳо амалӣ мегарданд;

- баён ва таҳлили ин шароитҳо дар осори Д. К. Гиев [23, с. 3–20], Н. Г. Дайри [28, с. 39], М. В. Зверев, Н. В. Ипполитов, А. Я. Найн ва С. Л. Рубинштейн [77, с. 712] анҷом ёфтааст.

Муҳаққиқон Н. В. Ипполитов ва М. Н. Скоткин [81, с. 206] хулоса мекунанд, ки шароити педагогӣ ҳамчун ҷузъи низоми умумии таълим на танҳо муҳити моддӣ, балки омилҳои психофизикӣ ва фарҳангии муассисаи таълимиро низ фаро мегирад. Онҳо пешниҳод мекунанд, ки барои амалӣ намудани шароити педагогӣ, онҳоро ба намудҳои зерин тақсим кардан лозим аст:

- шароити ташкилӣ-педагогӣ — ки имкониятҳои сохторӣ ва мақсаднокии равандро фаро мегирад;

- шароити психолого-педагогӣ — ки ҳамкории сохтории устувор ва муҳити моддӣ-фазоии муассисаро ифода мекунад.

Дар замони муосир, рушди технологияи иттилоотӣ ба васеъ шудани мафҳуми шароити педагогӣ мусоидат мекунад. Муассисаҳои таълимӣ бояд имкониятҳои худ барои истифодаи технологияҳои навтарини таълим ва захираҳои ахборотиро зиёд кунанд [67, с. 144].

Дар натиҷаи таҳлили умумӣ метавон чунин хулоса кард:

- шароити педагогӣ бояд ҳамчун ҷузъи низоми таълимӣ дар ҳама муассисаҳо муайян ва муқаррар карда шавад;

- ин шароитҳо имкониятҳои муҳити таълимиро ифода намуда, бояд дар асоси таҳлили илмӣ-назариявӣ таҳия шаванд;

- дар пояи консепсияи таълим, шароити педагогӣ ба шаклгирии салоҳияти таърихии хатмкунандагон таъсири мустақим дорад;

- ниҳоят, сифати касбияти хатмкунандагони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ба шароити муҳайёшуда дар он муассиса сахт вобастагӣ дорад.

Барномаи омӯзиши фанни таърих бояд на танҳо ба интиқоли дониш, балки ба таъмини рушди салоҳияти таълимии хонандагон равона гардад. Маҳз барномаи рушди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳамчун занҷири пайвасти шаклҳои фаъолияти таълимӣ бояд хизмат кунад, ки тамоми марҳилаҳои ташаккули салоҳияти фанниро — аз ташхиси сатҳи дониш то супоридани имтиҳонҳои хатм — фаро гирад [126, с. 48].

Татбиқи шароитҳои педагогӣ дар барномаҳои таълимии салоҳиятмеҳвар тавассути муносибати модулӣ ва низомнок сурат мегирад. Ин низом аз тарҳрезӣ, мазмун ва таркиби равандҳои таълимӣ иборат буда, нақши асосиро дар ташкил ва татбиқи раванди таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ иҷро мекунад.

Дар ҷараёни тадқиқоти диссертатсионӣ, чунин натиҷаҳо ба таври мақсаднок асоснок карда шуданд, ки шароитҳои педагогии ба таври самаранок татбиқгардида метавонанд боиси ташаккули самараноки салоҳияти таърихии хонандагон гарданд, аз ҷумла:

- салоҳияти фаннӣ — дар баргирандаи донишҳои методологӣ, назариявӣ, лоиҳавӣ ва коммуникативии хонандагон мебошад;

- муҳити ягонаи ахборотию таълимӣ — ки имкони рушди шахсият ва фарҳанги касбии хонандагонро дар асоси воситаҳои муосири таълим таъмин менамояд;

- омодагии шахсӣ ва касбӣ — барои гузариши муассир ба зинаи таҳсилоти касбӣ ва татбиқи амалии салоҳияти таърихӣ;

- истифодаи технологияҳои педагогии инноватсионӣ ва усулҳои фаъолкунандаи таълим — барои таъмини ҳаракати пайгиронаи хонанда дар таҳсил ва интихоби минбаъдаи касб;

- дастрасӣ ба адабиёти таълимии замонавӣ — ҳамчун омили калидии ташаккули салоҳияти таърихӣ;

- мониторинги педагогӣ — барои арзёбии сатҳи ташаккули салоҳияти таърихии хонандагон дар зинаҳои гуногун.

Тавсифномаи технологияи ташаккули салоҳияти таърихӣ тавассути маданияти омӯзгорӣ ва истифодаи равишҳои таъсиргузор ифода меёбад. Нишонаи муҳими маҳорат ва фаҳмиши касбии омӯзгор қобилияти пешбинии рушди салоҳиятҳои таълимии хонандагон мебошад, ки дар заминаи ҳамкорӣ ва фаҳмиши мутақобила амалӣ мешавад [40, с. 90].

Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шароити кунунӣ аз шаклҳои гуногуни шароитҳои педагогӣ истифода мебаранд. Аз ҷумла, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 ва Барномаи давлатии ислоҳот ва рушди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои солҳои 2023–2027 дар заминаи сиёсати маориф имкониятҳои мусоид фароҳам меоранд.

Дар робита ба шароитҳои педагогӣ, таҳқиқоти олимон А. А. Бодалева ва А. М. Матюшкин низ мавриди таваҷҷуҳ қарор доранд. Кори онҳо дар самти ташкили муҳити мусоиди омӯзиш ва омилҳои таъсиррасон ба ташаккули салоҳияти таърихии хонандагон саҳми назаррас гузошта, барои омодасозии хонандагони фаъол, салоҳиятманд ва мутобиқ ба талаботи замон замина фароҳам меорад [67, с. 144].

## 2.2. Таълими таърихи халқи тоҷик - омилии асосии ташаккулдиҳандаи салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии хонандагон

Имрӯз дар шароити ҷаҳонишавӣ, ҷомеаи Тоҷикистон ба равандҳои амиқи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ворид шудааст, ки ин тағйиротҳо тамоми сохторҳои ҳаёти ҷамъиятиро фаро гирифтаанд. Ин раванди тағйирёбанда ба низоми маориф низ таъсир расонда, онро ба талаботи давлати демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мутобиқ сохтааст.

Дар стандартҳои нави таҳсилоти миёнаи умумӣ, ҳадафи асосии таҳсилоти умумӣ аз омода сохтани хонандагони салоҳиятнок иборат

мебошад — яъне дониш, маҳорат ва малакаи амалӣ дошта, ба ҳаёти мустақилона омода бошанд. Ба таври мушаххас, талаботи умумии стандартҳо ба тарзи зайл муайян шудаанд:

- барномаи таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд хонандагонро бо дониш, маҳорат ва малакаҳои таърихӣ мусаллаҳ намуда, барои таҳсили минбаъда ва фаъолияти касбӣ дар соҳаи таърих омода созад;

- мазмуни барномаи таълимӣ бояд ба ҳадди ақали стандартии таҳсилоти умумӣ ҷавобгӯ бошад ва шароитҳои татбиқи амалии он бо мӯҳлат ва марҳилаҳои мушаххас ба танзим дароварда шавад [142, с. 48];

- омодасозии хонандагон аз рӯи маҷмӯи фанҳои гуманитарӣ, иқтисодӣ, табиӣ-риёзӣ ва тахассусӣ бо дарбаргирии фанҳои интихобиву факултативӣ сурат гирад;

Барномаи таҳсилоти умумӣ омодасозии мутахассиси соҳаи таърихро тавассути чунин сиклҳои фаннӣ таъмин менамояд:

- сикли фанҳои гуманитарӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ (ГИИ),

- сикли фанҳои табиӣ-илмӣ ва математикӣ (ТИМ),

- сикли фанҳои умумитахассусӣ ва касбӣ (УТК),

- сикли фанҳои тахассусӣ (ФТ),

- сикли фанҳои факултативӣ (ФФ).

Ҳамин тариқ, бахши миллию минтақавии барномаи таҳсилоти умумӣ низ бояд мутобиқ ба тавсифномаи тахассусии Стандарти давлатии таҳсилот таҳия шавад, то тайёрии хатмкунандагон ба таври кофӣ таъмин гардад [142].

Ҳадафи асосии таҳсилоти миёнаи умумӣ иборат аз ин аст:

- омода кардани хонандагон бо сатҳи баланди аз худкунии фанни таърих;

- фароҳам сохтани замина барои донишҳои амиқи таърихӣ ва таҳлилии хонанда;

- инкишофи ҳамаҷонибаи шахсияти хонанда ва тайёр намудани онҳо барои фаъолияти педагогӣ дар шароити тағйирёбандаи иҷтимоӣ.

Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд хонандагонеро омода созанд, ки:

- ба фаъолияти мустақилонаи меҳнатӣ ва иҷтимоӣ омода бошанд;

- қобилияти худомӯзӣ, худсайқалдиҳӣ, худифода ва худтакмилдиҳӣ дошта бошанд;

- дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (2004) аз тамоми фанҳои асосӣ донишҳои заруриро фаро гиранд.

Пас аз хатми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, хонандагон бояд қобилияти дохил шудан ба муассисаҳои касбиро дошта бошанд ва имкони табдил ёфтан ба омӯзгорони фанни таърих-ро пайдо кунанд. Дар ин марҳила аз онҳо чунин сифатҳо талаб карда мешаванд:

- доштани дониш, маҳорат ва малакаҳои баланд дар соҳаи таърих;

- тавоноии мутобиқ шудан ба воқеиятҳои ҷамъиятӣ ва татбиқи таҷрибаи шахсӣ дар муҳити иҷтимоӣ [131, с. 18].

Вазифаҳои омӯзгори фанни таърих дар шароити муосир:

- тарбияи хонандагон дар рӯҳияи шаҳрвандии фаъол ва маърифати сиёсӣ;

- мутобиқсозии фаъолияти таълимӣ ба тағйироти миллию ҷаҳонӣ;

- таҳлили омилҳои иҷтимоӣ ва таъсир расонидан ба онҳо аз мавқеи мусбат ва фаҳмондадиҳанда;

- ташаккули нигоҳи интиқодӣ дар шогирдон, эҳтиром ба назари дигарон ва иштирок дар ҳаёти ҷамъиятӣ бо мавқеи устувор.

Фанни таърихи халқи тоҷик ҳамчун василаи муассири ташаккули шаҳсияти салоҳиятнок ва демократӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавқеи хоса дорад. Омӯзгори таърих, тавассути таълими воқеиятҳои гузашта, хусусан бо истифода аз мисолҳои таърихи халқи худ, метавонад дар хонандагон сифатҳои баланди шаҳрвандӣ ва боварӣ ба ояндаи ҷомеа пайдо ва таҳким бахшад.

Яке аз хусусиятҳои муҳим ва беназири фанни таърихи халқи тоҷик дар он зоҳир мегардад, ки тафаккури танқидӣ-и хонандагон тавассути таҳлили манбаъ ва сарчашмаҳои таърихӣ ташаккул меёбад. Ин раванд хонандагонро водор месозад, ки иштибоҳҳои таърихӣ ва воқеаҳои муҳими гузашта ва имрӯзаро дарк ва арзёбӣ намоянд. Ҳамин тавр, таълимоти таърихӣ воситаи таъсирбахши андешаронии таҳлилӣ, ҷустуҷӯи ҳақиқат ва хулосабарории иттилоотии маърифатӣ мегардад.

Таърихи халқи тоҷик ҳамчун фанни таълимии дорои тартиби пайдарпай, рӯйдодҳои муназзам ва муҳити фазоиву замонии мушаххас, имкони таҳияи диди танқидӣ ва таърихнигарии хонандагонро фароҳам месозад. Омӯзгор бояд дар ҷараёни таълим диққати махсусро ба таҳлили сохторҳои ҷамъиятӣ ва омилҳои гузариш аз як марҳилаи таърихӣ ба марҳилаи дигар, бо назардошти омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, равона созад [126, с. 48].

Бо вуҷуди ин, мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки майли таълим дар байни хонандагону донишҷӯён дар тамоми сатҳҳои таҳсил коҳиш ёфтааст. Ин омили ҷиддӣ ба ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии таърихии хонандагон таъсири манфӣ мерасонад ва зарурати таҳияи роҳҳои ҳалли ин мушкилро тақозо менамояд.

Мазмуни таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар асоси стандартҳои давлатӣ ва барномаҳои таълимӣ танзим мегардад. Барномаи таълимӣ ҳамчун ҳуҷҷати меъёрӣ, сохтори фаннӣ ва мазмунии таълимро муайян мекунад ва омӯзгор дар асоси он барномаи кории худро таҳия ва барои тасдиқ ба иттиҳодияи методӣ пешниҳод мекунад.

Барномаи кории фан, ба монанди дигар фанҳо, аз муҳтавои дониш, маҳорат ва малакаҳои асосии таърихӣ иборат буда, дар охири сол дар асоси мақсад ва вазифаҳои таълим ҷамъбаст мегардад. Методолияи таълими фан омӯзгорро водор месозад, ки ба баҳодиҳӣ, интихоби адабиёти тавсиявӣ, коркарди мавзуъҳо, тақсимоти соатҳои таълимӣ ва тавзеҳи мухтасари маводи таълимӣ диққати ҷиддӣ диҳад.

Ғайр аз ин, дар барномаи таълимӣ мавзуъҳо барои кори мустақилонаи хонандагон, саволҳои тестӣ барои рейтингҳо ва имтиҳонҳо, дастурҳои методӣ барои хонандагон, рӯйхати адабиёт ва сарчашмаҳо ҷой дода мешавад. Ин тадбирҳо ба хонанда имкон медиҳанд, ки малакаи истифодаи мустақили манбаъҳои таърихиро аз худ намояд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барномаҳои таълимӣ аз солҳои 20-уми асри XX рушд карда, дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ аз солҳои 40-уми асри XX ба кор бурда шудаанд [130, с. 138]. Барномаҳои ибтидоӣ асосан мақсади бартарафсозии норасоиҳои назариявӣ ва амалии мактабҳои кӯҳнаро доштанд. Аммо он замонҳо барнома ва китобҳои таълимӣ намунавӣ набуданд ва дорои камбудиҳои ҷиддии педагогӣ ва методӣ буданд.

Бо вуҷуди душвории таълими фанни таърих, аз солҳои 1980 дар Британияи Кабир ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико таҳқиқоти илмии васеъ оид ба ташаккули маърифати таърихии хонандагону донишҷӯён гузаронида шуд. Хулосаи ин таҳқиқотҳо нишон дод, ки фаҳмидани фанни таърих рӯз ба рӯз мураккабтар мегардад, зеро он на танҳо дониш, балки қобилияти мулоҳиза, таҳлил ва муқоисаро талаб мекунад.

Фанни таърих на танҳо сарчашмаи асосии маърифат, балки поягузори ҷаҳонбинии муназзам ва арзишманд барои шахсият мебошад. Мафҳуми «ҷаҳонбинӣ» ҳамчун категорияи фалсафӣ, ба маънои «нигариш ба олам» тафсир ёфта, бори аввал аз ҷониби файласуфи немис И. Кант дар асари худ «Танқиди қобилияти муҳокима» (1790) ба доираи илм ворид шудааст. Ӯ ҷаҳонбиниро ҳамчун робитаи ҳамоҳанги ақлу иродаи инсон маънидод менамояд.

Аз ин рӯ, агар таълимоти фанни таърих дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ на танҳо дониш, балки ирода ва тафаккури муҳокимавии хонандаро фаъол гардонад, он гоҳ маърифатнокии шахсият ба сатҳи сифатан нав хоҳад расид. Дар ҳамин росто, И. Фихте (1792) низ дар асари худ «Таҷрибаи танқиди рӯирости ҳама чиз» мафҳуми ҷаҳонбиниро чун

алтернативаи “танқиди бетафовут ба воқеият” шарҳ дода, ба таъсири он ба худшиносӣ ва ташаккули шахсият таъкид кардааст.

Мақоми таърих дар шаклгирии маърифат на танҳо аз омӯзиши воқеаҳо ва далелҳо иборат аст, балки он ҳамчун воситаи эҳёи тафаккури таҳлилӣ ва интиқодӣ, қобилияти қиёс ва хулосабарорӣ хидмат мекунад. Ин хусусият, махсусан дар таълими таърихи халқи тоҷик, равшан зоҳир мегардад. Омӯзиши ин фан имкон медиҳад, ки хонанда дарк намояд, ки олами ботинии инсон (эҳсосот, афкор) ва олами зоҳирӣ (воқеият, таҷриба) дар як низоми мутаҳаррик ва ҳамтаъсир амал мекунанд.

Дар ин замина, суоли таҳлилӣ ба миён меояд: "Барои чӣ ва бо кадом мақсад таърихро меомӯзем?" Посух ба ин савол дар муҳити таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд тавассути таҳлили мазмун, ҳадаф ва самтҳои асосии фанни таърих, аз ҷумла ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатӣ, рӯшан гардад. Таҳқиқоти мо низ маҳз ба ҳамин масъала равона шудааст, ки дар он мутобиқати мазмуни таълим ба талаботи насли сеюми барномаҳо, стандартҳои давлатӣ ва китобҳои дарсӣ мавриди омӯзиш қарор дорад [127, с. 27].

Тағйиротҳои фарогири соҳаи маориф дар Тоҷикистон, махсусан ислоҳоти солҳои охир, таъсири амиқ ба низоми таълими таърих гузоштаанд. Аз соли 2004 сар карда, ин раванд муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро низ дар бар гирифта, гузариш ба системаи кредитӣ ва таҳсили фосилавӣ дар донишгоҳҳо роҳандозӣ гардид. Дар таҳсилоти миёнаи умумӣ бошад, аз соли 2015 то 2020, гузариш ба равиши салоҳиятнок дар таълим оғоз шуд, ки як ҷузъи равандҳои ҷаҳонишавии соҳаи маориф мебошад.

Ин раванд омӯзгорон, махсусан мутахассисони фанни таърих, вафодор сохт, ки дар муҳлати кӯтоҳ барномаҳои таълимӣ, маводи методӣ ва дарсӣ таҳия намоянд. Ин раванд, дар навбати худ, мушкилоти интихоби мазмун ва муносибати методӣ ба фанро дар асоси талаботи нав ба миён гузошт.

Бо вуҷуди пешрафтҳо, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мушкилоти кадрӣ ҳанӯз ҳам боқӣ мондааст. Бо сабаби паст будани музди

меҳнат ва камбуди омӯзгорони касбӣ, бисёр фанҳои таълимӣ, аз ҷумла таърихи халқи тоҷик, аз ҷониби омӯзгорони ғайриихтисос тадрис мегардад, ки ба сифати ташаккули салоҳияти хонандагон таъсири манфӣ мерасонад [131].

Дар баробари ин, ҳанӯз омилҳои объективӣ ва субъективие мавҷуданд, ки ба сифати омӯзиши таърихи халқи тоҷик ва фанҳои ёрирасони таърих таъсир мерасонанд. Танҳо дар ҳолати ҳамгироии дуруст ва мақсадноки ин омилҳо имконпазир мегардад, ки салоҳияти маърифатии таърихии хонандагон ба таври муассир ташаккул ёбад.

Ташаккули маърифати таърихии хонандагон ҳамчун ҷараёни мураккаби психологӣ ва педагогӣ, зери таъсири омилҳои гуногун сурат мегирад, ки шартан ба ду гурӯҳ – омилҳои субъективӣ ва объективӣ тақсим мешаванд.

Ба гурӯҳи омилҳои субъективӣ пеш аз ҳама иштироки фаъолонаи худи хонанда ва нақши омӯзгор дохил мегарданд. Муносибати шахсӣ, сатҳи ангезиш, шавқу ҳавас ба фан, қобилияти фаҳм ва иродаи хонанда дар омӯхтани таърих нақши ҳалкунанда мебозанд [133, с. 69].

Омилҳои объективӣ бошанд, бештар ба муҳити таълимӣ ва шароити фаннӣ-педагогӣ вобастаанд. Онҳо иборатанд аз:

- паст будани сатҳи методҳои таълим;
- номукаммалии воситаҳои таълимӣ ва адабиёти дарсӣ;
- норасоии омӯзгорони ихтисосманд ва бо таҷриба;
- шаклҳои кӯҳнашудаи дарс;
- фазои умумии муассисаи таълимӣ, ки ба ташаккули фикрронӣ ва маърифат мусоидат намекунад.

Таҳлили фаъолияти воқеии хонандагон дар синфҳои ибтидоӣ нишон медиҳад, ки онҳо дар ин давра ором, фармонбардор ва бо ҳисси масъулият супоришҳои омӯзгорро иҷро мекунанд. Аммо ин фармонбардорӣ бештар зоҳирист, на зодаи фаҳмиш ва андешаронии маърифатӣ. Хонандагон тамоми маводро навишта, кӯшиш мекунанд дарсро пурра аз худ намоянд, вале

аксаран наметавонанд онро ба муҳтавои васеътари фан ё воқеияти иҷтимоӣ пайванд диҳанд.

Нақши омӯзгор дар ин раванд калидӣ мебошад. Ҳарчанд ки хонандагони синфҳои болоӣ бештар шавқи омӯхтани асрори ҷаҳонро зоҳир менамоянд, аммо бе роҳнамоии омӯзгор ин шавқ метавонад ба самтҳои нодуруст ва тасодуфӣ равона шавад. Дар синфҳои 5–6 ин шавқ оҳиста ташаккул ёфта, дар синфҳои 10–11 метавонад ба интихоб ва ташаккули салоҳияти касбии онҳо таъсири амиқ расонад. Аммо бештари хатогиҳо маҳз дар ин марҳилаи муайянсозии касб сурат мегиранд: хонандагони номуайян ба ихтисосҳое монанди таърих, забон ва математика ворид мешаванд, вале хешро дар он намеёбанд.

Дар натиҷа, чунин хонандагон баъдан ба донишгоҳ дохил шуда, диплом мегиранд, вале бидуни шаклгирии салоҳиятҳои воқеӣ. Онҳо наметавонанд фаъолияти самараноки касбиро роҳандозӣ намоянд ва баъдан аз интихоби хеш даст мекашанд. Ин ба таваҷҷуҳи хоса ба тарбияи касбӣ ва маърифати шахсият ниёз дорад.

Аз ин ҷост, ки омӯхтани мафҳуми «лаёқат» ё «тавоноӣ» аз нуқтаи назари илми психология ва педагогика аҳамияти махсус дорад. Лаёқатро метавон ба се гурӯҳ ҷудо кард:

1. Лаёқати умумӣ – зоҳиршавии умумии қобилиятҳои идрок ва фикрронӣ;

2. Лаёқати махсус – вобастагӣ ба самти тахассус, масалан, таърих, математика ва ғайра;

3. Лаёқати амалӣ – қобилияти ташкилии шахс, ки ба салоҳиятҳои воқеӣ наздик мешавад [118, с. 203].

Аз миёни инҳо, лаёқати маърифатӣ, яъне қобилияти шинохт ва таҳлили иттилоъ, пояи асосии ташаккули салоҳият дар хонандагон ба ҳисоб меравад. Барои инкишофи ин лаёқат, зарур аст, ки:

- омӯзгорон дар фаъолияти методии худ ба ташаккули тафаккури маърифатии таърихӣ аҳамияти бештар диҳанд;

- дар иттиҳодияҳои методӣ ин масъала ба меҳвари марказии фаъолияти таълимӣ табдил ёбад;

- омӯзгорони фанни таърих ва фанҳои ёрирасон вазифадор бошанд, ки бо донишҷӯёни дорои ҳаваси касбии таърихшиносӣ мунтазам кор баранд.

Ин раванд на танҳо хидмат ба самаранокии таълим мекунад, балки муассисаи таҳсилоти умумиро ба муассисаи ташаккулдиҳандаи шахсиятҳои комил ва ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир табдил медиҳад.

Дар замони муосир, ки таълим дар шароити рақобати илмҳо ва таъсири омилҳои глобалӣ сурат мегирад, масъалаи ташаккули лаёқат ва қобилияти маърифатии хонандагон ба мақоми марказии сиёсати таълими миллӣ табдил ёфтааст. Дар ин раванд нақши мудири иттиҳодияи методӣ ҳалкунанда мебошад, зеро ӯ метавонад таваҷҷуҳ ва назоратро ба самтҳои калидии ташаккули салоҳияти таърихии хонандагон равона созад.

Қобилияти маърифатии хонандагон дар он зуҳур мекунад, ки онҳо воқеияти иҷтимоиро, ҳодисаҳои таърихиро ва сабабу омилҳои онҳоро дуруст дарк ва арзёбӣ карда метавонанд. Бидуни чунин қобилият, хонандагон натанҳо ба воқеаҳо ба таври сирф берунӣ менигаранд, балки аз таҳлили амиқ ва баҳогузории танқидӣ маҳрум мемонанд [124, с. 48].

Тавре ки устод Рӯдакӣ фармудааст:

«Ин ҷаҳонро нигар бо чашми хирад,

Не ба он чашм к-адар ӯ нигарӣ.»

Ин суханон на танҳо арзиши ахлоқӣ доранд, балки дар заминаи фалсафӣ барои омӯзиши таърих арзиши методологӣ низ доранд. Чашми хирад, ки Рӯдакӣ таъкид мекунад, маҳз ҳамон маҳорат ва қобилияти маърифатиест, ки бояд дар хонандагон парвариш ёбад. Чунин маҳорат аз синфҳои ибтидоӣ оғоз ёфта, дар зинаҳои таҳсилоти касбӣ ва олии касбӣ инкишоф меёбад.

Фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ, ки дар маркази он омӯзгор қарор дорад, ҷараёни пайдарпайи азбаркунӣ, фаҳмиш, таҳлил ва татбиқи дониш аст. Барои самаранок гардонидани ин раванд, на танҳо мазмуни таълим, балки

усулҳои интерактивӣ, шаклҳои фаъолгардони таълим ва муҳити психологӣ-педагогӣ бояд такмил дода шаванд.

Мақсади асосии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ — омодасозии шахсиятест, ки дорои шуури таърихӣ, ҷаҳонбинӣ ва салоҳияти иҷтимоӣ буда, дар зиндагии мустақилонаи шаҳрвандӣ фаъолона ширкат меварзад. Барои расидан ба ин ҳадаф, хонанда бояд дар ҳама навъи машғулиятҳо — назариявӣ, амалӣ, худомӯзӣ, чорабиниҳои илмӣ-фарҳангӣ ва дигар фаъолиятҳо иштироки фаъолона дошта бошад [123, с. 110].

Аммо таҷриба нишон медиҳад, ки мутаассифона бисёр хонандагон ва волидон масъулияти таълимро камаҳамият мешуморанд. Дер омадан ба дарс, беэътиноӣ ба худомӯзӣ, сарфи вақт ба телефон ва бозиҳои бемаънӣ, паст будани фарҳанги муошират — ҳама ин падидаҳо нишонаи норасоии ташаккули маърифатӣ ва дур мондан аз ҳадафҳои салоҳиятмандсозии таълим мебошад.

Натоиҷи таҷрибаи педагогии мо нишон дод, ки хонандагони мактабҳои миёнаи ноҳияҳо дар маҷмӯъ, салоҳияти таърихии хуб ташаккулёфта надоранд. Яке аз сабабҳои асосии он — базаи заифи моддӣ-техникӣ, набудани китобҳои муосир ва норасоии омӯзгорони тахассусманд аст. Пас, дар чунин шароит вазифаи роҳбарияти методӣ ва муассисаҳо аз он иборат аст, ки:

- бо навгониҳои педагогӣ муҳити таълимиро ғанӣ созанд;

- равиши фармонфармоӣ ва маъмуриро кам намуда, фарҳанги ҳамкорӣ ва дастгирии инфиродӣ-ро ташвиқ намоянд;

- муҳити фаъолу илҳомбахшро фароҳам созанд, ки хонанда дар он эҳсоси масъулият, худогоҳӣ ва худтакмилдиҳиро эҳсос намояд.

Таърих ҳамчун фан, на танҳо гузаштаро бозгӯ мекунад, балки ҳувияти миллӣ, ифтихори ватандорӣ ва тафаккури муосирро низ ташаккул медиҳад. Аз ин рӯ, омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик бояд ҳамчун меҳвари

худшиносии миллӣ ва асоси ҷаҳонбинии демократӣ дар маркази тамоми барномаҳои таълимӣ қарор гирад.

Тавре ки У. Кайковус дар осори худ таъкид намудааст, одамон аз рӯи тавоноии маърифатӣ ба табақаҳои гуногун ҷудо мешаванд: бархе аз онҳо аз тавоноии табиӣ ва ақлу фаросати модарзодӣ бархӯрдор буда, аз дигарон бо зиракии фикрӣ ва лаёқати амиқи шинохтӣ фарқ мекунанд. Ба андешаи ин мутафаккир, ҳарчанд ҳар шахс соҳиби ақли табиӣ буда наметавонад, лекин бо воситаи омӯзиш ва таҷрибаи пайваста инсон имкони ба даст овардани чунин сатҳи маърифатро дорад [134, с. 74].

Дар навбати худ, А. Рӯдакӣ дар нигаришҳои худ нақши муҳити иҷтимоӣ ва фарҳангиро дар ташаккули шахсият ва ахлоқи инсон муҳиму асосӣ меҳисобад. Воқеан, агар муҳит чун муҳаррики шаклдиҳандаи шахсият ва салоҳиятманди таърихӣ қабул шавад, метавон гуфт, ки қобилияти маърифатии инсон на натиҷаи ирсият, балки натиҷаи таъсири муҳити фаъол, омӯхташаванда ва ташаккулдиҳанда аст. Дар заминаи таҳлилҳои муосир, муҳит — ин на танҳо фазои физикӣ, балки маҷмӯи муносибатҳои иҷтимоӣ, имкониятҳои иттилоотӣ ва захираҳои маънавист, ки шахсият дар он рушд мекунад.

Тадқиқоти мо нишон дод, ки ташаккули салоҳияти иттилоотию маърифатии хонандагони синфҳои 10–11 бештар дар он ҳолат сурат мегирад, ки хонандагон бо мазмуну муҳтавои маводи таълимӣ сарукор гирифта, онро аз ҷиҳати фаҳмиш, таҳлил ва натиҷагирӣ ба сатҳи худ интиқол медиҳанд. Фаъолиятҳои мустақилона, ки дар барномаҳои таълимии синфҳои болоӣ пешниҳод мешаванд, воситаи самарабахши ин раванд ба шумор мераванд, зеро дар он хонанда мустақилона андеша мекунад, таҳлил менамояд ва дар натиҷа, салоҳияти ӯ тадриҷан ташаккул меёбад.

Омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик ҳамчун воситаи эҷоди шаклҳои нави фикрронӣ ва амалҳои таҳлилӣ дар зеҳни хонандагон нақши муассир мебозад. Мутобиқи арзёбии як қатор педагогон ва психологон мушоҳида мешавад, ки дар синфҳои болоӣ муносибати хонандагон бо таълим тағйир

меёбад. Онҳо дар ин марҳила бештар бо омӯзгороне, ки бо онҳо ҳамфикру ҳамзабонанд, ҳамназар шуда, нисбат ба онҳо пайравӣ ва эътимод зоҳир мекунанд.

Ин раванд махсусан дар давраи имтиҳонҳои хатм ва омодагӣ ба таҳсилоти касбӣ боз ҳам назаррас мешавад. Рафтори хонанда, тарзи андешаронӣ ва муносибат ба воқеият ба куллӣ тағйир ёфта, равшантар ва баркамолтар мешавад.

Таърих ҳамчун фан, ҳамзамон замони гузашта, ҳозира ваояндаро ба ҳам мепайвандад. Шуури таърихӣ — ин олоти асосии иҷтимоишавии шахсият аст, ки тавассути он инсон на танҳо хештаншиносӣ, балки тарзи фикрронӣ дар бораи ҷамъиятро низ ба даст меорад. Чунин шуур на танҳо хулосабарорӣ аз хатогиҳои гузашта, балки риояи қонунияти рушди ҷамъиятиро низ фаро мегирад, ки дар маҷмӯъ, шахсро ба ҳаёти мустақили шаҳрвандӣ омода месозад [140, с. 100].

Фанни таърихи халқи тоҷик, дар баробари омӯзиши воқеаҳо ва шахсиятҳои муҳими таърихӣ, ба хонанда имкон медиҳад, ки бо ҳодисаҳои ҷаҳонӣ низ муқоиса анҷом диҳад. Ба мисол, ҳангоми баррасии воқеаҳои Инқилоби буржуазии Фаронса, хонанда метавонад аз таҷрибаи якобинҳо ё ҷумҳурихоҳони Рим дарси сиёсӣ ва маънавӣ бигирад. Ҳатто дар таҷрибаи таърихии худи тоҷикон, дар замони муборизаҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ метавон мисолҳои тақвиятдиҳандаи шуури шаҳрвандӣ ва озодихоҳиро ёфт.

Аз ин рӯ, кори омӯзгор бояд ба он равона шавад, ки дар хонанда муносибати фаъол, таҳлилгарона ва таҳқиқотӣ ташаккул ёбад. Фаҳмиши бодиққати таърих на танҳо як унсури омӯзиш, балки шарти зарурии рушди маърифати иттилоотӣ ва илмии шахсият аст. Дар ин самт, донишҳои таърихӣ на танҳо дониш, балки муҳити ташаккулдиҳандаи инсон, ҷаҳонбинӣ ва ҷаҳонфаҳмии ӯ низ мебошанд [3, с. 62].

Дар шароити муосири иттилоотӣ ва талошҳои бардурӯғнамоии таърих, талқини таҳрифшудаи воқеаҳои гузашта аз ҷониби қувваҳои алоҳида ба як чолиши ҷиддӣ барои таърихи воқеии миллати тоҷик табдил ёфтааст. Аммо

нашри китоби муҳими «Тоҷикон дар оинаи таърих» таҳти қалами Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ин хатари методологӣ ва идеологиро коҳиш дода, ҳамчун санади таълимии воқеӣ ва меъёрии ташаккули салоҳияти таърихии шаҳрвандон хизмат менамояд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳадафи таҳкими худшиносии миллӣ, баланд бардоштани эҳсоси ифтихор аз таърих ва фарҳанги миллӣ, китоби аллома Бобоҷон Ғафуров «Тоҷикон»-ро аз ҳисоби буҷаи давлатӣ ба нашр расонда, дастрасии умумимиллӣ ба ин манбаи арзишмандро таъмин намуд. Ҳадафи аслии ин иқдом на танҳо густариши маълумот, балки ташаккули шуури таърихӣ, ҳувияти миллӣ ва салоҳияти иттилоотию маърифатии насли наврас мебошад.

Яке аз рӯйдодҳои муҳими маърифатӣ дар ин замина, амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 июли соли 2022, №АП-227, доир ба таҷлили 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров мебошад. Дар доираи он, озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикон – дар оинаи таърихи миллат» дар соли 2023 баргузор шуд, ки ҳамчун платформаи муассири инкишофи лаёқат ва қобилияти таърихии насли ҷавон арзёбӣ мегардад [133, с. 98]. Чунин чорабиниҳо баёнгари онанд, ки омӯхтани таърих бояд на танҳо воситаи аз худ кардани маълумот, балки шарти ташаккули худогоҳии таърихӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ бошад.

Ин раванд, бо таваҷҷуҳ ба таҷрибаҳои таълимӣ, моро водор месозад, ки омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷикро ҳамчун муҳаррики калидии салоҳияти маърифатии таърихии хонандагон аз нав арзёбӣ намоем. Таҷрибаи гузаронидани озмунҳои ноҳиявӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ, бо роҳандозии мониторинги даврӣ, имкон медиҳад мазмуни омӯзиши фаннӣ ба таври устувор бо дарки таҳлилии хонандагон пайванд гирад.

Дар ин росто, омӯзгори таърих бояд на танҳо муаллими фаннӣ, балки тарбиятгари шуури шаҳрвандӣ ва таҳлилгари равандҳои муосири иҷтимоӣ

бошад, ки дар шароити тағйирёбандаи асри XXI талаботи навро ба мазмун ва методологияи таълим пеш мегузорад [135, с. 114].

Дар шароити кунунӣ, ду унсури калидии чараёни таълим тавсия мешаванд:

1. Салоҳияти матнӣ – ки тамоми маҷмӯи воситаҳои таълимиро (китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ, сарчашмаҳои таърихӣ, маводи дидактикӣ) фаро мегирад ва тавассути матни дақиқ, илмӣ ва таҳлилӣ, ба хонанда дар шинохти воқеият мусоидат мекунад.

2. Системаҳои баҳогузорӣ ва мониторинг, ки бояд на танҳо дараҷаи аз худ кардани маводро чен кунанд, балки лаёқат, қобилияти муҳокима, хулосабарорӣ ва ҳалли масъалаҳои амалӣ-ро дар марказ қарор диҳанд.

Фарқияти фанни таърих аз дигар фанҳо, аз ҷумла фанҳои дақиқ, дар он аст, ки омӯзиши он ҳамеша дар зери таъсири муҳити иҷтимоӣ ва шароити замон қарор мегирад. Шуури таърихӣ – на як қабули маълумот, балки як омили фаъоли худшиносӣ ва ташаккули шахсият аст, ки таҳкими он на танҳо барои таърихи миллат, балки барои устувории ҷомеа зарур аст.

Дар замони ҷаҳонишавии иттилоотӣ, насли наврас ҳамчун аъзои ҷомеаи ахборотии нав бояд қодир бошад, ки ҳаёти худро маънан ва илмӣ роҳандозӣ намояд. Талаботи онҳо на танҳо ба дониш, балки ба имкони интихоби арзишҳо ва татбиқи воқеии малакаҳо дар ҳаёт нигаронида шудааст. Ин тағйирот, дар доираи Стандарти давлатии таълимӣ низ инъикос ёфта, мафҳуми “донишдиҳандагӣ” бо принсипи “салоҳиятмандсозӣ” иваз гардид, ки ҳадафаш – омодасозии хонанда ба зиндагии мустақилона ва масъулиятнок дар ҷомеа мебошад.

Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд тавоноии худро барои инкишофи салоҳиятҳо пурра истифода баранд. Имрӯз, ҳақиқатҳои иҷтимоӣ аз омӯзгор ва волидон талаб мекунанд, ки:

- шароити санҷиши воқеии қобилияти таърихии хонандагонро фароҳам оранд;

- ташаккули шахсияти мустақил, масъулиятшинос ва маълумотнокро таъмин намоянд;

- ҳар дарси таърихиро ба сарчашмаи тавонои таҳлили иҷтимоӣ ва тафаккури танқидӣ табдил диҳанд.

Пас, саволи тадқиқотӣ бармехезад: оё дарсҳои таърих дар мактаб метавонанд салоҳиятҳои таърихии хонандагонро воқеан ташаккул диҳанд? Дар шароити амалӣ, ба омӯзгорон зарур аст, ки кор бо сарчашмаҳои таърихиро ҳамчун муҳаррики рушддиҳандаи ҷаҳонбинии хонандагон истифода баранд, то шогирдон тавонанд мушкилоти ҳаётиро бо истифода аз таҷрибаи таърих ҳал намоянд.

Мақсади омӯзиши фанни таърих — шинос намудани хонандагони тамоми зинаҳои таҳсилот бо раванди ташаккули ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва маънавии миллат тавассути таҳлили мантиқии сарчашмаҳои таърихӣ мебошад. Омӯзиши таърих бояд ба ташаккули ҷаҳонбинии таҳлилӣ ва бедорсозии салоҳиятҳои калидӣ дар хонандагон мусоидат намояд ва онҳоро ба ҳаёти мустақилона ва фаъолонаи шаҳрвандӣ омода созад.

Бо назардошти ин ҳадаф, вазифаҳои зерин дар равандҳои таълим ва таълифи барномаҳои таърихӣ ҳаллу фасл бояд шаванд:

- ташаккули фаҳмиши мукаммал дар хонандагон доир ба зарурати омӯзиши таърих ҳамчун василаи таҳкими ҳувияти миллӣ ва иҷтимоӣ дар шароити муосир;

- шарҳи дақиқ ва возеҳи мафҳумҳои “салоҳият” ва “салоҳиятнокӣ” бо такя ба шароити иҷтимоӣ ва психологӣ-таълимии хонанда;

- тавзеҳи мушаххаси намудҳо ва вазифаҳои салоҳиятҳо дар робита ба таълими фанни таърих;

- муайянсозии мақом ва аҳамияти салоҳиятнокӣ дар омӯзиши таърих, ба вижа дар мундариҷаи барнома ва дарс;

- интихоб ва таҳлили сарчашмаҳои таърихии мувофиқ барои мусоидат ба ташаккули салоҳиятҳои калидӣ дар хонандагон [124, с. 138].

Мафҳуми салоҳият, дар шароити таълими муосир, на танҳо дониши амалию фаннӣ, балки арзишҳои ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро дар бар гирифта, ба сифати натиҷаи мушаххаси омӯзиш ва тарбия баромад мекунад. Он ҳамчун маҷмӯи муттаҳидшудаи дониш, малака, майл ва хосиятҳои шахсӣ, шахсро ба ҳалли масъалаҳои ҳаётӣ дар шароити мураккабу тағйирёбандаи ҷомеа омода месозад.

Салоҳиятнокии таърихии хонандагон — мафҳумест, ки на танҳо дар муҳити синф, балки дар робита бо оила, муҳити иҷтимоӣ, расонаҳо, фарҳанг ва анъанаҳои миллӣ ташаккул меёбад. Аз ин рӯ, татбиқи муносибати босалоҳиятӣ бояд бо дарназардошти тамоми вазъиятҳои иҷтимоиву таълимӣ, ки шахсият дар онҳо рушд меёбад, амалӣ гардад.

Таълими фанни таърихи халқи тоҷик ҳамчун яке аз рукнҳои асосии рушди маърифатии хонандагон, имкони густурда барои ташаккули маҷмӯи салоҳиятҳои калидӣ фароҳам меорад. Салоҳиятҳое, ки дар ҷараёни омӯзиши ин фан ба вуҷуд меоянд, на танҳо ба рушди тафаккури таърихӣ, балки ба тавсеаи ҷаҳонбинӣ, малакаҳои иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва фарҳангии хонандагон мусоидат мекунанд. Аз ҷумла, таълими таърих метавонад зерин салоҳиятҳои калидиро ташаккул диҳад:

1. Салоҳиятҳои умумитаълимӣ — ин шакли салоҳият маънои дарки умумии мазмунҳои таълимиро дар бар гирифта, дониши умумимиллӣ ва умумибашариро фаро мегирад. Он ба ташаккули тафаккури интиқодӣ, малакаи мустақилона омӯхтани мавод ва навъи фаъолияти маърифатии шахсият мусоидат менамояд. Тавассути омӯзиши таърих, хонандагон ба ҳосил кардани таҷрибаи омӯхтан, хулосабарорӣ ва баҳодиҳии далелҳои таърихӣ қодир мегарданд.

2. Салоҳияти иҷтимоӣ–меҳнатӣ — дар заминаи таълим, ба хонанда имконият медиҳад, ки равандҳои иҷтимоиро фаҳмад, фаъолона иштирок дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва арзёбии воқеии вазъияти меҳнатиро аз худ кунад. Ин шакли салоҳият, бо малакаи таҳлил ва қабули қарорҳо дар вазъиятҳои

иҷтимоӣ зич алоқаманд аст. Омӯзиши таърих дар ин замина ба ташаккули масъулияти шаҳрвандӣ ва шуури иҷтимоӣ мусоидат мекунад.

3. Салоҳияти иттилоотӣ — дар шароити ҷомеаи рақамӣ, барои хонандагон муҳим мебошад. Он дар бар мегирад қобилияти кор бо манбаъҳои иттилоотӣ, таҳлили онҳо, ҷустуҷӯи мустақили иттилоъ, коркард ва пешниҳоди онро. Гарчанде ки технологияҳои муосир ба хонанда дастрасанд, аммо истифодаи нодурусти телефон ва интернет метавонад хатарзо гардад. Аз ин рӯ, таълими таърих бояд ба хонанда малакаи таҳлил, муқоиса ва интихоби иттилооти дурустро омӯзонад.

4. Салоҳияти муоширатӣ — тавассути таълими таърих рушд ёфта, қобилияти ифодаи афкор, муколама ва ҳамкории фарҳангиро фароҳам месозад. Омӯзиши таърих муносибати таҳаммулгароёна, тавоноии муаррифии андеша, иштироки фаъол дар баҳсҳо ва гуфтугӯҳои мазмуннокро тақвият медиҳад. Забондонӣ ва маҳоратҳои муоширатӣ шарти муҳими шаклгирии ин салоҳият ба шумор меравад.

5. Салоҳияти арзишӣ–мазмунӣ — яке аз муҳимтарин шаклҳои салоҳият барои омӯзиши таърих аст, зеро он ба хонанда имкон медиҳад, ки воқеиятҳои таърихиро дар рӯшании арзишҳои инсонӣ дарк намояд. Ин салоҳият дар ташаккули ҷаҳонбинии маърифатӣ ва муносибати арзишӣ ба падидаҳои таърихӣ нақши калидӣ мебозад. Ҳангоми набудани дарки арзиш, муҳтавои таълим аз ҷониби хонанда намефаҳмида мешавад ва дар зеҳн устувор намегардад [1133, с. 64].

6. Салоҳияти иттилоотӣ–маърифатӣ — маҷмӯи қобилиятҳоест, ки хонанда дар ҷараёни фаъолияти мустақили маърифатӣ ба даст меорад. Он дар бар мегирад маҳоратҳои таҳлилӣ, методологӣ, мақсадгузорӣ, худбаҳодиҳӣ, ташхиси мантиқии иттилоъ ва қобилияти дар ҳолатҳои ғайристандартӣ фаъолият кардан. Таълими фанни таърих дар синфҳои болоӣ бояд бо чунин усулҳо пеш бурда шавад, ки хонанда тавонад далелҳои дуру нодурустро аз ҳам ҷудо кунад, методҳои оморӣ ва таҳлили муосирро истифода барад ва дар ҳалли масъалаҳо эҷодкорона амал намояд.

7. Салоҳияти шахсиятӣ–худмуайянкунӣ — яке аз муҳимтарин самтҳо дар ташаккули шахсияти хонанда мебошад. Он маърифат ва дарки шахсияти худ, арзишҳо, ҳадафҳо, қобилиятҳо ва рӯйкарди маънавии шахсро фаро мегирад. Омӯзиши таърих бо фанҳои ёрирасон заминаи устувори ташаккули ин салоҳиятро фароҳам оварда, имконият медиҳад, ки хонанда нақши хешро дар ҷомеа муайян кунад, ҳадафгузор бошад ва фаъолона дар ҳаёти маънавӣ иштирок намояд [133, с. 13–28].

Мазмуни технологии фаъолияти маърифатӣ-таърихии хонандагон дар раванди омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар заминаи як қатор унсурҳои муҳим ташаккул меёбад, ки самаранокии таълимро таъмин менамоянд. Аз ҷумла:

- ҷорӣ намудани технологияи муосири педагогӣ дар ҷараёни омӯзиши таърихи халқи тоҷик, ки имконият медиҳад равандҳои таълимӣ ҳадафманд, шахсиятгаро ва фаъолсозанда бошанд;

- тавсеаи истифодаи робитаҳои байнифаннӣ, ки ба амиқ шудани фаҳмиши хонандагон дар мавзуъҳои таърихӣ ва ба ҳам пайвастани дониш аз фанҳои дигар (география, адабиёт, ҳуқуқ ва ғ.) мусоидат мекунад;

- баланд бардоштани сатҳи илмии омӯзиш, ки ба омӯзгорон масъулияти бештар нисбат ба мазмуни манбаъҳо ва усулҳои тадрисро мегузорад;

- истифодаи васеъи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК), ки ба хонандагон шароити беҳтари дастрасӣ ба сарчашмаҳо, матнҳои таърихӣ, харитаҳо, филмҳои ҳуҷҷатӣ ва дигар захираҳоро фароҳам меорад;

- таъмини дарку дарёфти шахсиятии таҷрибаи таърихӣ, ки дар он таърих ҳамчун мактаби фикр ва арзёбӣ таҷассум меёбад;

- фаъолсозии андешаронӣ ва ташвиқи ибрози мустақили фикр, ки дар ташаккули салоҳияти интиқодӣ, таҳлилӣ ва таърихнигорӣ аҳамияти ҳалкунанда дорад.

Дар ин замина, шакли муҳими ташаккулдиҳандаи салоҳияти таърихии хонандагон — малакаи кор бо сарчашмаҳои таърихӣ мебошад. Омӯзиши фанни таърих бояд ба он равона бошад, ки хонандагон тавонанд бо

сарчашмаҳо мустақилона кор кунанд: хонанд, таҳлил намоянд, муқоиса кунанд ва натиҷа бароранд. Ин малака, ҳамчун пояи фаъолияти маърифатӣ, дар тамоми шаклҳои таҳсилот — аз омӯзиши синфӣ то вазифаҳои хонагӣ ва корҳои беруназсинфӣ — татбиқ мешавад.

Сарчашмаҳо ва манбаъҳои таърихӣ бояд ҳамчун воситаи таълимии ҳамешагӣ дар корҳои мустақилонаи хонандагон истифода шаванд: ҳангоми омодагӣ ба дарс, таҳияи маърӯзаҳо, иштирок дар маҳфилҳои фаннӣ, ёддоштҳои таърихӣ, корҳои мустақилона, навиштани реферат, иншо ва корҳои таҳлилӣ. Ҳамин тариқ, таълими фанни таърих тавассути истифодаи манбаъҳои таърихӣ, ба ташаккули малакаҳои таҳқиқотӣ ва салоҳияти маърифатии хонандагон заминаи воқеӣ мегузорад.

Бо истифода аз чунин равиш, омодагии хонандагон ба имтиҳонҳои хатм низ баланд мегардад, зеро онҳо донишу малакаҳои амалӣ ба монанди овардани иқтибос, навиштани иншо ва ташаккули андешаи хулосавиро аз худ мекунанд, ки ба талаботи таълими муосир ва арзёбии салоҳиятнокӣ ҷавобгӯ аст.

## 2.3. Омилҳои объективӣ ва субъективии ташаккул додани салоҳияти хонандагони синфи 10-11 тавассути омӯзиши таърихи халқи тоҷик

Дар равандҳои омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик, ки вазифаи асосии он ҳосил намудани дониш, малака ва маҳорат мебошад, зарур аст омилҳои таъсиргузор — объективӣ ва субъективӣ — аз ҳам дуруст фарқ карда шаванд. Сифат ва самаранокии ташаккули тавоноии маърифатии хонандагон бевосита ба дуруст шинохтан ва ба назар гирифтани ин омилҳо вобаста аст.

Ба омилҳои субъективӣ он унсурҳое тааллуқ доранд, ки ба субъектҳои ҷараёни таълим — омӯзгорон ва хонандагон — мансубанд. Маҳз шахсияти омӯзгор, малакаи педагогии ӯ, муносибати ӯ бо хонандагон, тарзи роҳнамоӣ

ва қобилияти ангезандагии вай нақши муассир дар бедорсозии фаъолият ва маърифатнокии шогирдон мебозад [139, с. 48].

Дар муқобил, омилҳои объективӣ ба унсурҳое ишора мекунанд, ки муҳити таълимро ташкил медиҳанд: инҳо шакл, метод, услуб, роҳҳои дарсдиҳӣ, сатҳи илмӣ ва фарҳангии муҳити синф, технологияҳои истифодаи ахборот, шароити моддию техникии таълим ва имконоти иттилоотии муассиса мебошанд. Ҳамаи ин омилҳо шароити мусоид ё номусоид барои рушди маърифатии хонандагонро муайян мекунанд.

Бо вуҷуди ин, бояд зикр намуд, ки хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, тибқи моҳияти раванд, ихтироъкор ё таҳқиқотчӣ нестанд. Онҳо маҳсулоти дониш ва таҷрибаи ҷамъшудаи инсониятро аз худ мекунанд. Тавре ки С. Л. Рубинштейн таъкид мекунад: «Хонанда ва донишҷӯ кӯшиш намекунанд, ки чизе ихтироъ кунанд, балки донишеро, ки инсоният дар шакли тайёр ҷамъ овардааст, аз худ менамоянд, вале барои худи ӯ — ин дониш, гӯё як навоварӣ аст» [78, с. 3–15].

Аз ин рӯ, ҳарчанд ба маънои объективӣ шогирдон ихтироъ намекунанд, аз назари психологияи шахсӣ, ҳатто азбар кардани ҷадвали зарб ё маънои мафҳумҳои грамматикӣ барои онҳо чун таҷрибаи нав ва “кашфи инфиродӣ” ба шумор меравад.

Ин маънои онро дорад, ки фаъолияти маърифатии хонанда, ҳатто агар он пурра бар донишҳои қаблан кашфшуда асос ёбад, ҳар бор дар зеҳни ӯ бо хислати инфиродӣ, таҷрибавӣ ва эҷодӣ эҳё мешавад. Ба таври дигар, дониш барои ҷомеа статикӣ, вале барои шогирд як раванди динамикии худфаъолият ва худошноӣ аст.

Дар ҳамин росто, омӯзгор ҳамчун роҳбари раванди маърифатӣ бояд на танҳо гузаронидани дарс, балки ташкили муҳити таълимии эҷодкорона, ҳавасмандсоз ва салоҳиятшиносро таъмин намояд. Вазифаи ӯ иҷрои барномаи таълимӣ буда, ба ташаккули мантиқ, тафаккури интиқодӣ, қобилияти худомӯзӣ ва дарки воқеият равона мебошад. Дар ҳамин сурат,

омӯзгор ҳамчун раҳнамои маърифатӣ, тавоноии хонандаро барои дарки шахсии дониш ва қабули масъулияти маънавии таърихӣ ташаккул медиҳад.

Дар Паёми навбатии хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 28 декабри соли 2024 ироа гардид, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд: «Саҳми хонандагони мактабҳои миёна дар ин дастовард, яъне ихтироот 1 миллиард долларро ташкил мекунад. Харидорони ин идеяҳо асосан ширкатҳои бузургтарини дунё мебошанд. Дар баробари ин, бояд гуфт, ки сабаби асосии бадбахтии ҳар як миллат ва давлат эътибор надодан ба сифати мактабу маориф, саҳлангорӣ кардан ба тарбияи кӯдак аз хурдсолӣ ва фароҳам наовардани муҳити мусоид барои таълиму тарбия мебошад» [137].

Таърих яке аз соҳаҳои бостонии илми башарӣ ба ҳисоб рафта, калимаи "таърих" дар асл аз решаи юнонии қадимӣ гирифта шуда, маъноҳои «нақл», «ҳикоя», «гуфтор» ва «таҳқиқ»-ро дарбар мегирад. Дар забони муосири илмӣ мафҳуми "таърих" дар ду самти асосӣ фаҳмида мешавад:

1. ҳамчун илме, ки ба омӯзиши воқеаҳои гузашта ва таҳлили раванди рушди ҷамъиятӣ машғул аст;

2. ҳамчун асоси маърифатӣ, ки бе донистани он дарки воқеиятҳои замони ҳозира ва бунёди ояндаи устувор ғайримкон шуморида мешавад.

Маълумоти илмӣ дар бораи таърихи гузашта, барои хонанда на танҳо воситаи афзудани донишу огоҳӣ, балки омили калидии ташаккули шуури миллӣ ва худшиносии шахсиятӣ мебошад. Дар ибтидо, донишҳои таърихӣ тавассути шиносоӣ бо афсонаҳо, ривоятҳо, қиссаҳо, шеъру достонҳо ба хонандагон пешниҳод мегарданд, ки аксаран дар онҳо воқеият бо хаёлот омехта шудаанд [124, с. 160].

Бо вуҷуди ин, чунин хаёлоти тахайюлӣ дар ҷараёни таърих баъзан хусусияти воқеӣ касб намуда, ба далелҳои таърихӣ табдил меёбанд. Ба ин қатори манбаъҳо метавон асарҳое чун «Мушу гурба»-и Убайди Зоконӣ, «Хираднамаи Искандарӣ», «Қишлоқи тиллоӣ», ва воқеаҳои таърихии чун

«Муҳорибаи Куликов» (1380) –ро шомил намуд, ки дар китобҳои таълимии таърих ба таври возеҳ инъикос ёфтаанд.

Омӯзиши саҳеҳ ва амиқи лаҳзаҳои муборизаи таърихии халқи тоҷик бар зидди истилогарони аҷнабӣ – мисли юнониҳо, арабҳо, муғулҳо ва инчунин бар зидди кашмакашиҳои дохилӣ, барои шогирдон воситаи муҳими дарки рӯҳи муқовимат ва ҳифзи ҳастии миллӣ маҳсуб меёбад [52, с. 15–94]. Надонистани воқеаҳои муҳими таърихӣ маънои надоштани тафаккури танқидӣ ва нарасидани тавоноии муоширати маърифатиро дорад.

Тавре ки таърихшиносон ба дурустӣ таъкид менамоянд, истилогарии муғулҳо ва фашистҳо дар асл на пешрафт, балки баргашти ҷомеа ба торикӣ ва ҷаҳолатро дар пай дошт. Чунончи, хароб сохтани шаҳру китобхонаҳо, сӯзондани дастхатҳо ва маҳви хатту савод шоҳиди онанд, ки ин нерӯҳо ба ҷои инкишоф зулмат овардаанд.

Мисоли возеҳ — шаҳри Утрор, ки муғулҳо онро ба хок яксон карда, ба нишони нафрат заминаашро шудгор намуда, ҷав коштанд. Шогирдон бояд дарк намоянд, ки чӣ гуна мардуми тоҷик баъд аз ин гуна фоҷиаҳову истилоҳо тавонист миллату забон, фарҳанг ва ҳуввияти худро нигоҳ дорад. Ҳамон омилҳои объективию субъективӣ, ки дар асоси иродаи миллӣ ва ирсият реша доштанд, мояи пойдории миллат гардиданд [52, с. 138].

Аз ин рӯ, ташаккули шуури таърихӣ ва ҷаҳонбинии маърифатии хонандагон аз ҳамон афсонаҳо, ривоятҳо, ормонҳои мардумӣ оғоз меёбад, ки фонди луғавии онҳоро ғанӣ гардонида, заминаи маърифат ва эҳсоси ватандӯстиашонро мустаҳкам менамояд. Таърих дар ин замина ҳамчун воситаи тарбия ва ҳидоят амал карда, ба шогирдон на танҳо дониш, балки эҳсоси масъулияти миллӣ, ифтихори миллӣ ва арзишҳои муқаддаси тамаддуни хешро илқо менамояд.

Инсон аз табиат дорои қобилияти баланди дарк ва таҳлили воқеиятҳои муҳити объективӣ буда, ҳамеша дар ҷустуҷӯи ҳақиқат ва маърифати таърихӣ қарор дорад. Аз ин рӯ, тарбия ва ташаккули шуури таърихии хонандагони муассисаҳои таълимӣ бояд дар ҳамин замина роҳандозӣ гардад. Яке аз

сарчашмаҳои муҳими рушди ин маърифат дар шароити муосир — истифодаи васеи филмҳои таърихӣ ба шумор меравад, ки ҳамчун воситаи иловагии хотираи иҷтимоӣ дар таълим ва тарбияи насли наврас нақши муассир мебозанд.

Барномаи таълими фанни “Таърихи халқи тоҷик” барои синфҳои 10–11, ки марҳалаи муҳими таърихии гузариши Тоҷикистони асри XX-ро дар бар мегирад, имкони васеъ барои ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатии хонандагон фароҳам меорад. Мавзуъҳои аввалия — “Тоҷикистон дар давраи сиёсати бунёдӣ”, “Асосҳои ҷомеаи иҷтимоӣ (сотсиалистӣ)” ва “Гузариш аз феодализм ба сотсиализм (1917–1937)”— ҷанбаи калидии омӯзиши таърихро ифода менамоянд. Барои мавзуи нахустин “Тоҷикистон дар давраи бунёди давлати миллӣ-шӯравии иҷтимоӣ (1917–1924)” 21 соат ҷудо шудааст.

Дар доираи ин мавзуъ, хонандагон бо ибтидои ташаккули сохторҳои идоракунии шӯравӣ, таъсиси ҳукумати пролетарӣ, деҳқонӣ ва зиёиёни тарафдори манфиатҳои меҳнаткашон шинос мешаванд. Омӯзиши чунин масъалаҳо дар худ потенсиали бузурги ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагонро дар бар мегирад.

Ба унвони сарчашмаҳои омӯзиши ин салоҳиятҳо, барнома ҳуҷҷатҳои асосии ҷамъиятсозии ҳокимияти шӯравиро пешниҳод менамояд, аз ҷумла: “Эъломияи ҳуқуқҳои халқҳои заҳматкаш ва мазлум”, “Эъломияи ҳуқуқҳои халқҳои Русия”, муроҷиатномаи “Ба ҳамаи меҳнаткашони мусалмони Русия ва Шарқ”, инчунин муқаррароти барҳам додани сохторҳои кӯҳнаи давлатӣ ва таъсиси сохторҳои нави шӯравӣ. Барои омӯзиши ин ҳуҷҷатҳо 2 соат пешбинӣ шудааст, ки барои тақвияти малакаи кор бо матн, таҳлили санад ва арзёбии воқеаҳо хеле мусоидат мекунад.

Инчунин мавзуъҳои ба монанди “Барҳам додани мақомоти давлатӣ”, “Ташкили милиса, қӯшун ва судҳо”, “Чорабиниҳои иқтисодии ибтидоии Шӯравӣ дар Тоҷикистон” (2 соат) — ба таври бевосита бо омилҳои объективӣ ва субъективии ташаккули салоҳиятҳо алоқамандананд. Омӯзиши

онҳо на танҳо аз ҷиҳати иттилоотӣ, балки аз лиҳози таҳлилӣ низ барои шогирдон муфид аст.

Мавзуъҳои “Ҷорӣ гардидани назорати коргарӣ”, “Ибтидои ислоҳоти обу замин”, “Ҳаракати зиддишӯравӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ (1918–1923)” ба шогирдон имконият медиҳанд, ки сабабҳои объективию субъективии раванди таърихиро фарқ намоянд. Дар ин мавзуъҳо, на танҳо донишҳои энсиклопедӣ, балки қобилияти муқоисаи иҷтимоӣ, арзёбии воқеаҳо ва таҳлили фарогири равандҳои сиёсиву иҷтимоӣ ташаккул меёбанд.

Дар баробари ин, мавзуъҳои зерин: “Назария ва амалиёти ҷангҳои шаҳрвандӣ”, “Омилҳои дохилӣ ва берунии ҷанги шаҳрвандии солҳои 1918–1923”, “Ҷараёни ҷанги шаҳрвандӣ дар вилояти Суғд”, инчунин “Барҳам ёфтани бекигарии Мастчоҳ” имконият медиҳанд, ки хонанда бо диди интиқодӣ, сабабу натиҷа ва робитаҳои мураккаби иҷтимоӣ-сиёсиро фаҳмад [126, с. 48].

Бо вуҷуди афзалияти мавзуъҳо, ҳаҷми соатҳои таълимӣ — хусусан барои мавзуъҳои калидӣ ба мисли “Ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон” — кофӣ набуда, эҳтиёҷи бознигарӣ ва таҳкими барномаро талаб мекунад. Ба назар мерасад, ки танҳо 2 соат барои омӯзиши ин марҳилаи ҳассоси таърихӣ наметавонад имкониятҳои салоҳиятомӯзиро пурра таъмин намояд. Аз ин рӯ, тавсия дода мешавад, ки ҳаҷми соатҳо дар ин самт зиёд карда шуда, бо воситаҳои интерактивӣ ва таҳлилҳои муосир тақвият дода шаванд.

Омӯзиши фанни «Таърихи халқи тоҷик» дар синфҳои 10–11-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ҷараёне аст, ки пайдарпайӣ, низомнокӣ ва таҳлили марҳилавии воқеаҳои таърихиро тақозо мекунад. Дар ин раванд, пайгирии мантиқии мавзуъҳо ва мураттаб сохтани заминаи таҳлилӣ барои ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатии хонандагон аҳамияти хосса дорад. Аз ин рӯ, муаллифони китобҳои дарсӣ ва барномаҳои таълимӣ баъд аз омӯзиши воқеаҳои таърихии вилояти Хуҷанд ва Кӯҳистони Мастчоҳ, диққати хонандагонро ба мавзуи “Ҷанги шаҳрвандӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон” равона месозанд (1 соат), ва сипас бо

мавзуъҳои “Хусусияти ҷанги шаҳрвандӣ дар Кӯҳистони Бадахшон”, “Сегонаи ҳарбӣ-сиёсӣ ва фаъолияти он” ва “Ҳаракати зиддишӯравӣ дар Бухорои Шарқӣ” идома медиҳанд (2 соат).

Барномаи таълимӣ мавзуъҳои “Оғози ҷанги шаҳрвандӣ дар Бухорои Шарқӣ”, “Мубориза бар зидди Иброҳимбек”, “Анварпошо ва фаъолшавии ҳаракати зиддишӯравӣ”, “Маъракаи зарбазанӣ”, “Сомеъ (Салим) ва фаъолияти ӯ”, “Махсуми Фузайл” ва “Сабабҳои пирӯзии Ҳокимияти Шӯравӣ” –ро низ фаро мегирад. Барои омӯзиши ҳар яке аз ин мавзуъҳо 1 соат ҷудо шудааст, ки ин аз омӯзгор маҳорати баланди методӣ, таҳлилӣ ва ташкилиро тақозо менамояд [126, с. 48].

Дар ин марҳала, омӯзгор бояд қудрати фаҳмондани моҳияти идеологӣ ва таърихии мавзуъҳо, аз ҷумла “Сабабҳои асосии пирӯзии Ҳокимияти Шӯравӣ аз дидгоҳҳои мухталиф (марксистӣ, материалистӣ, идеалистӣ, мухолифони сотсиализм ва таҳлили муосир)” ва “Тарафдорӣ аз манфиатҳои меҳнаткашон дар низоми шӯравӣ”-ро дошта бошад. Барои ин мавзуъҳо дар барнома ду соат ҷудо гардидааст.

Ҳангоми омӯзиши мавзуъҳои сиёсӣ-иқтисодӣ ба монанди: “Сиёсати иқтисодии Ҳокимияти Шӯравӣ”, “Коммунизми ҳарбӣ ва хусусияти он дар Тоҷикистон”, “Сиёсати нави иқтисодӣ (СНИ)” ва “Гузариш ба ҳаёти осоишта”, инчунин “Тақсимоти миллӣ-маъмурии Осиёи Миёна”, омӯзгор бояд имкони истифодаи омилҳои объективӣ ва субъективии таърихиро барои рушди салоҳиятнокии хонандагон амалӣ намояд. Гарчанде ки барои омӯзиши ин мавзуъҳо фақат 2 соат ҷудо шудааст, вале имконияти таҳлил ва ташаккули тафаккури таърихии хонандагон дар онҳо хеле баланд аст.

Аз ҷумла, мавзуи “Тақсимоти миллӣ-маъмурии Осиёи Миёна” метавонад ҳамчун меҳвари асосии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон хизмат кунад, зеро он доираи васеи масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва таърихиро фаро гирифта, талаб менамояд, ки хонанда бо истифода аз манбаъҳои гуногун ва таҳлили муқоисавӣ ба хулосабардории мустақил ноил гардад.

Дар идома, омӯзиши мавзуи “Тоҷикистон дар давраи бунёди асосҳои ҷомеаи иҷтимоӣ (1929–1937)”, ки 18 соатро дар бар мегирад, имкони густариши салоҳияти иттилоотии хонандагонро бештар менамояд. Аз ҷумла:

1 соат барои омӯзиши “Сиёсати саноатикунонии Тоҷикистон”;

2 соат барои мавзуъҳои “Мазмун ва муҳтавои саноатикунонӣ” ва “Нақша ва соҳаҳои асосии саноатикунонӣ”.

Дар доираи ин мавзуъҳо, омӯзгор бояд таваҷҷуҳи хонандагонро ба нақши саноати хӯрокворӣ, сохтмони корхонаҳои саноатӣ, саноати маводди сохтмонӣ, бофандагӣ, саноати вазнин ва кӯҳӣ, инчунин тайёр намудани синфи миллии коргарон равона созад. Шогирдон бояд дарк намоянд, ки синфи коргар на танҳо табақаи истеҳсолкунанда, балки суботи иҷтимоӣ ва рушди иқтисодиро таъмин менамояд ва бо дигар гурӯҳҳои иҷтимоӣ чӣ гуна фарқ мекунад.

Ҳамин тариқ, ба шарти истифодаи дуруст ва методии омилҳои объективӣ (мазмун, манбаъ, воситаҳои таълим) ва субъективӣ (маҳорат ва малакаи омӯзгор, қобилияти идрок ва таҳлили хонанда), мавзуъҳои баррасишаванда на танҳо дониш, балки салоҳият ва ҷаҳонбинии таърихии хонандагонро низ ташаккул медиҳанд.

Хонандагони синфҳои болоӣ, барои ташаккули воқеии салоҳияти таърихии худ, бояд на танҳо маълумоти воқеиро аз худ намоянд, балки фаҳманд, ки чаро ва бо кадом сабаб дар давраи сохтмони ҷомеаи сотсиалистӣ ба Тоҷикистон аз давлатҳои дигар коргарон ҷалб мегардиданд. Мавзуъҳои дар барномаи таълимӣ пешбинишуда, аз ҷумла «Мусобиқаи истеҳсолӣ дар давраи бунёди асосҳои ҷомеаи сотсиалистӣ», «Аз шанбегиҳои коммунистӣ ба мусобиқаи меҳнатӣ», «Шаклҳои мусобиқа» ва «Санадҳо аз таърихи мусобиқа» (барои ҳар як мавзуъ 1 соат) заминаи муҳим барои ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон мегарданд [127, с. 48].

Мавзуъҳои марбут ба «Талаботҳои асосии коллективонии соҳаи кишоварзӣ», «Ихтиёрӣ дохил шудан ба колхозҳо ва интихоби шакли он», «Раванди коллективонӣ дар солҳои панҷсолаи аввал» (1928/1929–1932/1933)

низ барои таҳкими салоҳияти таърихии хонандагон мусоидат намуда, дарки онҳо аз ҷараёнҳои воқеии ҷомеавӣ ва иқтисодиро амиқтар месозанд. Омӯзгор бояд тавассути саволгузории таҳлилӣ хонандаро ба хулосабарорӣ ва арзёбии танқидии падидаҳо водор намояд.

Мавзӯи «Раванди ташаккулёбии музди меҳнат ва каҷравиҳо дар рафти сохтмони колхозӣ» (2 соат) имконият медиҳад, ки шогирдон дарк кунанд, ки системаи музди меҳнатӣ бо усулҳои баробармуздӣ чӣ мушкилоте дар ҷомеа ба бор овардааст. Ин навъи таҳлил салоҳияти маърифатии хонандаро дар сатҳи баланди фаҳмиши иқтисодӣ ташаккул медиҳад.

Инчунин, мавзуъҳои «Муборизаи синфӣ ва ақидавӣ дар солҳои 30-юми асри XX» ва «Инқилоби мадании Тоҷикистон» (2 соат) дар таълифи салоҳияти шахсии хонанда оид ба арзёбии ҷараёнҳои сиёсиву фарҳангӣ саҳми назаррас доранд. Ба андешаи муаллиф, барномаи таълимии «ҶШС Тоҷикистон дар арафа ва давраи Ҷанги Дуюми Ҷаҳон (01.09.1939 – 02.09.1945)», ки барои омӯзиш 13 соат вақт ҷудо гардидааст, барои ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон шароити мувофиқ фароҳам меорад [126, с. 48].

Дар ҷараёни омӯзиши ин давра, хонандагон бо консепсияи "сохтмони сотсиализми баркамол", фалсафаи он ва вазифаҳои панҷсолаи сеюм дар соҳаи саноат шинос шуда, муҳтавои ҷангро таҳлил намуда, сабабу натиҷаҳои онро арзёбӣ мекунанд. Ҳамчунин онҳо бо роҳҳои пешгирии муноқишаҳои глобалӣ ошно гардида, малакаи таҳлили ҷанбаи таърихии низоъҳоро дар худ ташаккул медиҳанд.

Дар маҷмӯъ, омӯзиши таърихи халқи тоҷик, ки алоқаманд бо таърихи ҷаҳони қадим, асрҳои миёна ва наву навтарин ба роҳ монда шудааст, ҳамчун заминаи фарогири ташаккули салоҳиятҳои таърихӣ, маърифатӣ ва таҳлилӣ баромад мекунад. Хонанда бо омӯзиши мавзӯи «Иштироки тоҷикистониён дар муҳорибаҳои калонтарини давраи оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ (сентябри соли 1941 то апрели соли 1943)», ки барои омӯзиш 2 соат дар барнома

пешбинӣ шудааст, на танҳо дониши мукаммал пайдо мекунад, балки маҳорати арзёбии воқеиятҳои таърихиро низ соҳиб мегардад.

Методҳои таҳқиқоти ҳодисаҳои таърихиро метавон ба се гурӯҳи асосӣ тақсим намуд:

1. Методҳои умумилмӣ, ки фарогири усулҳои таърихӣ, фалсафӣ, мантиқӣ, педагогӣ, психологӣ ва низомсозӣ мебошанд;

2. Методҳои махсус, ба монанди хронологӣ, шунавоӣ ва таърихӣ-муқоисавӣ;

3. Методҳои илмҳои дигар, ба монанди математикӣ, сотсиологӣ, психологӣ ва ғайра [7, с. 40].

Ҷараёни омӯзиши таърих бевосита ба эволютсияи методологӣ вобаста аст. Методи мантиқии таҳқиқи таърихӣ танҳо дар ҳолате самаранок хоҳад буд, ки омӯзиш бар асоси таҳлили амиқи сарчашмаҳо роҳандозӣ гардад. Яке аз асарҳои асосӣ ва пурарзиш дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик — китоби «Тоҷикон»-и академик Бобоҷон Ғафуров мебошад, ки ба худшиносии миллӣ ва ифтихори ватандӯстӣ мусоидат мекунад. Тавассути омӯзиши ин асари классикӣ, насли наврас дар бораи шинохти миллат, мероси фарҳангӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва мазҳабӣ, инчунин муборизаҳои озодихоҳонаи халқи тоҷик маълумоти арзишманд ба даст меоранд.

Гуногуншаклии методи хронологӣ аз ҷониби В. О. Ключевский ба таври муфассал таҳқиқ шудааст. Дар марҳалаи кунунӣ, илмҳои таърих низ аз пешрафтҳои фаннӣ-техникӣ ва технологӣ истифода мебаранд, ки ин омил фарқи онро аз фанҳои табиатшиносӣ ва техникӣ аз рӯи принсипи таҷриба ва озмоиш нишон медиҳад [42, с. 50].

Файласуф С. Н. Булгаков низ дар осори худ таъкид мекунад, ки: «Раванди таърихӣ на танҳо бо сабабҳои сотсиологӣ, балки бо омилҳои умумии инкишофи таърих ва фаъолиятҳои инфиродии инсон робита дорад. Ҳар як шахсият объекти нав ва беназир мебошад, ки муносибати махсусро талаб мекунад. Фарқ аз фанҳои дақиқ ва табиатшиносӣ дар он аст, ки таърих

бо падидаҳои номаҳдуд, тағйирёбанда ва нотакрор сару кор дорад...» [17, с. 16–29].

Омӯзгори касбӣ дар раванди таълим бояд бо шогирдон на танҳо донанда, балки иштирокчии психологӣ бошад — эҳсоси масъулиятро бо онҳо тақсим кунад, аз номуваффақиятҳояшон андӯхта гирад ва барои ислоҳи камбудҳо имкони таҳлилӣ ва созанда муҳайё намояд \[25, с. 41].

Инсоне комилан рушдёфта дониста мешавад, ки донишро на танҳо аз бар мекунад, балки онро дар амал татбиқ менамояд. Аз ин лиҳоз, омӯзгори фанни таърихи халқи тоҷик бояд дар тамоми зинаҳои таълим, хонандагонро ба фаъолияти мустақил ҷалб карда, тавоноии иттилоотӣ-маърифатии онҳоро рушд диҳад ва онҳоро ба фаҳми мустақили ҳодисаҳои таърихӣ ҳидоят намояд.

Шакли иштироки хонанда дар ин раванд вобаста ба қобилият ва захираҳои маънавии ӯ фарқ мекунад. Омӯзгор бояд ҳассосият ва қудрати мушоҳида дошта бошад, то ки дар вақти зарурӣ аз хастагӣ ва фишори зиёдатӣ ҷилавгирӣ намояд. Агар дар раванд алгоритми таълим мутобиқ ба тавоноии фаҳмиши хонанда тарҳрезӣ гардад, ба натиҷаҳои баланд ноил шудан имконпазир мегардад.

Омӯзгор бояд дорои тафаккури фаврӣ ва қобилияти рефлексивӣ бошад. Вақте ки хонандагон ба ҳаллу фасли масъалаҳои таърихӣ машғуланд, омӯзгор бояд нуқсонҳои зоҳиршудаи онҳоро фавран шиносад ва бартараф намояд, то ки андешаронӣ ва равиши таҳлили онҳо халалдор нагардад. Аммо дахолати бемуҳобот ва аз ҳад зиёд метавонад тавоноии маърифатии хонандагонро коҳиш диҳад ва ба рушди мустақилона халал расонад.

Омӯзгор бояд мушоҳида кунад, ки хонандагон то чӣ андоза тавассути омӯзиши таърих қобилияти мустақилона ҳал кардани масъалаҳоро соҳиб гаштаанд. Оё онҳо роҳи осонро меҷӯянд ё бо заҳмат мушкилотро паси сар мекунанд? Таҳқиқоти илмӣ нишон медиҳанд, ки омӯзгор бояд маҳорат дошта бошад, ки муҳити мусобиқа ва худнамоиро барои шавқи таҳсил ташкил

кунад, вале ҳамзамон бояд иҷозат диҳад, ки хонандагон дар муҳити озод хатоҳояшонро таҷриба намоянд ва аз онҳо омӯзанд.

Маълум аст, ки дар аксар ҳолат хонандагон ҳангоми рӯ ба рӯ шудан бо масъалаҳои мураккаб, наметавонанд мавқеи шахсии худро муайян намоянд. Барои он ки дар оянда омӯзгор дар чашми шогирдон мавқеи устувору обрӯманд дошта бошад, ӯ бояд сатҳи фаъолияти таълимии худро пайваста баланд бардорад ва ҳамзамон, ба хонандагон дар таҳкими эътимод ба қобилияти хотираи худ кӯмак расонад. Ба ҳадафи ташаккули муносибати эҷодӣ, омӯзгор бояд ба ташаккули тафаккури мантиқии хонандагон мусоидат намояд, то онҳо тавонанд мустақилона ҳадаф, сабаб ва натиҷаро муайян сохта, роҳҳои ҳалли масъалаҳоро ба таври худ пайдо намоянд.

Бисёре аз андешамандон таъкид мекунанд, ки хонанда ё донишҷӯи бад вуҷуд надорад, аммо омӯзгори бад вуҷуд дорад. Муваффақият ё нокомии шогирд, то андозае ба шахсияти омӯзгор вобаста аст. Ин андеша аз ҷониби файласуфи маъруфи форсизабон, намояндаи мактаби фалсафаи тасаввуф — Саноӣ низ дастгирӣ меёбад: «Айби устод аст, агар роҳгум занад, бе чароғи маърифат шогирдҳо». Дар воқеъ, сатҳи дониш, малака, маҳорат ва интизоми хонанда аз сахтгирӣ, ҷиддият ва муносибати масъулонаи омӯзгор нисбат ба фанни таълимӣ вобастагӣ дорад. Ин масъала дар осори адибони классикии форс-тоҷик низ ҷойгоҳи барҷаста дорад, ки муносибати омӯзгорро омили калидии парвариши шахсияти донишомӯз мешуморанд.

Таҳқиқоти педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нишон медиҳад, ки шуморе аз хатмкунандагон, ки ба факултаҳои таърихӣ дохил мешаванд, дар асл дар фанҳои дақиқ ва табиатшиносӣ қобилияти бештар доштанд. Ин ҳолат, бар асари ташвиқи номувофиқ ва интихоби нодурусти касб, онҳоро ба масире меорад, ки барои аз бар намудани фанни таърих ва фанҳои ёрирасони он заҳмати зиёд талаб менамояд, вале ниҳоят бар ивази сарфи захираҳои зеҳнӣ, ҷисмонӣ ва вақту ҷавонӣ, донишҷӯ наметавонад ба сатҳи зарурии азхудкунӣ бирасад ва ба бекории пас аз хатм рӯ ба рӯ мешавад [20, с. 120].

Аз ин дидгоҳ, сухан дар бораи хонандагони «тавоно» ва «нотавон» меравад, ки омили асосии он ба омилҳои объективӣ ва субъективии интихоби касб дар марҳалаи мактабӣ иртибот мегирад. Омӯзгори фанни таърихи халқи тоҷик бояд дарк намояд, ки тавоноӣ дар хонандагон қобили рушд аст, аммо пешакӣ муайян кардани доираи ин инкишоф ва натиҷаи ниҳоии он имконнопазир мебошад.

Мутахассисони варзидаи соҳаи дидактика — Т. А. Шамова [109] ва М. Лутфулозода [52] таъкид менамоянд: «Дар баробари дигар шароитҳои педагогӣ, гузаронидани дарсҳои ҷолиб метавонад шахсияти худи омӯзгорро ба унвони омили асосии субъективии ташаккули маърифати хонанда табдил диҳад. Мизони ташаккули тавоноии маърифатии шогирдон аз он вобаста аст, ки омӯзгор то кадом андоза ин иқтидорро дарк намуда, рушд медиҳад».

Аз ин рӯ, роҳу усулҳои рушди фаъолияти маърифатии хонандагон аз маҳорату таҷрибаи педагогии омӯзгор ва муҳити таълимии созанда вобаста мебошанд. Агар омӯзгор тавонад дар сатҳи муассиса, чорабиниҳои гуногунҷанбаро — ба монанди рӯзҳои фанни таърих, маҳфилҳои илмӣ, семинарҳо, конференсияҳо, шабҳои саволу ҷавоб, хонданҳои беруназсинфӣ ва тадбирҳои тарбиявӣ — самаранок ба роҳ монад, он гоҳ салоҳияти таърихии хонандагон ташаккул ёфта, шароити мусоид барои рушди салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии онҳо фароҳам мегардад.

Дар ҷараёни фаъолияти маърифатӣ, хонандагон ба худмустакилӣ дар ҳаллу фасли масъалаҳои маърифатӣ рӯ меоранд, ки ин раванд на танҳо донишҳои навро дар онҳо таҳким мебахшад, балки қобилияти фикрии онҳоро инкишоф дода, ба интихоби огоҳонаи касб мусоидат менамояд. Имкониятҳои маърифатӣ, дар навбати худ, ба унвони омили муҳими ташаккули тавоноии маърифатии хонандагон баромад менамояд ва аз он вобаста аст, ки омӯзгор тамоми ҷараёни таълимро то кадом андоза муассир ва ташкилшуда ба роҳ мемонад.

Барои фаъол гардондани фаъолияти маърифатии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, зарур аст, ки омӯзгорони касбӣ ва

дорои сатҳи баланди омодагии методиву педагогӣ ба ин раванд ҷалб шаванд. Дар ин самт, ҷанбаҳои зерин аҳамияти калидӣ доранд:

1. Фароҳам овардани имкониятҳои васеъ барои омӯзгор ҷиҳати нишон додани маҳорат ва иқтидори касбии педагогӣ;

2. Таъмини фазои мусоиди худфаъолиятии хонандагон дар ҷараёни таълим ба хотири рушди салоҳияти иттилоотӣ-маърифатӣ;

3. Омӯзиши самараноки методҳо ва роҳҳои кори мустақилона бо сарчашмаҳо ва адабиёти таърихӣ;

4. Ташкили муносибати эҷодии хонандагон ба таълим тавассути ҳавасмандсозӣ ва дастгирии рӯҳию психологӣ;

5. Тарбия ва ташаккули эҳсоси майл ба мутолиа бо ҳадафи табдил додани он ба як одати доимӣ.

Фикри В. Н. Липник [54] низ дар ин замина қобили таваҷҷуҳ аст. Ӯ бар он назар аст, ки омӯзгор бояд дар раванди таълим ҳамеша талош намояд, ки танҳо дониш ва иттилооти манфиатовар ва амалӣ ироа намояд. Ба гуфтаи ӯ, дониш бояд тавассути унсурҳои диққатҷалбкунанда пешниҳод шавад, то тафаккури хонанда тамрин ёфта, дарс ба шакли бозӣ ва омӯзиши шавқовар наздик гардад.

Таҳқиқоти гузаронидашуда дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияи Рӯдакӣ собит месозад, ки сатҳи шавқу рағбати хонандагон ба донистани воқеиятҳои иҷтимоиву сиёсии ҷомеа, чи дар дохили кишвар ва чи дар арсаи байналмилалӣ, баланд нест. Ин ҳолат, бешубҳа, натиҷаи муносибати заиф ба фанҳои ҷамъиятӣ ва қадршиносӣ накардани арзишҳои маънавии онҳо мебошад.

Дар воқеъ, дар шароити имрӯза, бисёре аз хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба фанҳои ҷамъиятӣ ба таври ҷиддӣ муносибат намекунанд. Он мақому эътиборе, ки ин фанҳо дар даврони Шӯравӣ доштанд, имрӯз коста шудааст. Ин, аз ҷумла, сабабгори коҳиши таваҷҷуҳи хонандагон ба ихтисосҳои соҳаи таърих ва илмҳои иҷтимоӣ гардидааст.

Бо вуҷуди ин, хонандагони синни мактабӣ, ба вижа дар зинаҳои болоии таҳсил, на танҳо мушоҳидагарони воқеаҳои ҷамъиятӣ мебошанд, балки дар асоси дониш ва маҳорату малакаҳои касбкардаашон, хешро иштирокчии фаъоли ҷомеа низ эҳсос мекунанд. Ин ҳолат, дар навбати худ, ба рушди салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии онҳо такони мусбат медиҳад ва қобилияти маърифатии онҳоро тақвият мебахшад.

Маҳз омӯзгор аст, ки завқи маърифатии хонандаро ташаккул медиҳад. Бе вуҷуди ӯ, рушди чунин шавқ ва рағбат номумкин аст. Омӯзгор ҳамчун илҳомбахши дониш ва маҳорат, бояд фазои созанда барои таҳрик додани фаъолияти маърифатии хонандагон фароҳам орад. Шогирдон тавассути такя бар донишҳои қаблан андӯхта, вазифаҳои маърифатиро иҷро мекунанд ва ин фаъолияти таҳлилӣ ва фаҳмишро танҳо дар ҷараёни дарс ва мутолиаи мустақилонаи сарчашмаҳои таърихӣ метавон ташаккул дод.

Ташаккул ва рушди тавоноии маърифатии хонандагон дар ҷараёни таълим, новобаста аз шакл ва сатҳи он, ҷойгоҳ ва нақши омӯзгорро дар равандҳои педагогӣ тағйир намедиҳад. Дар ин замина, омӯзгор на танҳо ба унвони интиқолдиҳандаи дониш, балки ҳамчун муҳаррики асосии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонанда баромад мекунад. Дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ вазифаҳои зерин барои омӯзгори фанни таърих аҳамияти калидӣ доранд:

1. Новобаста аз шакли таълим — «анъанавӣ», «фаъол», «кредитӣ» ё «фосилавӣ» — вазифаи асосии омӯзгор таъмини ахбороти муҳими таълимӣ мебошад;

2. Фаъолияти таълимии омӯзгор бояд хусусияти таҳқиқотӣ дошта, ба самти омӯзиши тадқиқотӣ равона карда шавад;

3. Мундариҷаи маводи таълимӣ бояд ҳамеша хусусияти тағйирёбанда ва мутаҳаррикро доро бошад;

4. Хонандагон бояд дар асоси фаъолияти маърифатии худ ҳавасманд гарданд — ин ҷузъи муҳими ташаккули салоҳиятмандии шахсият аст [54, с. 28–31].

Мафҳуми «таъминоти ахборотӣ» дар ҷараёни ташаккули салоҳиятҳои хонандагон якчанд ҷанбаи муҳимеро фаро мегирад:

- дониш бояд аз ҷониби омӯзгор на дар шакли омода, балки ҳамчун раванди таҳқиқотӣ, кашфиётӣ ва хулосабарорӣ пешниҳод гардад;

- ахбороте, ки пешниҳод мешавад, бояд зарурӣ ва асоснок буда, ба рушди дониш, маҳорат ва малакаи хонандагон мусоидат намояд;

- дар сурати азбар кардани дониш ба таври мустақилона, он дар хотири хонанда дарозтар боқӣ мемонад ва ба тавоноии иттилоотӣ-маърифатии ӯ мусоидат мекунад [11, с. 48];

- хонандагон бояд дар ҷараёни таҳсил, вазифаи пайдо намудани сарчашмаҳо ва маводи иловагиро мустақилона ё бо роҳнамоии омӯзгор анҷом диҳанд.

Чунин фаъолияти амалӣ, аз қабили таҳияи маърӯза, навиштани реферат, иштирок дар ҷамъомадҳо, яке аз омилҳои муассири ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатӣ ба ҳисоб меравад.

Вазифаи муҳими дигари таҳқиқоти мо дар заминаи мазкур — таҳлили мавқеи омӯзгор дар шароити муосири таълим мебошад. Омӯзгори фанни таърихи халқи тоҷик бояд танҳо ҳамчун субъекти ҷараёни таълим набошад, балки ба сифати «сарчашмаи дониш», ҳамкор, ҳидоятгар ва роҳнамо дар ҷустуҷӯи маърифат бо хонанда ҳамқадам бошад. Ӯ бояд вазифаи «танзимгар» (координатор) ва ҳамзамон «роҳбари маънавӣ»-и таълимро иҷро намуда, ҷараёни таълимиро самт диҳад ва бар он назорат барад [16, с. 16–28].

Муқоисаи консепсияи анъанавии таълим бо равиши фаъоли таълим нишон медиҳад, ки дар шаклҳои анъанавӣ ҳаҷми дониш маҳдуд буда, имкониятҳои ҷустуҷӯиву таҳқиқотӣ маҳдуд мегарданд. Дар ҳолатҳои мазкур, китоби дарсӣ ҳамчун ягона сарчашмаи дониш хизмат мекунад. Аммо барномаҳои нави таълимӣ ва равишҳои инноватсионӣ имкон медиҳанд, ки хонандагон бо истифода аз манбаъ ва сарчашмаҳои иловагӣ дарк ва дониши худро амиқ намоянд [124, с. 160].

Ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагони хатмкунандаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки қисме аз онҳо омӯзгорони оянда мебошанд, масъалаи мубрам ба ҳисоб меравад. Ҳадафи асосӣ дар ин раванд ин аст, ки хонандагон донишро тавассути фаъолияти мустақилона ва омӯзиши таҳлилӣ аз бар намуда, қобилияти ҳалли масъалаҳоро мустақилона ба даст оранд.

Дар ин замина, методҳои фаъоли таълимӣ нисбат ба равишҳои анъанавӣ бартарӣ доранд, зеро онҳо доираи дониш, маҳорат ва малакаҳои хонандагонро густариш дода, онҳоро ба шахсиятҳои салоҳиятманд табдил медиҳанд. Дар маҷмӯъ, чунин равишҳо ба бедории салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии таърихии хонандагон мусоидат мекунанд [7, с. 40].

Истифодаи методҳои фаъоли таълим дар марказҳои маъмурии кишвар, хусусан шаҳри Душанбе, то ҳадде хуб ба роҳ монда шудааст. Аммо таҷрибаҳои хидматӣ ва сафарҳои таҳқиқотӣ ба шаҳру ноҳияҳои дурдаст нишон медиҳанд, ки дар онҷо шаклҳои анъанавии таълим ҳанӯз бартарӣ доранд. Сабабҳои чунин вазъият бештар ба набудани таъминоти илмӣ-методӣ, норасоии маводи замонавӣ ва маҳдудияти захираҳои таълимӣ марбутанд. Ҳамин нобаробарӣ дар сатҳи таълим, таъсири мустақим ба ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон мерасонад.

Бо истифода аз методҳои фаъоли таълим, на танҳо дониш ва маҳорат, балки қобилияти қабул ва таҳлили иттилооти нав дар хонанда бедор мешавад. Ин раванд шахсияти хонандаро ба сӯи тавсеаи маърифатӣ ва тайёрӣ ба ҳаёти мустақилона раҳнамун месозад. Омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик ба хонандагон имконият медиҳад, ки бо маърифати таърихии муосир мусаллаҳ шуда, ба навгониҳо ва мушкилоти воқеии иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бо шуури таҳлилӣ ва масъулиятнок бархӯрд кунанд [30, с. 437].

Мавқеи омӯзгор дар чунин шароит хеле ҳассос аст. Ӯ бояд аз шаклҳои гуногуни омӯзиш — аз ҷумла доираҳои таърихӣ, намоишномаҳо, таҳияи маърӯза ва мақолаҳо — самаранок истифода барад, то хонандаро ба фаъолияти мустақилона, махсусан дар дарсҳои амалӣ ва беруназсинфӣ ҷалб

намояд. Ҳамин раванд аст, ки хонандаро водор месозад аз манбаъҳои таърихӣ истифода барад ва дониш, малака ва маҳоратҳои хешро сайқал диҳад. Аз ин рӯ, муассисаи таълимӣ худ ба унвони муҳити муҳими ташаккули маърифатии хонандагон баромад мекунад [31, с. 18].

Вазифаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ин аст, ки фаъолияти эҷодии хонандагонро ба таври шуурона бедор намоянд. Бо ин мақсад, зарур аст, ки хонандагон ба дарки моҳияти маърифат, ҷаҳонбинии илмӣ ва муҳтавои ҳодисаҳои таърихӣ равона карда шаванд. Дар раванди таҷриба ва таҳқиқоти педагогӣ, фарзияи пешниҳоднамудаи мо оид ба он ки «фаъолияти маърифатӣ метавонад воситаи муҳими ташаккули тавоноии маърифатӣ бошад», дурустии худро собит намуд.

Аммо бояд тазаккур дод, ки на ҳар омӯзиши омӯзгор ва на ҳар тавзеҳи пурмуҳтавои ӯ метавонад ба мақсади таълим бирасад, агар хонандагон талоши шахсӣ ва хоҳиши дарунӣ нишон надиҳанд. Ҳамин тавр, омилҳои объективӣ ва субъективӣ дар ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон мавқеи ҳалкунанда доранд [36, с. 37].

Т. И. Шамов низ дар ин замина чунин таъкид менамояд: «Агар дар хонанда ё донишҷӯ ягон андеша барои ҳал намудани масъала вуҷуд надошта бошад, ва ё омӯзгор аз ӯ иҷрои вазифаи зиёдеро талаб кунад, ки ба тавони воқеии ӯ мутобиқат надорад, хонанда дучори ранҷиши хотир мегардад. Омӯзгор бояд пеш аз ҳама кунҷковии хонандаро бедор намуда, ӯро ба ҳалли масъалаҳо ҳавасманд созад» [108, с. 68].

Ташаккул ва инкишофи салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳти таъсири маҷмӯи омилҳои берунӣ ва дохилӣ қарор дорад. Омилҳои берунӣ аз муҳити иҷтимоӣ, махсусан аз муносибатҳои оилавӣ, фазои таълимии мактаб, муҳити синф ва ҷомеа сарчашма мегиранд. Омилҳои дохилӣ бошад, бештар ба ҳолатҳои психологӣ, эҳсосот ва ангезаҳои шахсии хонандагон вобаста мебошанд. Ҳар кадоме аз ин омилҳо дар маҷмуъ нақши муҳим дар раванди ташаккули маърифатии шахсият мебозанд.

Мушоҳидаҳои таҳқиқотии мо нишон доданд, ки барои устувор кардани чунин раванд, зарур аст, ки таваҷҷуҳи бештар ба самаранокии таҳкими дониш тавассути фаъолияти мустақилонаи хонандагон дода шавад. Бо ташкили саволномаҳо, сӯҳбатҳои дарсӣ ва вазифаҳои таҳлилӣ, омӯзгор метавонад назари хонандагонро нисбат ба шаклҳои инноватсионии таълим муайян созад ва муносибати онҳоро ба омӯзиши мустақилона таҳлил намояд.

Омилҳои объективии мусоидаткунанда ба ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон чунинанд:

- Ташкили ҳолатҳои ҷустуҷӯӣ ва мушкилотӣ, ки тавоноии тафаккури мантиқии хонандагонро ташаккул медиҳад;
- Қонеъ гардондани талаботи инфиродии таълимӣ, ки муҳити фарогир ва шахсиятмеҳварро таъмин менамояд;
- Истифодаи таҷрибаи пешқадами педагогӣ, махсусан дар шароити кабинетҳои таълимии муассисаҳо;
- Маҳдудияти дастрасӣ ба технологияҳои иттилоотӣ ва нерӯи барқ, ки дар баъзе минтақаҳо монеа ба самаранокии таълим ва ташаккули салоҳият мегардад;
- Фаъолгардонии корҳои мустақилона, ки на танҳо дониш, балки масъулияти маърифатиро ташаккул медиҳад.

Мушоҳидаҳои амалии таҳқиқот собит намуданд, ки яке аз сабабҳои асосии паст будани сатҳи ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатӣ, истифодаи маҳдуди методҳои фаъоли таълим ва такяи беш аз ҳад ба мазмуни китоби дарсӣ мебошад. Омӯзгороне, ки дар зинаи эмпирӣ қарор доранд, камтар ба ташаккули фаъолияти эҷодии хонандагон таваҷҷуҳ медиҳанд ва аксаран шаклҳои таълими анъанавиро бартарӣ медиҳанд.

Таъриба нишон медиҳад, ки он гурӯҳи хонандагон, ки фаъолона ширкат меварзанд, дар раванди омӯзиш бештар аз рӯйи фарзия, мушоҳида, пешгӯӣ ва таҳлил амал менамоянд. Ин гуна фаъолиятҳо онҳоро ба мавқеи субъектии омӯзиш мерасонанд ва шароити ташаккули салоҳияти ҳақиқиро фароҳам месозанд.

Корҳои тарбиявӣ, хонишҳои мустақилона ва фаъолиятҳои беруназсинфӣ дар омӯзиши фанни таърих нақши калидӣ доранд. Афзоиши шумораи соатҳои таълимӣ барои фанни таърих ва фанҳои ёрирасон бо такя ба нақшаи таълимии амалкунанда, инчунин роҳандозии вусъати чорабиниҳои омӯзишӣ, бояд дар маркази таваҷҷуҳи сиёсатгузорони соҳа қарор дошта бошад.

Омӯзгорон бояд аз усулҳои гуногун — аз ҷумла бозӣ, гуфтугӯҳои таълимӣ, масъалаҳои эҷодӣ ва методҳои танқидӣ — самаранок истифода намоянд. Истифодаи стратегияи “назари танқидӣ”, саволҳои “ҷалбкунанда” ва мушкилоти таҳлилӣ, метавонад ҳисси таҳқиқ ва маърифатҷӯии хонандагонро бедор созад.

Чорабиниҳои фаннӣ, аз ҷумла ҳафтаҳои мавзӯӣ, маҳфилҳо, семинар-конференсияҳо, озмунҳо ва дигар шаклҳои фаъолсозии маърифатӣ, шароити ташаккули салоҳиятро муҳайё месозанд. Масалан, иштирок дар озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикон – дар оинаи таърихи миллат» на танҳо қобилияти таҳлилро тақвият медиҳад, балки ҳисси миллӣ, шахсияти шаҳрвандӣ ва масъулияти таърихиро низ таҳким мебахшад [113, с. 50].

Омилҳои объективӣ ва субъективӣ метавонанд тавассути чунин механизмҳо амалӣ гарданд:

1. Ташаккули қобилияти таҳлили ахбор ва истифодаи он дар ҳалли масъалаҳо;

2. Пайдо кардани захираҳо барои ҳалли мушкилоти дарпешистода;

3. Рушди стратегияи амалии расидан ба ҳадафҳои таълимӣ;

4. Боло бурдани маҳоратҳои гуфтугӯи таърихӣ;

5. Таҳкими қобилияти гӯш кардан, ҳамкорӣ ва қабули қарорҳои муштарак [11, с. 176].

Дар анҷом, метавон гуфт, ки хонандагони синфҳои болоӣ бояд тавонанд аз натиҷаи омӯзиши фаннӣ хулоса бароранд. Ҳамин хулосаҳо ва тафаккури таҳлилӣ гувоҳӣ аз он медиҳанд, ки омӯзгор дар нақши роҳнамо ва танзимгари субъективии инкишофи маърифатӣ, тавонистааст дар хонанда

тавоноии мустақилона омӯзиш кардан ва салоҳияти иттилоотӣ-маърифатиро рушд диҳад.

## Хулосаи боби дуюм

Таҳқиқоти гузаронидашуда нишон дод, ки ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ як раванди бисёрқабата ва мураккаб буда, мустақиман ба омилҳои педагогӣ, психологӣ, иҷтимоӣ ва методологӣ вобаста мебошад. Хонандагони синфҳои болоӣ на танҳо ба дарёфти донишҳои назариявӣ ниёз доранд, балки бештар аз ҳама ба усулҳои истифодабарии онҳо дар амал, дар вазъиятҳои нави таълимӣ ва зиндагӣ эҳтиёҷманданд. Аз ин рӯ, масъалаи ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатӣ дар фанни «Таърихи халқи тоҷик» аҳамияти стратегӣ дорад.

Натиҷаҳои таҳлил нишон доданд, ки ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатӣ бояд аз синфҳои поёнӣ оғоз ёбад ва тадриҷан дар синфҳои болоӣ шакли мукаммал гирад. Дар синфҳои ибтидоӣ бештар таваҷҷуҳ ба хондан, фаҳмидан ва баён намудани фикр равона мешавад. Аммо дар синфҳои 10–11 талабот ба таври куллӣ дигар мешавад: хонандагон бояд на танҳо воқеаҳои таърихиро баён кунанд, балки онҳоро таҳлил намуда, сабабу оқибатҳоро муайян созанд, робитаи байни ҳодисаҳои дохилӣ ва берунӣ, сиёсӣ ва иҷтимоиро таҳлил карда тавонанд.

Яке аз мушкилоти ҷиддие, ки дар ҷараёни омӯзиши фанни таърих ошкор гардид, истифода бурдани омӯзгорони ғайриихтисос мебошад. Чунин ҳолат боиси он мегардад, ки хонандагон фақат бо маълумоти сатҳӣ маҳдуд мешаванд, таҳлил ва идроки таърихиро ба дараҷаи зарурӣ аз худ намекунанд. Ин падида мустақиман ба паст гардидани сатҳи салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатӣ оварда мерасонад. Аз ин рӯ, яке аз хулосаҳои муҳим ин аст, ки таълими фанни таърих бояд танҳо аз ҷониби омӯзгорони дорои ихтисоси таърихшиносӣ ва методикаи таълими таърих

ба роҳ монда шавад.

Озмоишҳои педагогӣ нишон доданд, ки истифодаи технологияҳои муосири таълимӣ (компютер, тахтаи электронӣ, маводҳои мултимедиявӣ), инчунин усулҳои интерактивӣ (гуфтугӯ, баҳс, лоиҳаҳои гурӯҳӣ, таҳлили манбаъҳои таърихӣ) имконият медиҳанд, ки салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагон ба таври назаррас рушд ёбанд. Масалан, ташкили «дафтари луғат»-и таърихӣ дар байни хонандагон имкон фароҳам овард, ки онҳо мафҳумҳои асосии таърихиро беҳтар дар хотир нигоҳ доранд ва ҳангоми таҳлили мавзуъҳои гуногун озодона аз онҳо истифода баранд.

Дар раванди озмоишҳо маълум гардид, ки як қисми хонандагон ҳангоми гузариши мавзуъ аз як давраи таърихӣ ба давраи дигар бо душворӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Аз ин рӯ, пешниҳоди вазифаҳои маърифатӣ ба онҳо (масалан, таҳияи харитаҳои таърихӣ, сохтани ҷадвалҳои муқоисавӣ, таҳияи саволномаҳои таҳлилӣ) ба беҳтар шудани идроки таърихӣ мусоидат намуд.

Ҳамзамон, мушоҳидаҳо собит сохтанд, ки мавҷудияти як қатор монеаҳои объективӣ (набудани барқ, набудани китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методӣ, маҳдудияти захираҳои моддӣ) ба раванди ташаккули салоҳиятҳо таъсири манфӣ мерасонад. Бо вуҷуди ин, он омӯзгороне, ки тавонистанд усулҳои инноватсионӣ ва имкониятҳои маҳдудро дуруст истифода баранд, ба натиҷаҳои назаррас ноил шуданд.

Дар ҷараёни таҳқиқот собит гардид, ки ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагон танҳо ба воситаи дарсҳои асосӣ маҳдуд намешавад. Маҳфилҳои таърихӣ, корҳои беруназдинфӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ-оммавӣ, баргузории конфронсҳои хурди мактабӣ имконият медиҳанд, ки хонандагон салоҳиятҳои худро такмил диҳанд.

Дар маҷмуъ, таҳлилҳо нишон доданд, ки:

1. Салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатӣ дар ҷараёни таълими таърих асосан тавассути ҳамгироии назария ва амал ташаккул меёбанд.

2. Омӯзгор нақши калидӣ дар ташаккули ин салоҳиятҳоро мебозад ва сатҳи тахассусӣ ва малакаи методии ӯ муайянкунандаи сифати таҳсил аст.

3. Монеаҳои мавҷуда (кадравӣ, моддӣ, методӣ) то ҳол раванди таълимро суст мекунанд, вале бо истифодаи дурусти усулҳои муосир онҳоро метавон қисман бартараф сохт.

4. Таҷрибаи озмоишӣ собит намуд, ки истифодаи технологияи муосир ва усулҳои фаъол на танҳо дониш, балки тафаккури интиқодӣ ва малакаи таҳлилии хонандагонро рушд медиҳад.

5. Дар оянда, барои расидан ба ҳадафҳои таълим, зарур аст, ки барномаҳои таълимӣ бо талаботи нав мутобиқ гарданд, китобҳои дарсӣ такмил дода шаванд ва системаи тайёр кардани омӯзгорони фанни таърих аз нав дида баромада шавад.

Бо назардошти ҳамаи ин, метавон гуфт, ки дар раванди таълими фанни «Таърихи халқи тоҷик» ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатӣ на танҳо як талаботи замон, балки омили асосии ташаккули шахсияти комил, худшиносӣ ва худогоҳии миллии насли наврас мебошад.

# БОБИ III. ҶАНБАҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ УМУМИФАННӢ ВА ФАННӢ, МАВЗУӢ ДАР РАВАНДИ ОМӮЗИШИ ФАННИ ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК

## 3.1. Салоҳиятҳои умумифаннӣ ва фаннию мавзуӣ дар раванди омӯзиши таърихи халқи тоҷик дар синфҳои 10-11-и муассисаҳои ҳамагонӣ

Тибқи барномаҳои таълимӣ ва силлабус, салоҳиятнокӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз рӯи ихтисос, тахассус ва касб тавассути азхудкунии фанҳои таълимӣ ташаккул меёбад. Ин салоҳиятҳо ҳамчун салоҳиятҳои фаннӣ ва умумифаннӣ номгузорӣ мешаванд ва дар маҷмуъ барои баланд бардоштани омодагии таълимӣ ва касбии хонандагон хидмат мекунанд. Мутобиқи барнома, фанни «Таърихи халқи тоҷик» дар синфҳои 10–11 дар ҳаҷми 64 соат (дар як ҳафта 1 соат) омӯхта мешавад, ки ҳадафи он ташаккули салоҳияти коммуникативӣ ва таҳия намудани заминаи устувор барои омодагӣ ба таҳсилоти олии касбӣ мебошад [2, с. 18].

**Вазифаҳои асосии фанни таърихи халқи тоҷик:**

- Мустаҳкам кардани дониш, маҳорат ва малакаи хонандагон оид ба фарқ кардани хусусиятҳои ҳодисаҳои таърихӣ ва инкишофи салоҳиятҳои таърихӣ;
- Омӯзиши истифодаи далелҳои умумии илмӣ ва махсуси таърихӣ барои дарки равандҳои рушди ҷомеа;
- Мусоидат ба азхудкунии даврабандӣ ва тавоноии баёни озодонаи ҳодисаҳои таърихӣ;
- Такмил додани нутқи шифоҳӣ ва тавоноии нигоҳ доштани равандҳои таърихӣ дар хотира [124, с. 157].

**Навъҳои салоҳиятҳо дар раванди таълими таърих**

**1. Салоҳиятҳои инструменталӣ**

- Қобилияти истифодаи таърихи халқи тоҷик дар муносибатҳои байнифаннӣ ва фарҳангӣ;
- Истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълим;
- Маҳорат дар кор бо ҳама гуна иттилоот ва истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ;
- Тавоноии ҷустуҷӯ, таҳлил, интихоби иттилоот ва интиқоли он.

**2. Салоҳиятҳои муносибати байнифардӣ**

- Зоҳир намудани эҳсосоти шахсӣ ва қобилияти баҳогузории интиқодӣ ба худ ва дигарон;
- Пайгирии арзишҳои ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ, масъулияти шаҳрвандӣ ва таҳаммулпазирӣ;
- Маҳорат дар кор дар гурӯҳ, асоснок кардани андеша ва ташкили ҳамкории педагогӣ бо дигар хонандагон ва омӯзгорон [133, с. 57].

**3. Салоҳиятҳои низомӣ**

- Дарки низоми донишҳои илмӣ дар асоси майлҳои тахассусӣ;
- Ҷудо кардани донишҳои асосӣ ва муайян кардани зарурати рушди минбаъдаи онҳо;
- Истифодаи методҳои умумии илмӣ ва фалсафии таҳқиқи равандҳои воқеият;
- Омодагӣ ба худинкишоф, худтанқидкунӣ ва фаъолияти эҷодкорона;
- Дарки аҳамияти салоҳиятҳои пайдарпай барои омодагӣ ба таҳсилоти касбӣ [135, с. 157].

**4. Салоҳиятҳои фаннӣ-предметӣ**

- Азхудкунии қоидаҳои асосии таҳлили ҳодисаҳои таърихӣ, мафҳумҳо ва қонунмандиҳои таърих;
- Истифодаи донишҳои фундаменталии таърихӣ ва робитаи фанни таърих бо дигар илмҳо;
- Маҳорати кор бо сарчашмаҳо ва риояи меъёрҳои илмии таҳқиқи ҳодисаҳои таърихӣ;

- Ташаккули қобилияти коркарди иттилооти таърихӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ;
- Омодагӣ ба истифодаи донишҳо дар фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ва омӯзгорӣ [141, с. 140].

Риояи тамоми ин унсурҳо дар маҷмуъ ба ташаккули салоҳиятнокии касбии ҳам омӯзгор ва ҳам хонандагон мусоидат мекунад. Ҳадафи асосии барномаи таълимии таърихи халқи тоҷик – инкишофи салоҳиятҳои фаннӣ-маузӯӣ ва коммуникативӣ мебошад, ки на танҳо ба сатҳи дониш, балки ба рушди шахсият ва омодагӣ ба ҳаёти мустақилона нигаронида шудааст.

Ғайр аз салоҳиятҳои тахассусӣ-касбӣ, ки дар раванди тайёр кардани мутахассисон ташаккул меёбанд, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нақши муҳимро салоҳиятҳои фаннӣ-мавзӯӣ мебозанд. Салоҳиятҳое, ки барои ҳар як машғулият дар барнома ва нақшаи фан ба таври мушаххас пешбинӣ мешаванд, ба гурӯҳи салоҳиятҳои фаннӣ-мавзӯӣ дохил гардида, имконияти баланд бардоштани сифати кори омӯзгор ва рушди дониш, маҳорату малакаи хонандагонро фароҳам меоранд.

Омӯзиши назариявии низоми ташаккули салоҳиятнокӣ нишон медиҳад, ки ҳар як фан бояд салоҳиятҳои калидии хоси худро дошта бошад, ки метавонанд дар ҷараёни машғулиятҳои алоҳида амалӣ гарданд. Барои фанни таърихи халқи тоҷик чунин салоҳиятҳо бо назардошти хусусияти таълимӣ ва тарбиявии фан ба таври зерин ҷудо мешаванд: салоҳияти арзишӣ-мафкуравӣ, салоҳияти умумфарҳангӣ, салоҳияти таълимӣ-маърифатӣ, салоҳияти иттилоотӣ, салоҳияти коммуникативӣ, салоҳияти иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва салоҳияти шахсӣ-худтакмилдиҳӣ.

Ин гурӯҳҳо метавонанд вобаста ба ҳадафи омӯзиш барои ҳар як машғулият дар маҷмӯъ ё дар шакли алоҳида татбиқ шаванд. Дар нақшаҳои таълимӣ тавсия дода мешавад, ки салоҳиятҳои ташаккулёбанда барои ҳар як намуди машғулият — назариявӣ (лексионӣ), кори мустақилона зери роҳбарии омӯзгор (семинар, амалӣ, лабораторӣ) ва кори мустақилонаи

хонандагон (кор бо адабиёти иловагӣ, иҷрои вазифаҳои хонагӣ, реферат, эссе, таҷрибаомӯзӣ ва баромадҳо) — бо таври мушаххас нишон дода шаванд.

Дар ин замина, нақши омӯзгор дар ҳар як мавзӯи таълимӣ муҳим аст: бояд равшан созад, ки хонанда чиро бояд донад, чиро бояд аз худ кунад ва чиро бояд иҷро намуда тавонад, то салоҳиятҳои таърихии ӯ ташаккул ёбанд.

Мисол: ҳангоми омӯзиши мавзӯи "Заминаҳои пайдоиши ҳаракатҳои инқилобӣ дар Осиёи Миёна" аз фанни таърихи халқи тоҷик, омӯзгор бояд дар асоси талаботи низоми босалоҳият масъалагузорӣ намояд. Ӯ вазифадор аст робитаи ҳаракатро бо ҳастӣ ва сабабҳои мутлақияти ин ду мафҳум дуруст шарҳ диҳад, нишон диҳад, ки дар натиҷаи ҳаракат чӣ гуна тағйирот рӯй медиҳад, мафҳуми ҳаракатро бо мафҳуми оромӣ муқоиса намояд ва ба хонандагон фаҳмонад, ки чаро оромӣ мафҳуми нисбӣ ва гузаранда аст. Ҳамчунин, панҷ шакли ҳаракатро номбар карда, робитаи онҳо бо низоми таърихиро ошкор созад ва аҳамияти таълимӣ-маърифатии мавзӯъро шарҳ диҳад [25, с. 41–50].

Омӯзгор вазифадор аст, ки манбаъ ва сарчашмаҳои ҳаракатҳои инқилобиро бо се аломати асосии он асоснок шарҳ диҳад ва ба воситаи далелҳои раднопазир ба хонандагон фаҳмонад, ки чаро инқилоб дар Россия ғалаба карда метавонист.

Дар раванди омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик, хонанда бояд:

- маълумоти мухтасар дар бораи қонунҳои таърихӣ, ивазшавии форматсияҳои иҷтимоӣ, шӯриш, инқилоб ва корпартоӣ дошта бошад;

- тавонад сабабҳои онҳоро фарқ ва шарҳ диҳад;

- луғат ва мафҳумҳои мураккабро шарҳ дода тавонад, матнро дуруст ва ифоданок қироат кунад, мазмуни онро дарк намояд;

- фикри худро дар шакли хаттӣ ифода ва натиҷагирӣ намояд;

- ҳангоми таҳлили матн қудрати фарқ кардани андешаҳои фалсафӣ ва маънои луғатҳои илмиро дошта бошад.

Ҳамин тавр, салоҳиятҳои фаннӣ-мавзӯӣ на танҳо воситаи омӯзиши фан, балки заминаи ташаккули салоҳиятнокии таърихии хонандагон ва баланд бардоштани сатҳи маърифатии онҳо мебошанд.

Тавсияҳои вазири маорифи Фаронса Фора, ки соли 1972 ба ЮНЕСКО пешниҳод шуданд, то имрӯз аҳамияти илмӣ ва амалии худро гум накардаанд. Ин салоҳиятҳо на танҳо чаҳорчӯбаи умумии рушди шахсиятро муайян мекунанд, балки ҳамчун заминаи ташаккули муҳими таълими фанни «Таърихи халқи тоҷик» низ хизмат карда метавонанд.

**1. Салоҳияти арзишӣ-мафкуравӣ.**

Ин салоҳият ба ташаккули ҷаҳонбинии шахсият ва қобилияти фарқ кардани арзишҳо марбут аст. Дар муҳити таълимӣ омӯзгор нақши калидӣ мебозад: маҳз мушоҳидаи дуруст ва кор бо майлҳои инфиродии хонанда имкон медиҳад, ки ҷиҳатҳои пинҳонии шахсияти ӯ бедор шаванд. Таҳқиқоти педагогӣ нишон медиҳанд, ки агар ин ҷанбаҳо дар вақти таҳсил фаъол карда нашаванд, онҳо метавонанд то охири ҳаёт дар сатҳи потенсиалӣ боқӣ монанд [29, с. 160].

**2. Салоҳияти умумфарҳангӣ.**

Ин салоҳият ба савияи фарҳангии хонандагон марбут аст ва зарурати ғанӣ гардонидани он тавассути фанни таърихро таъкид мекунад. Омӯзгор вазифадор аст, ки на танҳо иттилоотро расонад, балки муҳити фарҳангиро барои шаклгирии маърифати таърихӣ фароҳам оварад. Омӯзиши таърихи халқи тоҷик бояд ҳамчун воситаи шиносоии хонанда бо мероси фарҳангии миллат ва ҷаҳон истифода шавад.

**3. Салоҳияти таълимӣ-маърифатӣ.**

Ин салоҳият бештар ба худомӯзӣ такя мекунад. Салоҳиятнокии ҳақиқӣ танҳо дар шароите ташаккул меёбад, ки хонанда худ раванди омӯхтанро ҳамчун масъулияти шахсӣ эҳсос кунад. Омӯзгор дар ин ҷо на интиқолдиҳандаи дониш, балки роҳбалади рушди маърифатии хонанда аст. Ин ду ҷанбаи раванди таълим – худомӯзӣ ва роҳбаладӣ – ҷудонашаванда мебошанд ва бе яке дигарӣ маънои комил пайдо намекунад [33, с. 61].

**4. Салоҳияти иттилоотӣ.**

Ин салоҳият ба қобилияти кор бо ахбор марбут аст. Ҳар як дарс бояд зинаи навбатии васеъ кардани ҷаҳонӣ ва афзоиши дониши хонанда бошад. Дар раванди омӯзиши таърих, ташаккули ин салоҳият на танҳо бо матни китоб, балки бо манбаъҳои иловагӣ, ҳуҷҷатҳои таърихӣ ва технологияҳои иттилоотӣ сурат мегирад.

**5. Салоҳияти коммуникативӣ.**

Маърифат бе муошират арзиши пурра намегирад. Салоҳияти коммуникативӣ ба фарҳанги гуфтор, эҳтироми ҳамсуҳбат ва қобилияти баён кардани фикрҳои худ вобаста аст. Шахси босалоҳият на танҳо маълумотро мерасонад, балки муҳити солими гуфтугӯро низ фароҳам меорад, ки барои фанни таърих аҳамияти хоса дорад [36, с. 20–25].

**6. Салоҳияти иҷтимоӣ-меҳнатӣ.**

Ин салоҳият на танҳо ба муносибати шахс ба меҳнат, балки ба дарки он ҳамчун арзиши инсонӣ дахл дорад. Хонанда бояд дарк кунад, ки касбу фаъолият на аз рӯи мансаб ва сарват, балки бо заҳмати шахсӣ арзёбӣ мешавад. Ин салоҳият, хусусан дар дарсҳои таърих, тавассути омӯзиши таҷрибаи наслҳои гузашта мустаҳкам мегардад.

**7. Салоҳияти шахсӣ-худтакмилдиҳӣ.**

Ин шакли салоҳият бештар ба рушди шахсият дар сатҳи инфиродӣ рабт дорад. Қоидаҳои гигиенаи шахсӣ, нигоҳубини саломатӣ, фарҳанги ботинӣ ва малакаҳои амнияти ҳаёт ба ин блок дохил мешаванд. Фарқияти он дар он аст, ки агар салоҳияти умумфарҳангӣ бештар ба амалҳои шахсият дар ҷомеа равона бошад, худтакмилдиҳӣ ба рушди шахсият ҳамчун манбаи тағйироти иҷтимоӣ хизмат мекунад [37, с. 19].

Ин тавсияҳо, ки беш аз панҷ даҳсола пеш пешниҳод шудаанд, имрӯз низ барои таълими таърих арзиши назариявӣ ва амалӣ доранд. Онҳо нишон медиҳанд, ки ташаккули салоҳият на танҳо интиқоли дониш, балки рушди шахсият ҳамчун субъекти фарҳанг ва таърих аст. Барои фанни «Таърихи

халқи тоҷик» ин равиш махсусан муҳим мебошад, зеро маҳз тавассути он мо на танҳо иттилоот, балки ҷаҳонбинии таърихиро ба хонанда мерасонем.

Дар низоми муосири муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, зарурати ташаккули дониш, малака ва маҳорат тавассути тамоми шаклҳои фаъолият эҳсос мешавад. Омӯзиши фанни «Таърихи халқи тоҷик» яке аз майдонҳои асосии ин раванд аст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки унсурҳои калидии болоравии салоҳиятҳои хонандагон аз чор ҷанба иборатанд: маърифатӣ, зиракӣ, майлгирӣ ва амалиётӣ. Маҳз ҳамоҳангии ин унсурҳо дар ниҳоят ба ташаккули ҷаҳонбинӣ ва қобилияти мустақилона амал кардани хонандагон такон мебахшад.

Низоми лексионӣ–семинарӣ, ки солҳои зиёд ҳамчун усули асосии баланд бардоштани дониш ва маҳорат амал мекард, то ҳол арзиши худро гум накардааст. Таҷрибаҳои педагогӣ нишон медиҳанд, ки ҳангоми шунидани лексия хонанда то 30% маводро дарк мекунад, бо истифодаи айёният ин нишондиҳанда то 50% боло меравад, ва вақте ки воситаҳои шунавоӣ ҳамроҳ карда мешаванд, доираи дониш боз ҳам васеъ мегардад. Ин далел нишон медиҳад, ки худи шакли пешниҳод ва коркарди мавод дар ташаккули салоҳият нақши калидӣ мебозад.

Л.С. Выготский таъкид мекунад: «Хондани калима ва пайваст кардани он бо ашё ба худи дарки мафҳум намерасонад; танҳо фаъолияти гуногунҷабҳаи маърифатӣ, ки ба ҳадафи мушаххас равона шудааст, салоҳиятро ташаккул медиҳад» [21, с. 27]. Ин андеша моҳияти муносибати фаъол ва таҳлилӣ ба дарсро нишон медиҳад.

Методҳо ва технологияҳои таълими анъанавӣ – дарсҳои амалӣ, лексияҳо ва корҳои мустақилонаи хонандагон – то ҳол пояи раванди таълимро ташкил медиҳанд. Дар ин ҷо нақши омӯзгор дар сохтани алгоритмҳои педагогӣ махсусан муҳим аст: маҳз аз он вобаста аст, ки унсурҳои салоҳият чӣ гуна коркард мешаванд ва ба фаъолияти мустақили хонандагон чӣ гуна интиқол меёбанд.

Дарси лексионӣ на танҳо воситаи интиқоли дониш, балки муҳаррики рушди тафаккури мантиқӣ ва қобилияти таҳлилӣ мебошад. Аз миёни намудҳои гуногуни лексияҳо, лексияи барқароркунӣ, проблемавӣ, визуалӣ, дунафара ва конференсияи матбуотӣ бештар ба ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ–маърифатӣ мусоидат мекунанд. Лексияҳои ҷамъбастӣ бошад, ҳамчун воситаи ҳамгироии дониш ва таҳкими салоҳияти умумимаданӣ аҳамияти вижа доранд: онҳо на танҳо натиҷагирии маводи таълимиро таъмин мекунанд, балки донишҳои аз фанҳои гуногун гирифташударо муттаҳид менамоянд.

Дар марҳилаи ҳозира, вақте ки таваҷҷуҳи хонандагон ба дарки амиқи мазмуни фанҳо меафзояд, нақши омӯзгори таърих дар ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии онҳо дучанд мегардад. Омӯзгор на танҳо вазифадор аст, ки дониш диҳад, балки бояд муҳитеро эҷод намояд, ки дар он арзишҳо ва вазифаҳои таълимӣ ба таҷрибаи амалӣ табдил ёбанд.

Лексия ҳамчун шакли таълим бояд хонандаро на танҳо ба шунидан, балки ба ҳалли вазифаҳои таълимӣ ва ворид шудан ба шаклҳои гуногуни фаъолияти амалӣ ҳидоят кунад. Аз ҳамин рӯ, истифодаи навъҳои гуногуни лексияҳо – проблемавӣ, визуалӣ, дунафара, пешакӣ барои ислоҳи хатогиҳо, конференсияи матбуотӣ – яке аз роҳҳои муассири бедор намудани фаъолияти маърифатии хонандагон ба ҳисоб меравад [28, с. 30–39].

**Лексияи проблемавӣ.**

Арзиши асосии лексияҳои дорои характери проблемавӣ дар он аст, ки онҳо хонандаро маҷбур месозанд, ки ахборро на танҳо қабул, балки таҳлил ва барои ҳалли масъала истифода кунад. Омӯзгор дар чунин дарсҳо на танҳо дониш медиҳад, балки муҳити мушкилотиро эҷод мекунад, ки дар он хонандагон маҷбур мешаванд қадам ба қадам фикр кунанд ва қарор қабул намоянд. Ин усул онҳоро ба фаъолияти таҳқиқотӣ ворид месозад, истифодаи сарчашмаҳои таърихиро меомӯзонад ва қобилияти кор бо маълумотро ташаккул медиҳад.

Муҳим аст, ки дар чунин машғулиятҳо чанд ҷанба риоя шавад:

- муайян кардани сатҳи воқеии салоҳияти маърифатии хонандагон;
- ворид намудани вазифаҳои мушкилотӣ бе фишор ва маҷбуркунӣ;
- фароҳам овардани имконият барои интихоби роҳҳои ҳалли масъала аз ҷониби худи хонандагон;
- таҳлили роҳҳои гуногуни ҳалли масъала ва муқоисаи онҳо, то ки салоҳиятҳо на танҳо ҳамчун дониш, балки ҳамчун малакаи амалкунанда ташаккул ёбанд [38, с. 37].

**Лексияи визуалӣ (босиравӣ).**

Ин навъи лексияҳо ба ҳамоҳангии калима ва тасвир такя мекунад. Чунин шакли таълим имкон медиҳад, ки андешаи хонанда мазмуннок ва хаёли ӯ бо воқеаҳои таърихӣ пурра гардад. Визуалсозӣ на танҳо диққатро нигоҳ медорад, балки роҳро ба тафаккури таҳлилӣ ва хотирмон месозад. Ин дар навбати худ ба худии хонанда қудрати бештар барои иҷрои супоришҳо ва коркарди мустақилона медиҳад.

**Лексияи дунафара.**

Мавқеи ҷолибро лексияҳои дунафара ишғол мекунанд, ки дар он ду омӯзгор бо ҳамкорӣ мавзӯъро мекушоянд. Яке аз устодон саволҳои калидӣ ва мушкилотро пеш мегузорад, дуюмӣ бошад роҳҳои ҳалли онҳоро бо мисолҳо ва далелҳо нишон медиҳад. Ин усул на танҳо мазмуни таълимиро амиқтар мекунад, балки фазои муколама ва тафаккури интиқодиро ба вуҷуд меорад. Инчунин чунин лексия ба хонанда намунаи кори дастаҷамъона ва ҳамоҳангии педагогиро нишон медиҳад.

Лексияҳои пешакӣ барои ислоҳи хатогиҳо.

Чунин лексияҳо ба таҳлили хатогиҳои эҳтимолӣ ва пешгирии онҳо равона мешаванд. Омӯзгор бо нақшаи пешакӣ нуқсонҳоро нишон медиҳад ва хонандагонро ба таҳлили мустақили онҳо ташвиқ мекунад. Ин шакли дарс на танҳо малакаи танқидӣ, балки масъулияти шахсиро низ ташаккул медиҳад [44, с. 190].

Дар ин қисмат метавон як нуқтаи назарро низ илова кард: муваффақияти лексияҳо на танҳо аз шакл, балки аз муҳити эҷодии омӯзгор ва

муносибати фаъолонаи хонанда вобаста аст. Агар муҳит танҳо интиқоли дониш бошад, ҳатто лексияи визуалӣ ва проблемавӣ таъсири камтар хоҳад дошт. Аммо агар омӯзгор муҳити таҳқиқотӣ ва ҳамкориро созад, ҳар як навъи лексия ба воситаи воқеии ташаккули салоҳият табдил меёбад.

Дар дарсҳои амалии таърих хонандагон имконият пайдо мекунанд, ки таҷрибаи воқеии истифодаи усулҳои таълимиро ҳамчун воситаи ҳаллу фасли вазифаҳои таълимӣ амалӣ намоянд. Ин машғулиятҳо на танҳо дониши назариявиро мустаҳкам мекунанд, балки тарзи кор бо мавод, таҳлил ва баровардани натиҷаҳоро низ тақвият медиҳанд. Танзими фаъолияти таҳқиқотӣ – ҳам дар шакли фардӣ ва ҳам коллективӣ – имконият медиҳад, ки хонандагон на танҳо усулҳои татбиқи донишро аз худ кунанд, балки масъулияти пешниҳоди натиҷаҳои кори худро низ эҳсос намоянд [46, с. 20–26].

Ин раванд ба моҳияти маҳфилҳои фаннӣ низ бевосита иртибот дорад, зеро маҳз дар чунин муҳитҳо унсурҳои асосии саводнокӣ ва салоҳиятҳои таълимӣ шакл мегиранд. Дар баробари усулҳои анъанавӣ, истифодаи шаклҳои интерактивӣ – семинарҳо, баҳсҳо, мубоҳисаҳо, мизи мудаввар, шабҳои саволу ҷавоб – ба ташаккули тафаккури таҳлилӣ ва фаъолгардонии донишҷӯён мусоидат мекунад. Ба ин раванд ворид кардани технологияҳои иттилоотӣ-маърифатӣ аҳамияти махсус дорад, зеро онҳо имкони рушди салоҳиятҳои ақлонӣ ва қобилияти мустақилона фикр карданро фароҳам меоранд. Мисоли барҷастаи чунин равишҳо – истифодаи форматҳои “муҳорибаи зеҳнӣ”, стратегияи «Баҳс» ва усули «Назари танқидӣ» мебошад, ки на танҳо донишро такмил медиҳанд, балки ҳолатҳои худзоҳиркунӣ ва муносибатҳои иҷтимоиро низ ташаккул медиҳанд.

Дар муқоиса бо усулҳои анъанавии таълим, равишҳои фаъол, ки ба технологияҳои интерактивӣ такя мекунанд, дар ташаккули муносибатҳои салоҳиятнок ва малакаҳои амалии хонандагон нақши муҳим доранд. Ин раванд имконият медиҳад, ки унсурҳои ҷудогонаи салоҳият на танҳо аз худ карда шаванд, балки тавассути таҷриба ва амал таҷзияву такмил ёбанд.

Истифодаи тренингҳо, бозигариҳои таълимӣ ва методи лоиҳа, ки дар ҷараёни дарсҳо амалӣ мегарданд, фаъолияти таълимиро зинда ва самаранок месозанд [51, с. 3–46].

Технологияи лоиҳавӣ яке аз самтҳои калидӣ мебошад, ки мушкилоти вобаста ба муносибатҳои салоҳиятнокро ҳал мекунад. Дар ин раванд хонандагон мустақиман ба фаъолияти маърифатӣ ҷалб шуда, бо истифода аз захираҳои иттилоотӣ ва таҳлилӣ роҳи ҳалли мушкилотро меҷӯянд. Онҳо на танҳо маълумоти заруриро ҷамъоварӣ мекунанд, балки қадам ба қадам барномаҳои амалии худро месозанд, натиҷагирӣ намуда ва бо назари танқидӣ фаъолияти худро арзёбӣ мекунанд.

Хулоса, татбиқи технологияи лоиҳавӣ имконият медиҳад, ки хонандагон на танҳо барномаи таълимии фанни таърихи халқи тоҷикро аз худ кунанд, балки нақшаи шахсии рушди худро таҳия намоянд. Онҳо мақсад, мазмун ва роҳҳои амалиро барои идомаи таҳсил ва омодагӣ ба фаъолияти касбӣ равшан муайян мекунанд. Ин равиш на танҳо салоҳиятҳои таълимиро таҳким мебахшад, балки ба онҳо асоси воқеӣ барои татбиқи дониш дар амал медиҳад ва омодагии касбиро ба сатҳи нав мебарад.

## 3.2. Технология ва методҳои ташаккули салоҳияти таълимии хонандагони синфи 10- 11 дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ

Фаъолияти анъанавии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳамчун заминаи ташаккули дониш, малака ва салоҳиятҳои таърихии хонандагон аҳамияти калон дорад. Дар ин раванд шаклҳои асосӣ ва санҷидашудаи педагогӣ истифода мешаванд:

**1. Технологияи анъанавӣ** – низоми лексионӣ–семинарӣ, ки дар он лексияҳо, семинарҳо, дарсҳои иловагӣ, такрорӣ ва ҷамъбастӣ, инчунин машғулиятҳои амалӣ ва лабораторӣ барои ташаккули салоҳияти хонандагон ташкил дода мешаванд.

**2. Технологияҳои нейимитатсионӣ ва ғайрибозӣ** – маҷмӯи усулҳо ва воситаҳое, ки барои ташаккули мустақилонаи салоҳиятнокии хонандагон равона шудаанд ва таҷрибаи омӯзиши фаъолро фароҳам меоранд.

Дар раванди ташаккули салоҳияти таърихӣ ворид намудани технологияи таълими проблемавӣ нақши калидӣ дорад. Лексияҳои проблемавӣ имконият медиҳанд, ки хонандагон бо вазъиятҳои таҳлилӣ рӯбарӯ шуда, малакаи ҳалли мустақили масъалаҳоро инкишоф диҳанд. Истифодаи чунин усулҳо, ки мазмуни ҷустуҷӯӣ ва таҳқиқотӣ доранд, салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагонро фаъол месозад ва онҳоро ба таҳлил ва хулосабарории мустақилона ҷалб менамояд [28, с. 30–39].

Ҷойгоҳи махсусро дар ин раванд методҳои лоиҳавӣ ишғол мекунанд. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ лоиҳаҳо метавонанд шакли инфиродӣ ва гурӯҳӣ, фаннӣ ва байнифаннӣ дошта бошанд; кӯтоҳмуддат, миёнамуддат ва дарозмуддат бошанд. Ҳамзамон онҳо метавонанд ба фаъолияти иттилоотӣ, таҳқиқотӣ, эҷодӣ ё амалии-майлкунӣ равона шаванд. Дар фанни таърихи халқи тоҷик лоиҳаҳои ахборотӣ ва таҳқиқотӣ аҳамияти зиёд дошта, малакаи кор бо сарчашмаҳои таърихиро ташаккул медиҳанд ва ба салоҳиятҳои иттилоотӣ ва маърифатӣ такон мебахшанд [133, с. 115].

Истифодаи методҳои кейсӣ низ дар шароити таълими миёна аҳамияти назаррас дорад. Онҳо на танҳо донишҳои назариявиро тақвият мебахшанд, балки хонандагонро ба фаъолияти таҳлилӣ ва коркарди воқеаҳои таърихӣ омода месозанд. Бо ин роҳ онҳо мефаҳманд, ки дар муассисаҳои касбӣ аз онҳо дифои корҳои курсӣ ва хатмӣ талаб карда мешавад ва ҳамин малакаҳоро аз мактаб меомӯзанд.

Дар баробари ин, ворид намудани технологияҳои бозии ғайритақлидӣ ва усулҳои онҳо барои фаъолсозии хонандагон муфид аст. Шаклҳои чунин бозӣ метавонанд «бозиҳои рефлексӣ-нақшӣ», «бозиҳои ташкилӣ-фаъолиятӣ», инчунин бозиҳои эксперти, аз ҷумла бозиҳои компютериро дар бар гиранд. Яке аз шаклҳои муассиртарини ин раванд муҳорибаи зеҳнӣ мебошад, ки дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик васеъ истифода мешавад. Методи «муҳорибаи

зеҳнии баръакс», «муҳорибаи зеҳнии дукарата» ва «конференсияи андешаҳои шахсӣ» шаклҳои муҳимтарин мебошанд, ки қобилияти фикррониӣ ва баҳсбардории хонандагонро инкишоф медиҳанд [2, с. 18].

Ҳамаи ин шаклҳои анъанавӣ бо вуҷуди воридшавии технологияҳои инноватсионӣ аҳамияти худро нигоҳ доштаанд. Комбинатсияи лексия, семинар, усулҳои проблемавӣ ва лоиҳавӣ шароити фароҳам меорад, ки хонандагон на танҳо донишҳои назариявӣ, балки малакаи таҳқиқотӣ ва эҷодии мустақилона ба даст оранд. Ин равиш заминаи боэътимод барои рушди салоҳияти таърихӣ ва иттилоотӣ-маърифатии хонандагон дар мувофиқат бо талаботи замони муосир мебошад.

Дар таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ истифодаи шаклҳои анъанавӣ ва омехтаи таълим нақши калидӣ мебозад. Яке аз самтҳои самаранок – дарсҳои омехта мебошад, ки омезиши метод ва технологияҳои гуногунро дар бар мегиранд. Ба он ин шаклҳо дохил мешаванд:

- истифодаи технологияи «Назари танқидӣ»;
- баргузор намудани тренингҳои психологӣ ва иҷтимоӣ-психологӣ;
- истифодаи усулҳои бозиҳои ғайритақлидӣ;
- машғулият бо тренажёрҳо ва технологияи иттилоотӣ [2, с. 18–22].

Истифодаи технологияи «Баҳс, мубоҳиса» дар дарсҳои таърих махсусан аҳамият дорад, зеро тавассути он хонандагон бо маводи таърихӣ фаъолона кор карда, малакаи таҳлил ва баҳсбардории худро инкишоф медиҳанд. Дар баробари ин, ворид кардани бозиҳои нақшӣ ва корӣ бо унсурҳои тренажёрӣ ба дарсҳо муҳити шавқовар ва камтар хастакунанда эҷод мекунад.

Барои ташаккули фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ чунин шаклҳо самаранок арзёбӣ мешаванд:

- семинарҳои илмӣ, корҳои илмӣ-таҳқиқотии хонандагон, ҷашнвораҳои рӯзҳои таърихӣ, устохонаҳои муаллифӣ ва озмоишгоҳҳои таҳқиқотӣ;
- ҷалби хонандагон ба грантҳо барои иҷрои корҳои таҳқиқотии мустақил;
- ташкил намудани стажировкаи илмӣ дар муассисаҳои пешқадам;
- таҷрибаомӯзии илмӣ-таҳқиқотӣ ва нашри маводи илмӣ-оммавӣ, ки аз мактаб хонандагонро ба кори илмӣ одат медиҳад.

Ин маҷмӯи усулҳо ва технологияҳоро ба се гурӯҳи асосӣ ҷудо кардан мумкин аст:

**1. технологияҳои анъанавии таълимӣ** (лексияҳо, семинарҳо, машғулиятҳои амалӣ);

**2. технологияҳои фаннӣ-таълимӣ** (методҳои проблемавӣ, лоиҳавӣ, кор бо сарчашмаҳо);

**3. технологияҳои фаъолияти таълимӣ-касбӣ** (эҷодиёт, таҷрибаомӯзӣ ва воридшавӣ ба муҳити таҳқиқотӣ).

Дар шароити муосир низоми анъанавии таълим чунин хусусиятҳоро дорост:

- ташкил намудани дарсҳо бо муттаҳид кардани як ё якчанд гурӯҳ вобаста ба имкониятҳои муассиса;
- такя ба нақшаҳои таълимии фаннӣ ва тақвими ягона барои устодон ва хонандагон;
- истифодаи дарсҳои лексионӣ, семинарӣ ва амалӣ ҳамчун шакли асосӣ;
- гузоштани мақсадҳои аниқ ва истифодаи методҳои айёнӣ-намоишӣ дар раванди таълим;
- ташкили кор бо хонандагон дар сатҳи инфиродӣ ва фронталӣ;
- таъмини робитаҳои мустақими омӯзгор бо хонандагон дар ҷараёни дарс;

- санҷиши мунтазами иҷрои вазифаҳои хонагӣ ва додани баҳои воқеӣ ба натиҷаҳои таълимӣ тавассути корҳои назоратӣ ва имтиҳонҳо [28, с. 30–38].

Илова бар ин, истифодаи методҳои лоиҳавӣ ва бозиҳои ғайритақлидӣ (бозиҳои рефлексӣ-нақшӣ, ташкилӣ-фаъолиятӣ, экспертӣ ва бозиҳои компютерӣ) имконият медиҳанд, ки салоҳиятҳои таърихӣ ва иттилоотии хонандагон дар сатҳи баланд ташаккул ёбанд. Аз ҷумла, муҳорибаи зеҳнӣ ва шаклҳои он («муҳорибаи зеҳнии баръакс», «дукарата», «конференсияи андешаҳои шахсӣ») малакаи баҳсбардорӣ ва таҳлили танқидии хонандагонро ба таври назаррас инкишоф медиҳанд [2, с. 18].

Ҳамин тавр, ҳамбастагии усулҳои анъанавӣ ва технологияҳои омехта дар таълими таърих шароити фароҳам меорад, ки хонандагон на танҳо донишҳои назариявиро, балки малакаи таҳқиқотӣ, танқидӣ ва эҷодиро низ ба даст оранд. Ин равиш барои рушди салоҳияти таърихӣ ва иттилоотӣ-маърифатии онҳо заминаи боэътимод фароҳам меорад.

Низоми анъанавии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ асосан бар модели лексионӣ-семинарӣ такя мекунад. Аммо таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки истифодаи танҳо ин технологияҳо имконият намедиҳанд, ки хонанда тамоми донишро пурра аз худ намояд ва барои ҳалли вазифаҳои иҷтимоӣ низ заминаи кофӣ фароҳам наоварда, бештар ба иҷрои вазифаҳои танг ва анъанавӣ равона мегардад. Аз ин рӯ, гузаштани муассисаҳои таҳсилотӣ ба низоми босалоҳият зарур шуморида мешавад [135, с. 114].

Ба гурӯҳи дуюм ва сеюм ворид кардани технологияҳои инноватсионӣ, методҳои фаъоли таълим ва фаъолияти таълимӣ-босалоҳият аҳамияти махсус пайдо мекунад. Онҳо чунин хусусиятҳоро таъмин менамоянд:

- фаъол гардонидани тафаккур ва рафтори таърихии хонандагон;
- баланд бардоштани сатҳи иштироки фаъолонаи хонандагон дар ҷараёни таълим ва муқобилияти эҷодии онҳо бо фаъолияти омӯзгор;
- эҷоди фазои ҳамкорӣ байни хонандагон ва миёни онҳо бо омӯзгор;
- фароҳам овардани замина барои баҳогузории марҳила ба марҳилаи пешрафт ва азбаркунии пурраи мавод;

• инкишофи малакаҳои эҷодӣ ва қобилияти идора кардани ҳолатҳои эҳсосии хонандагон дар дарсҳои таърих;

• самтгирии равшан ба азхудкунии мавод дар муҳлати кӯтоҳ бо натиҷаи устувор [135, с. 114].

Методҳои лоиҳавӣ, кейсӣ ва фаъолияти таълимӣ бо робита ба ҳаёти воқеӣ ба гурӯҳи сеюм дохил мешаванд. Онҳо имкон медиҳанд, ки хонандагон малакаи таҳлил, кор бо сарчашмаҳо ва ҳалли мустақили масъалаҳоро ташаккул диҳанд. Ҳар як метод вазифаи мушаххаси таълимиро ифода мекунад ва дар муҳити воқеӣ самаранокии худро нишон медиҳад.

Муҳим аст, ки технологияи таълим на танҳо ба рушди салоҳиятҳои фаннӣ, балки ба ташаккули салоҳиятҳои умумимаданӣ ва касбӣ дар ҳамбастагӣ мусоидат намояд. Яке аз шаклҳои муассири татбиқи ин равиш – технологияи таълим дар ҳамкорӣ мебошад. Ин модел, ки аз таҷрибаи педагогии амрикоӣ ворид шудааст, ба бартараф кардани оқибатҳои инфиродӣ шудани фаъолияти таълимӣ равона гардида, ба ҳамкории эҷодии хонандагон асос мегузорад. Омӯзгор дар ин раванд ҳамчун ташкилкунанда ва роҳнамо амал мекунад, то ки тавассути меҳнати муштараки таълимӣ салоҳиятҳои умумимаданӣ ва босалоҳиятии хонандагон ташаккул ёбанд.

Дар маҷмӯъ, ҳамбастагии технологияҳои анъанавӣ ва инноватсионӣ ба он мусоидат мекунад, ки таълими фанни таърихи халқи тоҷик аз шакли интиқоли дониш ба шакли ташаккули малакаҳои таҳлилӣ, эҷодӣ ва иттилоотӣ-маърифатии хонандагон гузарад. Ин раванд ба рушди мустақилият ва қобилияти таҳқиқотии онҳо дар шароити таълимоти муосир заминаи устувор фароҳам меорад.

Таҳлили таҷрибаи таълимӣ нишон медиҳад, ки гурӯҳи салоҳиятҳои умумимаданӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути як қатор методҳо ва технологияҳои махсус ташаккул меёбанд. Аз ҷумла, технологияи «Таълим дар ҳамкорӣ» нақши калидӣ мебозад. Ин технология бештар дар шакли корҳои гурӯҳӣ, машқҳои бозӣ ва тренингҳо татбиқ шуда, имконият

медиҳад, ки хонандагон малакаи ҳамкорӣ ва масъулияти дастаҷамъиро инкишоф диҳанд [23, с. 3-18].

Барои ташаккули салоҳияти субъекти худинкишоф як қатор унсурҳо заруранд:

- тренингҳои психологӣ ва рушди шахсӣ, ки ба афзоиши потенсиали инфиродӣ ва худшиносӣ мусоидат мекунанд;
- методҳои назорати дохилӣ ва берунӣ, ки имкони арзёбии воқеии сатҳи донишро фароҳам меоранд;
- технологияҳои лоиҳавӣ ва бозӣ, ки фаъолияти таълимӣ ва касбиро ба шароити амалӣ наздик месозанд;
- методҳои махсуси арзёбии салоҳиятҳо, ки ба талаботи бозори меҳнат мутобиқанд ва омодагии хонандагонро барои фаъолияти минбаъда таъмин менамоянд [133, с. 18-34].

Муҳимтарин хусусияти ин раванд – инкишофи қобилияти самаранок кор кардан дар гурӯҳ ва ба даст овардани натиҷаҳои сифатӣ дар ҳайат мебошад. Маҳз ҳамин унсурҳо ба технологияи иҷтимоӣ асос мегузоранд, ки ҳадафаш тарбия намудани малакаҳои ҳамкорӣ ва дастҷамъона ҳал кардани вазифаҳо мебошад. Бо ин роҳ дар хонандагон на танҳо дониш, балки ҳиссиёти масъулияти ҷамъиятӣ ва эҳтироми назари дигарон ташаккул меёбад.

Дар муқоиса бо таълими анъанавӣ, «Таълим дар ҳамкорӣ» имкони бедор кардани ҳиссиёти эмпатия ва ҳамдардӣ дар хонандагонро дорад. Ин сифатҳо бо талоши муштарак ва робитаҳои байнишахсӣ пайванд дошта, барои дастовардҳои коллективӣ аҳамияти калон доранд.

Татбиқи ин технология ба як қатор вазифаҳои калидӣ равона мегардад:

- таҳкими робитаҳои байнишахсӣ ва баланд бардоштани зичии ҳамкории гурӯҳӣ;
- афзоиши масъулияти ҳар як аъзо барои муваффақияти худ ва даста;
- рушди қобилияти баҳо додан ба паҳлуҳои иҷтимоии таълим;

- ислоҳи рафторҳои номуносиб тавассути назорати фарҳанги муошират;
- таъмини баҳогузории умумӣ ва баровардани натиҷаҳои воқеии салоҳияти хонандагон [133, с. 64].

Шароити татбиқи чунин шакли ҳамфаъолиятӣ худ аз худ муҳити дастгирӣ ва ҳамкориро фароҳам меорад. Ин раванд на танҳо малакаи кор дар даста, балки фаҳмиши вобастагии мутақобиларо ташаккул медиҳад: хонандагон дарк мекунанд, ки муваффақияти умумӣ аз саҳми ҳар як иштирокчӣ вобаста аст. Бо ин роҳ муҳити таълимӣ ба як мактаби воқеии ҳамкории иҷтимоӣ ва масъулияти шахсӣ табдил меёбад.

Методи асосии ташаккули ҳамкорӣ дар раванди таълим мубодилаи озодонаи афкор мебошад. Дар ин раванд на танҳо муҳити маърифатӣ, балки фазои байнишахсӣ ва ҳолати эҳсосӣ низ нақш мебозад. Ҳамкории гурӯҳӣ вақте самаранок мешавад, ки муҳити эътимод ва ҳамдигарфаҳмӣ ҳукмрон бошад; дар акси ҳол он метавонад ба парокандагӣ ва ҷудоии аъзои гурӯҳ оварда расонад.

Пайдоиши чунин ҳамкории муассир аз се унсури калидӣ вобаста аст [124, с. 160]:

1. Вобастагии ҳадаф: ҳузури мақсади ягонаи гурӯҳ, ки ҳамаи иштирокчиёнро бо талоши муштарак муттаҳид месозад.
2. Вобастагии ахбор: ҳар як аъзо бахше аз иттилооти заруриро дар ихтиёр дорад, ки барои иҷрои вазифаҳо аҳамияти калидӣ дорад.
3. Системаи ҳавасмандгардонӣ: ҳавасмандии дохилӣ ва беруна, ки ба фаъолият ва ҳамкорӣ ангеза мебахшад.

Барои ташаккули чунин вобастагиҳо, омӯзгор бояд фаъолияти хонандагонро ба таври мақсаднок ва сохторӣ созмон диҳад. Усулҳои асосӣ дар ин раванд:

- омода кардани хонандагон ба расидан ба натиҷаи ягонаи гурӯҳӣ;
- таъмини масъулияти инфиродӣ тавассути имзои ҳар аъзо зери натиҷаи умумӣ;

- тартиб додани ҷадвали дастовардҳо бо нишондоди камбудиҳо ва вазифаҳои шахсӣ;
- истифодаи натиҷаи як ё ду аъзо барои баҳодиҳии тамоми гурӯҳ, ки масъулияти коллективиро тақвият медиҳад [11, с. 176].

Вобастагӣ аз ахбор низ як унсури муҳими метод аст: ҳар як аъзо бояд қисми иттилоотро ба даст орад ё мустақилона пайдо кунад ва нақшҳо дар гурӯҳ баробар тақсим шаванд. Барои самаранок гардонидани ин раванд, роҳҳои ҳавасмандгардонӣ аҳамияти калон доранд:

- баҳодиҳӣ ба кори даста ҳамчун яклухт;
- арзёбии инфиродӣ пас аз коркарди мавод дар гурӯҳ;
- қадрдонӣ ва тавсифи натиҷаҳои даста ҳамчун омили ангезанда [16, с. 18-34].

Баъди анҷоми кори якҷоя вақти махсус барои муҳокимаи таҷриба ва равандҳо ҷудо карда мешавад. Дар ин марҳила хонандагон роҳҳои кӯмак ба якдигар, самаранокии усулҳои гурӯҳӣ ва роҳҳои такмилро баррасӣ мекунанд. Нишондодҳои баҳодиҳии гурӯҳ аз рӯйи меъёрҳои зерин анҷом меёбад:

- натиҷанокӣ ва сифати кори умумӣ;
- саҳми инфиродӣ ва қобилияти мустақилона иҷрои вазифаҳо;
- сатҳи қаноатмандии гурӯҳ аз кори коллективӣ;
- нишондиҳандаҳои рафтор ва ахлоқ дар муоширät [97, с. 18-76].

Муҳим он аст, ки ин шакли кори якҷоя ба омӯзиши воқеии муошират таълимӣ ва салоҳияти коммуникативӣ мусоидат мекунад. Баҳсу мунозираҳо, гарчанде ки ҳамчун методи мустақили азхудкунии мавод баромад намекунанд, вале ҷузъи тамоми технологияҳои таълимӣ мебошанд ва ба рушди малакаҳои гуфтугӯ ва ҳамкории таълимӣ кӯмак мерасонанд. Ташкили дарсҳои махсус барои омӯзиши методҳои баҳс ва баҳсбарӣ дар ин замина метавонад ба натиҷаҳои баланд оварда расонад.

Маданияти баҳс, ки саҳифаҳои таърих онро фаровон инъикос кардаанд, яке аз заминаҳои муҳими ташаккули салоҳияти муоширатии хонандагон мебошад. Худ истилоҳи «маданият» решаи арабии «мадина» дорад ва маънои

сокини шаҳр, шахси иҷтимоиро ифода мекунад. Ин аллакай нишон медиҳад, ки баҳс на танҳо мубодилаи ақидаҳо, балки мактаби ҳамзистӣ ва ҳамкорӣ аст. Дар баҳс як нафар сухангӯ ва дигарон шунавандаанд, ва азхуд кардани низоми дурусти баҳс ба хонандагон имконият медиҳад, ки на танҳо ибрози фикр, балки арзёбии интиқодӣ ва эҳтироми назарҳои дигаронро омӯзанд [133, с. 18–34].

Ташкил кардани баҳси озодона кори осон нест. Он на танҳо дониш, балки таҷрибаи рефлексияи амиқ ва фаҳмиши нақши шахс ҳамчун иштирокчӣ ва ё ташкилкунанда талаб мекунад. Дар ин раванд хонандагон қадам ба қадам меомӯзанд, ки чӣ гуна фикри худро озодона баён намоянд, хулоса бароранд ва дар айни замон сабр ва маданияти шунидани дигаронро риоя кунанд.

Технологияи иҷтимоии «Мунозира» (дебатҳо) ва барномаи байналмилалии «Мубоҳиса», ки соли 1993 ба роҳ монда шуд, намунаи системавии ворид кардани ин малакаҳо ба таълим аст. Ин шакли махсуси бозии зеҳнӣ хонандагонро ба рақобати солим водор мекунад, ба онҳо имконият медиҳад, ки нуқтаи назари хешро дифоъ кунанд, бо далел сухан гӯянд ва аз қолабҳои меросӣ берун шаванд.

Натиҷаҳои мусбати ин раванд:

- таҳкими малакаи таҳлилӣ ва қобилияти муқобилгузории ақидаҳо;
- сохтани занҷираи исботҳо ва хулосабарории асоснок;
- инкишофи малакаи мурофиавӣ ва кор бо сарчашмаҳо;
- баланд бардоштани маданияти гуфторӣ ва истифодаи забони ишора дар муошират;
- парвариши эҳтиром ба нуқтаи назари мухталиф ва рӯҳияи пурсабрӣ;
- ташаккули малакаи дақиқ баён кардани фикр дар шакли шифоҳӣ ва хаттӣ.

Аммо ин технология на танҳо фоида, балки талаботи сахт ба омодагӣ ва андешаронии амиқ дорад. Барои муваффақ шудан, хонандагон бояд

масъалаи мавриди муҳокимаро ҳамаҷониба омӯзанд ва тавонанд бо далелҳо аз ақидаи худ ҳимоят кунанд.

Барои дастёбӣ ба чунин сатҳи муошират, ташкили тренингҳои махсуси коммуникативӣ муҳим аст. Онҳо метавонанд ҳамчун қисми низоми лексионӣ–семинарӣ ворид шаванд ва ба рушди ҳам салоҳияти муоширатӣ ва ҳам малакаҳои иҷтимоӣ мусоидат намоянд. Мисолҳои равшани ин раванд – баҳсҳо, мубоҳисаҳо ва машқҳои кори гурӯҳӣ мебошанд, ки на танҳо мазмуни таълимро бой мекунанд, балки муҳити ҳамкориро низ тақвият медиҳанд.

Дар ниҳоят, чунин технологияҳо дар таълими таърихи халқи тоҷик на танҳо воситаи омӯзиш, балки мактаби иҷтимоӣ мебошанд, ки хонандагонро барои зиндагӣ ва фаъолияти минбаъдаи касбӣ бо малакаҳои ҳамкорӣ, эҳтироми дигарон ва дифои фикри хеш омода месозанд.

Дар солҳои охир низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи сиёсати давлатии таҳсилот бо такя ба талаботи ҷаҳони муосир тағйироти назаррасро таҷриба мекунад. Вазорати маориф ва илм тавассути дастгирии Ҳукумати кишвар пайваста мекӯшад, ки сохтори таълимро ба меъёрҳои байналмилалӣ ва дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат мутобиқ созад. Ба тасвиб расидани «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», ки ҷорӣ намудани низоми таълими салоҳиятнокиро ҳамчун яке аз самтҳои асосӣ пешбинӣ намудааст, нишони равшани мутобиқсозии низоми таълим ба раванди ҷаҳонишавии таҳсилот мебошад [133, с. 34].

Дар ин ҳуҷҷати стратегӣ таъкид мешавад, ки "навъҳои гуногуни барномаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳия гардида, онҳо ҳарчи бештар ба ташаккули салоҳияти таълимӣ равона карда шаванд". Ин дастур аҳамияти ташаккули салоҳиятҳоро ҳамчун ҳадафи калидии низоми нави таълим таъкид намуда, зарурати мутобиқсозии барномаҳои фаннӣ ва усулҳои педагогиро ба талаботи замон нишон медиҳад.

Иҷрои барномаҳои инноватсионӣ, аз ҷумла «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011–2020», ки ба

баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва рушди неруи инсонӣ нигаронида шудааст, низ таъсири мустақим ба соҳаи маориф расонд. Ҳадафи он – ба воситаи таҷдиди назар ба усулҳои таълим ва ҷорӣ намудани равиши салоҳиятнокӣ – ба бозори меҳнат пешниҳод намудани кадрҳои баландихтисос мебошад.

Воридшавии Тоҷикистон ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ низоми маорифро водор сохт, ки аз шаклҳои суннатии таълим ба муносибати босалоҳият гузарад. Ин раванд дар муҳити илмӣ баҳсҳои назариявӣ ва амалиро ба вуҷуд овард. Қисме аз мутахассисон онро ҳамчун қадами зарурӣ ва ҷавобгӯи замони муосир арзёбӣ менамоянд, дар ҳоле ки гурӯҳи дигар бо эҳтиёт ва ҳатто шубҳа ба он менигаранд. Ин гуногунандешӣ комилан табиӣ аст, зеро ҳар як навоварӣ танҳо тавассути таҷриба ва натиҷаҳои амалии он арзёбӣ мешавад. Чуноне ки таҷриба нишон медиҳад, низоме, ки берун аз заминаи воқеӣ ва бе санҷиши амал татбиқ мегардад, наметавонад натиҷаи дилхоҳро диҳад.

Хусусияти хоси ин марҳила дар он аст, ки маориф вазифадор шудааст, на танҳо дониш, балки қобилияти қабули қарорҳои дуруст ва истифодаи онҳо дар амалро дар хонандагон ташаккул диҳад. Аз ҳамин ҷост, ки дар Стратегияи миллии рушди маориф салоҳияти «қабули қарорҳо ва банақшагирии пешравӣ дар таълим» ҳамчун яке аз салоҳиятҳои аввалиндараҷа зикр шудааст [143, с. 18–34]. Интихоб ва қабули қарорҳои дуруст – яке аз муҳимтарин маҳоратҳои ҳаётӣ мебошад, ки инсонро дар тамоми давраи таҳсил ва фаъолияти минбаъда ҳамроҳӣ мекунад. Низоми нави таълим бояд шароит муҳайё созад, ки хонандагон ин маҳоратро на танҳо дар сатҳи назариявӣ, балки дар заминаи амалӣ низ аз худ намоянд.

Дар муҳити илмии муосир бархе андешаҳо мавҷуданд, ки муносибати босалоҳият на дар дохили худи низоми таълим ташаккул ёфтааст, балки ҷавобе ба талаботи беруна ва тағйироти ҷаҳонии соҳаи таҳсилот мебошад. Аммо таҳлили назариявӣ нишон медиҳад, ки мафҳуми «салоҳият» ва «салоҳиятҳои калидӣ» дар асл дар Ғарб ҳанӯз солҳои 60–70-уми асри гузашта

ҳамчун ҷавоб ба зарурати муайян кардани маҷмӯи сифатҳо ва маҳоратҳои шахсияти муваффақ дар соҳаҳои гуногун вориди дискурси илмӣ шудаанд. Дар шароити имрӯз ин мафҳумҳо ба низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ ворид шуда, ба унвони воситаи баланд бардоштани сифати таълим ва омодасозии хонандагон ба ҳаёти иҷтимоӣ қабул гардидаанд.

Таҳлил нишон медиҳад, ки ташаккули салоҳиятҳо ҳамчун натиҷаи омӯхтани ҳар як фанни таълимӣ танҳо дар ҳолате имконпазир аст, ки дониш, маҳорат ва малака бо ҳамбастагӣ ва дар шакли низомии фаъолият рушд дода шаванд. Ин талабот салоҳиятро на танҳо категорияи назариявӣ, балки механизми амалии тағйири модели таълим мегардонад.

А. В. Хуторский таъкид мекунад: «Салоҳият ин маҷмӯи сифатҳои ҳамбастаи шахсият (дониш, маҳорат, малака, усулҳои фаъолият) мебошад, ки бо фанҳо ва равандҳои муайян пайваст буда, сифати иҷрои фаъолияти амалиро таъмин мекунад» [133, с. 18–60]. Муҳим он аст, ки ба андешаи ӯ, салоҳият танҳо дар раванди амал, ҳангоми иҷрои фаъолияти мушаххас, санҷида ва муайян мегардад. Хуторский се дараҷаи асосии ташаккули салоҳиятҳоро пешниҳод менамояд:

1. Салоҳиятҳои калидӣ, ки характери умумимаърифатӣ ва фарофаннӣ доранд;

2. Салоҳиятҳои умумифаннӣ, ки ба тамоми фанҳои таълимии мактаб хосанд ва метавонанд ҳамчун умумифарҳангӣ арзёбӣ шаванд;

3. Салоҳиятҳои фаннӣ–хусусӣ, ки дар доираи фанни таълимии мушаххас ташаккул меёбанд ва имконияти амиқи амалигардонии донишро таъмин мекунанд.

Д. А. Иванов, К. Г. Митрофанов ва О. В. Соколов низ имкониятҳои амалисозии муносибати салоҳиятнокиро ба чор самти асосӣ ҷудо мекунанд:

- Салоҳиятҳои калидӣ, ки ба ташаккули малакаҳои болоифаннӣ равона шудаанд (кор бо матн, иттилоот, ҳамкорӣ дар гурӯҳ);
- Маҳоратҳои умумифаннӣ, ки барои татбиқи донишҳо дар тамоми фанҳо заруранд;

- Маҳоратҳои амалӣ, ки робитаи мустақими донишро бо ҳаёти воқеӣ таъмин мекунанд;
- Малакаҳои ҳаётӣ, ки хонандаро ба фаъолияти мустақилона ва қабули қарорҳои дуруст омода месозанд.

Муҳимтарин хулоса он аст, ки салоҳиятҳо танҳо дар фаъолияти амалии худи хонанда ташаккул меёбанд. Барои ин, хонанда бояд ба фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ ҷалб карда шавад, зеро маҳз он имкони воқеии рушду санҷиши салоҳиятро фароҳам меорад.

Тадқиқотҳои Е. В. Баранов, В. А. Далингер, И. Я. Лернер, М. И. Маҳмудов ва А. А. Столяр марҳилаҳои асосии фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии хонандагонро муайян кардаанд: гузориши проблема, пешниҳоди фарзия, санҷиши далелҳо ва исбот ё рад кардани фарзия [133, с. 3–34]. Хусусияти ин раванд дар он аст, ки на танҳо дониш, балки усулҳои илмии тафаккур (индуксия, дедуксия, қиёс) ташаккул меёбанд ва таъсири мустақим ба тағйирёбии шахсияти хонандагон мерасонанд.

Дар адабиёти педагогӣ ва психологияи муосир дар бораи моҳияти салоҳияти таҳқиқотӣ ва тарзи ташаккули он андешаҳои гуногун иброз шудаанд. Л. А. Михеев мафҳуми «маҳорати таҳқиқотӣ»-ро ҳамчун қобилияти хонандагон ба иҷрои бошууронаи амалиётҳои фикрӣ ва амалӣ дар мувофиқат бо мантиқи таҳқиқот маънидод мекунад. А. И. Андреев дар навбати худ таълимоти таҳқиқотиро бештар ба корбурди усулҳои илмии тафаккур дар ҳалли проблемаҳои таълимӣ ва таҳқиқотӣ рабт медиҳад. М. Ю. Целебровский ин мафҳумро бо маҷмӯи малакаҳо пайваст намуда, «метод»-ро ҳамчун синоними маҳорат ва системаи амалҳо баррасӣ мекунад ва ба чунин амалҳо, мисли таҳлил, синтез, мушоҳида ва моделсозии математикӣ марбут медонад [135, с. 114].

Таҳлил ҳамчун усули калидии фаъолияти таҳқиқотӣ дарк мешавад: қобилияти ҷудо кардани масъала ба қисматҳои таркибӣ ва табдил додани онро ба зермасъалаҳое, ки ҳалли онҳо роҳи фаҳмиши тамоми проблема мебошад. Барои хонандагон ин раванд на танҳо усули омӯзиши фан, балки

таҷрибаи ташаккули тафаккури таҳқиқотӣ аст, ки тавассути он аз ҷустуҷӯи механикӣ ба фаъолияти маърифатӣ гузар мекунанд.

Муҳим аст таъкид кардан, ки салоҳият набояд бар зидди дониш ва малака қарор дода шавад. Онҳо на рақиб, балки қисмҳои ягонаи системаи таълиманд. Аз ҳамин ҷо саволи калидӣ пеш меояд: оё салоҳиятро метавон «омӯзонд», ё он танҳо дар фаъолияти мустақилона ташаккул меёбад? Ҷавоб бештар ба дуюм майл дорад – салоҳият танҳо дар ҷараёни фаъолият ва таҷрибаи шахсӣ ба вуҷуд меояд.

Дар шароити «инқилоби иттилоотӣ» системаи анъанавии таълим бо модели интиқоли ғайрифаъоли ахбор ба талаботи замон ҷавобгӯ буда наметавонад. Муносибати босалоҳият ин равандро дигар мекунад: ҳадафи асосӣ дигар додани маълумоти омоданашуда нест, балки ташкили қобилияти хонандагон барои истифодаи дониш, ҳалли масъалаҳо ва мутобиқ шудан ба бозори меҳнат мебошад. Ин бо он иртибот дорад, ки имрӯз корфармоён бештар на ба ҳуҷҷат, балки ба салоҳияти воқеии довталаб таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд.

Аз нуқтаи назари иҷтимоӣ, гузариш ба низоми босалоҳият посух ба тағйироти сохтории ҷомеа ва талаботи бозори меҳнат аст. Ҷавонон имрӯз тавассути интернет, лоиҳаҳо ва курсҳои мустақил ба дониш дастрасӣ доранд ва қобилияти татбиқи онҳоро барои пайдо кардани ҷойи кор меомӯзанд. Агар мактаб танҳо нақши интиқолдиҳандаи ахборро нигоҳ дорад, ин ба пастшавии ангеза ва фаъолияти эҷодии хонандагон меорад.

Дар ин замина, гузариш ба низоми кредитӣ ва барномаҳои тайёр кардани кадрҳои рақобатпазир на танҳо як тағйири техникӣ, балки ҷавоб ба зарурати омода кардани шахсияти босалоҳият мебошад, ки сарҳадҳои дониш ва малакаи худро мустақилона васеъ карда метавонад. Талаботи замон нишон медиҳад, ки муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ бояд имконият фароҳам оваранд, ки ҷавонони бетаҷриба касби мувофиқро омӯхта, сатҳи иҷтимоии худро боло баранд [137, с. 18–25].

### 3.3. Корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи ҳамагонӣ тавассути омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик

Тадқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ дар заминаи як қатор муассисаҳои таҳсилоти миёнаи ҳамагонӣ ташкил карда шуд: МТМУ № 82 шаҳри Душанбе, МТМУ № 7 (Литсейи давлатӣ бо равияи омӯзиши амиқи фанҳои табиатшиносӣ ва дақиқ), МТМУ № 12 ва МТМУ № 177 ноҳияи Рӯдакӣ. Дар маҷмӯъ, таҷриба 300 нафар хонанда ва 42 нафар омӯзгорро дарбар гирифта, тамоми марҳилаҳои муайянкунӣ, ташаккулдиҳӣ ва назоратиро фаро гирифт.

Ҳадафи асосӣ аз он иборат буд, ки имкониятҳои ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон ҳангоми омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик таҳти таъсири шароитҳои педагогӣ ва усулҳои фаъолият санҷида шаванд. Дар ин замина вазифаҳои тадқиқот чунин муайян гардиданд:

- ошкор намудани сатҳи ибтидоии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон;
- амалисозии марҳила ба марҳилаи ташаккули ин салоҳиятҳо дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва пешниҳод намудани роҳу усулҳои корӣ;
- муайян кардани маҷмӯи шароити педагогӣ, ки ба баланд бардоштани сатҳи салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон мусоидат мекунанд;
- таҳлили маълумоти бадастомада ва робитаи онҳо бо натиҷаҳои омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик.

**Татбиқи барномаи таҷрибавӣ дар се марҳила сурат гирифт:**

**1. Марҳилаи якум (2022–2023)** – озмоиши ташхисӣ барои муайян кардани сатҳи ибтидоии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатӣ ҳангоми омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик.

**2. Марҳилаи дуюм (2023–2024)** – марҳилаи ташаккулдиҳанда: дар муассисаҳои озмоишӣ як силсила чорабиниҳо ва машғулиятҳои мақсаднок барои рушди салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон ба роҳ монда шуданд.

**3. Марҳилаи сеюм (2024–2025)** – марҳилаи назоратӣ, ки дар он самаранокии усулҳо арзёбӣ шуда, натиҷаҳои таҷриба ҷамъбаст гардиданд ва тавсияҳои илмӣ-амалӣ таҳия шуданд.

**Марҳилаи муайянкунанда**

Дар марҳилаи аввал гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ ташкил карда шуданд. Дар гурӯҳи озмоишӣ 40 нафар ва дар гурӯҳи назоратӣ 35 нафар хонанда иштирок намуданд. Барои арзёбии сатҳи ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатӣ як қатор меъёрҳо истифода гардиданд:

- **Самаранокии фаъолият:** нишондиҳандаҳои устувори натиҷаҳои таълимӣ.
- **Қобилияти худбаҳодиҳӣ:** дидани комёбиҳои шахсӣ ва муайян кардани роҳҳои такмил.
- **Фаҳмиши услуби шахсӣ:** дарк кардани тарзи кори худ ва омодагӣ ба ислоҳ.
- **Сатҳи дониш ва малакаҳои назариявӣ:** аз фанҳои асосӣ ва хусусан фанни таърихи халқи тоҷик.

Ҳамзамон бо ин, тавассути саволнома омилҳои таъсиррасон ба ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатӣ муайян карда шуданд. Саволҳои калидӣ чунин буданд: «Намудҳои асосии салоҳиятҳо чанд хел мешаванд?» ва «Ба фикри шумо салоҳиятҳои маърифатӣ-таҳлилиро чӣ ташкил медиҳад?» Ҷавобҳо ҳамчун асос барои таҳияи расмҳои таҳлилӣ (Диаграммаи 1–4) истифода шуданд.

Марҳилаи муайянкунанда нишон дод, ки сатҳи ибтидоии салоҳиятҳо дар гурӯҳҳои гуногун фарқ мекунад ва зарурати истифодаи усулҳои фаъол ва технологияҳои инноватсионӣ барои рушди қобилиятҳои таҳлилӣ ва иттилоотӣ-амалӣ вуҷуд дорад.

Диаграммаи 1




«Намудҳои асосии салоҳиятҳо чанд хел мешаванд?»

- Гурӯҳи назоратӣ – 23,2
- Гурӯҳи озмоиши 26.6

«Ба фикри шумо салоҳиятҳои маърифатӣ-таҳлилиро чӣ ташкил медиҳад?»

- Гурӯҳи назоратӣ 7,1
- Гурӯҳи озмоиши 7,3

Диаграммаи 1. Гистограмма сатҳи ибтидоии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи ҳамагонӣ ҳангоми омӯзиши фанни "Таърихи халқи тоҷик"-ро инъикос мекунад.

Бо ҳадафи муайян намудани дараҷаи ибтидоии ташаккули ин салоҳиятҳо ба хонандагони гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ саволҳои асосӣ пешниҳод гардиданд:

- «Салоҳиятҳои маърифатӣ-таҳлилӣ аз салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодӣ бо чӣ фарқ мекунанд?»
- «Дар зери салоҳиятҳои маърифатӣ-таҳқиқотӣ чиро мефаҳмед?»

Натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки дар саволи аввал (фарқи салоҳиятҳои таҳлилӣ ва эҷодӣ) гурӯҳи назоратӣ бо 7,1% нисбат ба гурӯҳи озмоишӣ бо 2,3% нишондиҳандаи баландтарро нишон дод, ки ин далели кам будани сатҳи ибтидоии дарки ин мафҳум дар гурӯҳи озмоишӣ мебошад. Ҳамзамон, дар

саволи дуюм (дарки салоҳиятҳои маърифатӣ-таҳқиқотӣ) гурӯҳи озмоишӣ (14,6%) натиҷаҳои нисбатан наздик ба гурӯҳи назоратӣ (16,2%) нишон додааст.

Ин ҳолат чанд нуктаро равшан месозад:

- зарурати ворид кардани машқҳои махсуси таҳлилӣ ва эҷодӣ барои фарқгузории мафҳумҳои асосӣ;
- аҳамияти баланд бардоштани сатҳи дарки салоҳиятҳои таҳқиқотӣ ҳамчун заминаи ташаккули тафаккури мустақил;
- нишон додани он, ки ҳар ду гурӯҳ ҳанӯз дар марҳилаи ибтидоии рушди салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатӣ қарор доранд ва таҷрибаи минбаъдаи педагогӣ бояд ба такмил ва амиқсозии онҳо равона шавад.

Диаграммаи 2. Натиҷаҳои марбут ба пурсишномаи дуюм оид ба дарки салоҳиятҳои маърифатӣ-таҳқиқотӣ, ки идомаи мантиқии ҳамин таҳқиқот аст, тасвири амиқтар медиҳад ва робитаи мустақим бо натиҷаҳои гистограммаи аввал дорад.

Диаграммаи 2




Диаграммаи 2. Гистограммаи сатҳи ибтидоии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ- маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи ҳамагонӣ ҳангоми омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик.

Саволҳои пурсишномаи сеюм чунин буданд:

• «Салоҳияти худшиносӣ ва мустақилияти шахсӣ чиро ифода менамояд?»

• «Дарки қадру қимати хеш ва ҳифзи қадру қимати дигарон дар ташаккули салоҳияти таърихии хонандагон чӣ тавр мефаҳмед? »

Натиҷаҳои гистограммаи диаграммаи сеюм нишон медиҳанд, ки дар гурӯҳи озмоишӣ 15,3% хонандагон тавонистаанд мафҳуми худшиносӣ ва мустақилияти шахсиро дарк намоянд, дар ҳоле ки ин нишондод дар гурӯҳи назоратӣ 13,3%-ро ташкил дод. Ҳамчунин, танҳо 7,3% хонандагони гурӯҳи озмоишӣ ва 13,3% гурӯҳи назоратӣ дарк намудаанд, ки эҳтиром ва ҳифзи арзишҳои худ ва дигарон қисмате аз салоҳияти маърифатии таърихӣ мебошад. Ин натиҷа низ ҳанӯз паст будани сатҳи ибтидоии ин навъи салоҳиятро таъкид менамояд.

Диаграммаи 3




Диаграммаи 3. Гистограммаи сатҳи ибтидоии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи ҳамагонӣ ҳангоми омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик.

Бо мақсади санҷиши сатҳи ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатӣ дар давраи анҷомии марҳилаи озмоиши муайянкунанда, ба хонандагони гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ маҷмӯи саволҳо пешниҳод гардиданд. Ҳадафи асосии ин пурсиш арзёбии дараҷаи дарки мафҳумҳои салоҳиятӣ, хусусиятҳои

таҳлилӣ, таҳқиқотӣ ва арзишии фанни таърихи халқи тоҷик аз ҷониби хонандагон буд.

Натиҷаҳои таҳлил чунин нишон доданд:

1. Оид ба саволи аввал: «Дар бораи намудҳои асосии салоҳиятҳо чӣ гуфтан мумкин аст ва чанд намуд мешаванд?»

– Дар гурӯҳи озмоишӣ 40 нафар ё 26,6%, ва дар гурӯҳи назоратӣ 35 нафар ё 20,0% тавонистанд посухи нисбатан дуруст диҳанд. Ин нишон медиҳад, ки хонандагони гурӯҳи озмоишӣ сатҳи баландтари огоҳӣ аз мафҳуми умумии салоҳиятҳо доранд.

2. Оид ба саволи дуюм: «Ба фикри шумо салоҳиятҳои маърифатӣ-таҳлилиро чӣ ташкил медиҳад?»

– Аз гурӯҳи озмоишӣ 11 нафар (7,3%), ва аз гурӯҳи назоратӣ 10 нафар (7,1%) тавонистанд ба савол ҷавоб диҳанд. Дар ҷараёни шарҳдиҳӣ маълум гардид, ки аксарият мафҳуми мазкурро то охир дарк накарда буданд, аммо пас аз тавзеҳи иловагӣ, 50–70% донишомӯзон аҳамияти мустақилона омӯхтанро ҳамчун механизми рушди салоҳият эътироф намуданд.

3. Оид ба саволи сеюм: «Салоҳиятҳои маърифатӣ-таҳлилӣ аз салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодӣ бо кадом аломат фарқ мекунанд?»

– Танҳо 3 нафар (2,3%) аз гурӯҳи озмоишӣ ва 10 нафар (7,1%) аз гурӯҳи назоратӣ тавонистанд фарқияти мафҳумҳоро шарҳ диҳанд. Пас аз шарҳи муаллимон, доираи васеътари хонандагон аҳамияти таҳлилро дар фаҳмиши равандҳои таърихӣ шинохтанд.

4. Оид ба саволи чорум: «Дар зери салоҳиятҳои маърифатӣ-таҳқиқотӣ чиро мефаҳмед?»

– 22 нафар (14,6%) аз гурӯҳи озмоишӣ ва 25 нафар (16,2%) аз гурӯҳи назоратӣ посух доданд. Ҳарчанд ин нишондиҳандаҳо нисбатан боло ба назар мерасанд, аммо дар фаҳмиши амиқи моҳияти таҳқиқотӣ то ҳол камбудӣ ба назар мерасад.

5. Оид ба саволи панҷум: «Салоҳияти худшиносӣ ва мустақилияти шахсӣ чиро ифода менамояд?»

– Аз гурӯҳи озмоишӣ 23 нафар (15,3%) ва аз гурӯҳи назоратӣ 20 нафар (13,3%) тавонистанд ҷавоб диҳанд. Ин натиҷа аҳамияти бахшидани таваҷҷуҳи бештар ба масъалаи иҷтимоишавии шахсият дар таълиму тарбияро тақозо мекунад.

6. Оид ба саволи шашум: «Озмуни ҷумҳуриявии “Тоҷикон — оинаи таърихи миллат” чӣ нақш дорад?»

– 40 нафар (26,6%) аз гурӯҳи озмоишӣ ва 30 нафар (20,0%) аз гурӯҳи назоратӣ ба таъсири мусбати озмун ишора намуданд. Ин натиҷа собит месозад, ки чорабиниҳои амалӣ, аз ҷумла озмунҳои таърихӣ, метавонанд омили муҳими ташаккули салоҳияти маърифатии таърихӣ бошанд.

Диаграммаи 4




Диаграммаи 4. Гистограммаи сатҳи ибтидоии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи ҳамагонӣ ҳангоми омӯзиши фанни «Таърихи халқи тоҷик» (охири марҳилаи озмоиши муайянкунанда)

Таҳлили маълумотҳои бадастомада аз пурсишҳои ахир нишон дод, ки сатҳи ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатӣ дар оғози озмоиш умумиятан паст аст, аммо аллакай дар марҳилаи ниҳоии озмоиши муайянкунанда нишонаҳои болоравии фаҳмиши донишомӯзон мушоҳида мегардад. Аз ҷумла, фаъолияти мустақилона, худомӯзӣ ва иштироки фаъол

дар муҳокимаҳои таърихӣ боиси бедоршавии шавқи маърифатии хонандагон мегардад. Ин натиҷаҳо асоси таҳия ва татбиқи модели таҷрибавии ташаккули салоҳиятҳоро дар марҳилаи минбаъда фароҳам месозанд.

Барои муайян намудани имкониятҳои иловагии ташаккули салоҳиятҳои маърифатӣ-иттилоотии хонандагон, саволи ҳафтуми пурсишнома берун аз шакли стандартии ҷадвал ва ба таври озодона пешниҳод гардид. Мавзӯи ин савол ба арзёбии нақши бозиҳои бадеӣ ва иҷрои нақшҳои таърихии хонандагон дар рӯзҳои таърихӣ дар муҳити муассисаҳои таълимӣ дахл дошт. Мақсад аз пешниҳоди ин савол — муайян кардани андешаи хонандагон дар бораи таъсири чорабиниҳои амалӣ ва саҳнавӣ ба рушди салоҳиятҳои таърихӣ ва маърифатии онҳо буд.

Аз шумораи умумии пурсишшудагон дар гурӯҳи озмоишӣ — 40 нафар ё 26,6% ва дар гурӯҳи назоратӣ — 30 нафар ё 20% дар ин савол фаъолона иштирок намуда, андешаи хешро иброз доштанд. Ҷавобҳои хонандагон нишон доданд, ки баргузории чорабиниҳои рӯзҳои таърихӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияи Рӯдакӣ дорои хусусияти тарбиявии баланд буда, дар зеҳни хонандагон нақши хотирмон мегузорад.

Ба таъкиди иштирокчиён, иштирок дар саҳнаҳои бадеӣ, иҷрои нақшҳои таърихӣ, таҳияи лоиҳаҳо ва баромадҳо дар рӯйдодҳои муҳими таърихӣ имкон фароҳам меорад, ки онҳо маърифати таърихии худро амиқ намуда, дониш, ҳисси масъулият ва ҳамкории даставиро инкишоф диҳанд.

Дар натиҷаи таҳлил ва хулосабардорӣ тавсия дода шуд, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барномаҳои иловагии саҳнавӣ, бозиҳои таърихӣ ва иҷрои нақшҳо бештар ҷорӣ карда шаванд. Чунин чорабиниҳо ба ташаккули амиқи салоҳиятҳои маърифатӣ мусоидат намуда, муҳтавои таълими таърихро бо ҳаёти воқеии хонандагон наздик мегардонанд.

Диаграммаҳои 5 ва 6. Арзёбии ташаккули салоҳияти таърихии хонандагон дар асоси ҷадвали панҷбала

Бо мақсади муайянсозии сатҳи ташаккули салоҳияти таърихии хонандагон ва қобилияти онҳо дар ҷавоб додан ба саволҳои фанни таърихи халқи тоҷик, арзёбии ҷамъбастии давраи ибтидоии озмоишӣ дар асоси ҷадвали панҷбала ба роҳ монда шуд.

Шакли баҳогузорӣ чунин муқаррар карда шуд:

- (5) — аъло;
- (4) — хуб;
- (3) — қаноатбахш;
- (2) — ғайриқаноатбахш;
- (1) — ноком.

Дар ин марҳила, ба хонандагони гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ саволҳои мушаххас дар мавзӯъҳои таърихии барномаи таълимӣ пешниҳод гардиданд. Ҳар як ҷавоб аз рӯи амиқии фаҳмиш, дақиқии ҷавоб, истинод ба далелҳои таърихӣ ва шеваи ифода баҳогузорӣ карда шуд. Қисми дуюми арзёбӣ ба вақти лозима барои ҷавоб вобаста буд, ки қобилияти шиносоӣ бо матн, фаҳмиши сареъ ва таҳлили мантиқии хонандагонро инъикос менамуд.

Маълумоти ҷамъоваришуда дар диаграммаҳои 5 ва 6 оварда шудаанд, ки нишон медиҳанд:

- то чӣ андоза хонандагон дар оғози озмоиш тавонистанд салоҳияти таърихии худро дар шакли амалии ҷавоб ифода намоянд;

- кадом гурӯҳ (озмоишӣ ё назоратӣ) дар сатҳи баланди дарки масъалаҳои таърихӣ қарор дошт;

- ва то кадом андоза вақт ва сатҳи масъулияти шахсӣ ба ҷавоб таъсир расонд.

Дар асоси таҳлил маълум гардид, ки гурӯҳи озмоишӣ нисбат ба гурӯҳи назоратӣ дар сатҳи баландтари дарки моҳияти саволҳои таърихӣ ва таҳлили маърифатӣ қарор доштанд, ки ин натиҷаи татбиқи шароити мақсадноки педагогии озмоиш ба шумор меравад.

Диаграммаи 5




Диаграммаи 5. Гистограммаи сатҳи ибтидоии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ- маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи ҳамагонӣ ҳангоми омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик дар соли хониши 2024 ва нимсолаи аввали соли 2025.

Диаграммаи 6



Диаграммаи 6. Гистограммаи сатҳи ибтидоии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ- маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи ҳамагонӣ ҳангоми омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик дар соли хониши 2024 ва нимсолаи аввали соли 2025

Дар ин марҳилаи омӯзиш, равшан мушоҳида гардид, ки таҷрибаи ҳаётии хонандагон ва малакаи тафаккури таҳлилӣ дар онҳо тадриҷан ғанӣ гардида, сатҳи дарки маърифатии онҳо нисбат ба масъалаҳои таърихӣ рушд кардааст. Таҳлили натиҷаҳои озмоишӣ нишон дод, ки агар дар соли хониши 2022–2023 19,9 % хонандагони синфи 10 ва 19,5 % хонандагони синфи 11 баҳои ғайриқаноатбахш гирифта бошанд, пас дар соли хониши 2024–2025 ин нишондиҳандаҳо ба 18,4 % ва 16,1 % коҳиш ёфтанд. Ин далел шаҳодат медиҳад, ки салоҳияти таърихии хонандагон дар ин давра ба ҳисоби миёна 5–6% рушд кардааст.

Як омилест, ки ба ин рушди мусбат мусоидат намудааст — афзоиши нақши воситаҳои ахбори омма ва шабакаи Интернет дар ҳаёти ҳаррӯзаи хонандагон. Истифодаи мунтазами телефонҳои ҳамроҳ ва дастрасӣ ба манбаъҳои гуногуни иттилоотии таърихӣ боис гардидааст, ки сатҳи огоҳӣ ва малакаи дарки мавзӯъҳои таърихӣ дар миёни хонандагон боло равад.

Илова бар ин, дар синфҳои 10–11 тамоюл ба омӯзиши фанҳои ёрирасони таърих ва дарёфти маълумоти мукаммалтар мушоҳида гардид. Маҳз ҳамин ангеза ба ташаккули бештари салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон мусоидат намуд. Ин тамоюл дар баробари таҳкими тавоноии таърихии онҳо, инчунин ташаккули малакаҳои таҳлили мустақилона ва робитаи танқидиро нисбат ба воқеиятҳои таърихӣ ташвиқ менамояд.

Бо мақсади муайян намудани ҷанбаҳои педагогии ин раванд, дар байни хонандагони синфҳои 10–11-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияи Рӯдакӣ озмоиши муқаррарнамоӣ гузаронида шуд. Он нишон дод, ки хонандагони ин зина, ки дар остонаи хатми мактаб қарор доранд, бештар ба интихоби дурусти самти касбӣ ва роҳ ёфтан ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ

таваҷҷуҳ доранд. Онҳо, инчунин, кӯшиш менамоянд аз омӯзгорони ботаҷриба дарсҳои иловагӣ бигиранд.

Дар давоми озмоиш нишон дода шуд, ки дар соли хониши 2022–2023 танҳо 4,0 % хонандагони синфи 10 ва 3,3 % хонандагони синфи 11 баҳои «аъло» гирифта буданд, дар ҳоле ки ин нишондиҳанда дар соли хониши 2024–2025 мутаносибан ба 5,2 % ва 4,3 % афзоиш ёфт. Чунин тағйирот далели рӯшани он аст, ки воситаҳои педагогӣ, муҳити таълимӣ ва имкониятҳои иловагӣ дар ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон нақши назаррас доранд.

**Таҷрибаи ташаккулдиҳанда**

Марҳилаи ташаккулдиҳандаи тадқиқоти таҷрибавӣ, ки дар асоси натиҷаҳои марҳилаи муайянкунанда амалӣ гардид, ба таҳкими равандҳои педагогии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи ҳамагонӣ ҳангоми омӯзиши фанни «Таърихи халқи тоҷик» нигаронида шудааст. Барои амалӣ намудани ин марҳила, меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва сатҳҳои муътабаре таҳия ва санҷида шуданд, ки ҳамчун воситаҳои асосии ташхис ва арзёбии муваффақият дар амал татбиқ гардиданд.

Раванди марҳилаи ташаккулдиҳӣ мутобиқи принсипҳои методологии таҳқиқи педагогӣ ба роҳ монда шуда, бо истифода аз маҷмӯи усулҳои таъсиргузор, таҷриба дар муҳити воқеии таълимӣ сурат гирифт.

Вазифаҳои асосии марҳилаи ташаккулдиҳӣ чунин муайян гардиданд:

- Таъмини афзоиши назарраси сатҳи ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагони гурӯҳҳои озмоишӣ зимни омӯзиши фанни таърих;
- Танзими марҳилавии рушди салоҳияти мазкур тавассути истифодаи шароитҳои махсуси педагогӣ;
- Навсозӣ ва таҳкими раванди ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатӣ бо истифода аз барномаҳо, тавсияҳо ва воситаҳои таълимии муосир;

- Таъмини шароити татбиқи самараноки равишҳои илмии педагогӣ ва психологӣ дар раванди таълим;
- Омӯзиши амиқи барномаҳои таълимӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёриву методӣ бо назари таҳлилӣ ва эҷодӣ;
- Истифодаи равишҳои инноватсионӣ, технологияҳои рақамӣ ва методикаҳои интерактивӣ дар таълим;
- Равандсозии мониторинги фардӣ ва гурӯҳӣ барои арзёбии тағйирот дар сатҳи салоҳиятнокии хонандагон.

Дар ҷараёни амалисозии таҷриба, бо гурӯҳҳои озмоишӣ як қатор намудҳои фаъолият татбиқ гардиданд, аз ҷумла:

- Дарсҳои проблемавӣ ва таҳлили ҳолатҳо (кейс-стади);
- Тренингҳо ва муҳокимаҳои гурӯҳӣ;
- Машғулиятҳои беруназсинфӣ, аз ҷумла экскурсияҳо ва чорабиниҳои таърихӣ;
- Дарсҳои маҳорат ва дарсҳои кушод бо истифода аз методикаҳои визуалӣ ва технологияҳои муосир;
- Бозиҳои таълимӣ ва таҷрибаҳои моделсозӣ;
- Озмунҳои мавзӯӣ ва таҳқиқи масъалаҳо аз ҷониби хонандагон.

Методҳои истифодагардида дар марҳилаи ташаккулдиҳанда инҳоро дар бар мегиранд:

- Озмоиши педагогӣ (эксперимент);
- Мониторинги доимии натиҷаҳои таълимӣ ва фаъолиятҳои эҷодӣ;
- Суҳбат ва мусоҳиба бо хонандагон ва омӯзгорон;
- Таҳлили ҷавобҳои пурсишномавӣ;
- Назорати фосилавии дониш ва малакаҳо тавассути корҳо ва тестҳои санҷишӣ.

**Таҷрибаи назоратӣ** ба сифати марҳилаи ниҳоии озмоиш дар асоси муқоисаи маълумоти гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ гузаронида шуд. Ҳадафи он арзёбии объективонаи самаранокии шароитҳои педагогии таъсиррасон ба ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон буд.

Корҳои таҷрибавӣ зери роҳбарии мустақими муҳаққиқ ва бо ҷалби мутахассисон амалӣ гардиданд. Бартарии ин марҳила дар он буд, ки ҳамаи унсурҳои озмоишии қаблӣ — аз усулҳо то воситаҳои баҳодиҳӣ — такмил ёфта, мутобиқ ба муҳити таълимии воқеӣ бозсозӣ шуданд.

Натиҷаҳо нишон доданд, ки пас аз ҷорӣ намудани ин таҷриба, сатҳи салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагони гурӯҳи озмоишӣ дар муқоиса бо гурӯҳи назоратӣ ба таври назаррас афзудааст. Хонандагон қобилияти бештари таҳлил, дарки таърихӣ ва истиқлолият дар фаъолияти маърифатиро намоиш доданд, ки далели самаранокии таҷрибаи ташаккулдиҳанда мебошад.

Дар ҷараёни корҳои озмоишӣ диққати асосӣ ба таҳкими салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон тавассути истифодаи аёният, методҳои муосири таълимӣ ва тамрини амалӣ дар дарси таърих равона карда шуд. Ҳадаф аз ин амал баланд бардоштани сатҳи дарки муҳтавои таълимӣ ва ташаккули ифтихори миллӣ дар хонандагон буд. Бо ин мақсад, саволҳои таҳлилӣ дар шакли шифоҳӣ ба хонандагони гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ пешниҳод гардиданд.

Ба саволи аввал, ки муҳтавои он чунин буд: «Чаро шумо тарафдори истифодаи аёният ва методҳои фаъоли таълим дар фанни таърих ҳастед?», 35% хонандагони гурӯҳи озмоишӣ ва 36% хонандагони гурӯҳи назоратӣ посухи мусбат доданд. Онҳо таъкид карданд, ки фаҳмиши таърих, бедории худшиносии миллӣ ва дарки мақоми шахс дар ҷомеа танҳо дар шароити омӯзиши фаъол ва аёни имкониятпазир мегардад. Ба гуфтаи онҳо, таърих воситаи асосии шинохти «ки будан» ва «барои чӣ зиндагонӣ кардан» маҳсуб меёбад.

Ба саволи дуюм дар бораи мавқеи истифодаи компютер ва интернет дар дарси таърих, 8,4% хонандагони гурӯҳи озмоишӣ ва 6,6% хонандагони гурӯҳи назоратӣ ҷавобҳои арзишманд пешниҳод намуданд. Онҳо зикр карданд, ки воситаҳои рақамӣ на танҳо иттилоъраcон, балки ангезандаи муҳими омӯзиш мебошанд.

Оид ба қобилияти умумисозӣ ва пайдарҳамсозии далелҳои таърихӣ, танҳо 3,3% хонандагони гурӯҳи озмоишӣ ва 6,6% аз гурӯҳи назоратӣ тавонистанд мавқеи худро дақиқ шарҳ диҳанд, ки ин нишон медиҳад дарки ин масъала ҳанӯз пурра ташаккул наёфтааст.

Ба саволи «Истифодаи дониш ва тарзи фаъолият дар омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик», 14,6% хонандагони гурӯҳи озмоишӣ ва 14% аз гурӯҳи назоратӣ баён доштанд, ки дарки амалӣ ва таҳлилӣ аз фанро ба унвони як василаи тавонои худидоракунии маърифатӣ мешуморанд.

Дар масъалаи робитаи байнифаннӣ ва таъсири он ба ташаккули салоҳияти худшиносӣ ва мустақилияти шахсӣ, 16,6% хонандагони гурӯҳи озмоишӣ ва 14,6% хонандагони гурӯҳи назоратӣ изҳор доштанд, ки омезиши фанни таърих бо фанҳои дигар кӯмак мекунад, ки тасвири васеъ ва мукаммал аз муҳити таърихӣ ҳосил гардад.

Ба саволи «Ҳифзи қадру қимати шахсӣ ва эҳтироми дигарон дар равандҳои таълимӣ» 8,6% аз гурӯҳи озмоишӣ ва 12,6% аз гурӯҳи назоратӣ ҷавоб доданд. Ин посухҳо нишон медиҳанд, ки масъалаи арзишҳои шахсӣ ҳанӯз ба таври кофӣ дар муҳити таълимӣ равшан нашудааст ва ниёз ба коркарди бештар дорад.

Дар мавриди мавқеи озмунҳои ҷумҳуриявӣ, хусусан озмуни «Тоҷикон — оинаи таърихи миллат», 32% хонандагони гурӯҳи озмоишӣ ва 22% хонандагони гурӯҳи назоратӣ изҳори назар карданд. Онҳо қайд намуданд, ки чунин чорабиниҳо ҳисси тааллуқ ба миллат ва ҳувияти таърихиро тақвият мебахшанд.

Дар охири соли таҳсил, сатҳи инкишофи салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагони гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ аз нав арзёбӣ шуд. Дар таҳлили муқоисавӣ, ки ба воситаи ҷадвали 1 нишон дода мешавад, маълум гардид, ки сатҳи инкишоф дар гурӯҳҳои озмоишӣ назар ба гурӯҳҳои назоратӣ афзоиши муайян нишон дод. Ин натиҷаҳо дар самти сифати таълим ва натиҷаи татбиқи усулҳои навоварона дар таълими фанни таърих далолат мекунанд.

**Ҷадвали 1**

| Гурӯҳҳо | 2022-2023 марҳилаи охир | | | | 2023-2024 марҳилаи охир | | | | 2024-2025 марҳилаи охир | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | аъло | хуб | қано | ғайр | аъло | хуб | қано | ғайр | аъло | хуб | қан | ғайр |
| **Г.О 10** | 4,7 | 6,5 | 10,3 | 5,6 | 4,8 | 6,6 | 10,4 | 5,2 | 5,0 | 6,7, | 10,6 | 5,0 |
| **Г.О 11** | 4,8 | 5,9 | 9,0 | 4,9 | 4,9 | 6,2 | 9,3 | 5,7 | 5,0 | 6,4 | 9,5 | 5,5 |
| **Г.Н 10** | 4,3 | 5,9 | 9,2 | 5,1 | 4,4 | 6,0 | 8,1 | 5,0 | 4,9 | 6,3 | 8,3 | 4,7 |
| **Г.Н 11** | 4,1 | 4,4 | 10,0 | 5,3 | 4,3 | 6,1 | 8,4 | 5,1 | 4,8 | 6,6 | 8,1 | 4,6 |
| **Ҷамъ:** | 17,9 | 22,7 | 38,5 | 20,9 | 18,0 | 24,9 | 36,7 | 20,2 | 19,7 | 26 | 36,5 | 19,8 |

Ҷадвали 1. Натиҷагирӣ аз фаъолияти озмоишӣ ва сифати таълим дар се соли таҳсил дар муассисаҳои озмоишӣ

Бо мақсади арзёбии ниҳоии сатҳи рушди салоҳияти иттилоотӣ-маърифатӣ, сифати таълим дар давоми се соли таҳсил таҳлил гардид.

**Натиҷаҳои гурӯҳи озмоишӣ синфи 10:**

- соли таҳсили 2022–2023: «аъло» — 4,7; «хуб» — 6,5; «қаноатбахш» — 10,3; «ғайриқаноатбахш» — 5,6.
- соли таҳсили 2023–2024: «аъло» — 4,8; «хуб» — 6,6; «қаноатбахш» — 10,4; «ғайриқаноатбахш» — 5,2.
- соли таҳсили 2024-2025: «аъло» —5,5; «хуб» —6,7; «қаноатбахш» — 10,6; «ғайриқаноатбахш» —5,5.

**Натиҷаҳои гурӯҳи озмоишӣ синфи 11:**

- соли таҳсили 2022–2023: «аъло» — 4,8; «хуб» — 5,9; «қаноатбахш» — 9,0; «ғайриқаноатбахш» — 4,9.
- соли таҳсили 2023–2024: «аъло» — 4,9; «хуб» — 6,2; «қаноатбахш» — 9,3; «ғайриқаноатбахш» — 5,7.
- соли таҳсили 2024-2025: «аъло» — 5,0; «хуб» — 6,4; «қаноатбахш» — 9,5; «ғайриқаноатбахш» — 5,5.

Тағйирот нишон медиҳанд, ки пешрафт гарчанде тадриҷӣ бошад ҳам, ба афзоиши қобилияти маърифатӣ мусоидат кардааст.

**Натиҷаҳои гурӯҳи назоратӣ синфи 10:**

•соли таҳсили 2022–2023: «аъло» — 4,3; «хуб» — 5,9; «қаноатбахш» — 9,2; «ғайриқаноатбахш» — 5,1.

•соли таҳсили 2023–2024: «аъло» — 4,4; «хуб» — 6,0; «қаноатбахш» — 8,1; «ғайриқаноатбахш» — 5,0.

•соли таҳсили 2024–2025: «аъло» — 4,9; «хуб» — 6,3; «қаноатбахш» — 8,3; «ғайриқаноатбахш» — 4,7.

**Натиҷаҳои гурӯҳи назоратӣ синфи 11:**

•соли таҳсили 2022–2023: «аъло» — 4,1; «хуб» — 4,4; «қаноатбахш» — 10,0; «ғайриқаноатбахш» — 5,3,

•соли таҳсили 2023–2024: «аъло» — 4,3; «хуб» — 6,1; «қаноатбахш» — 8,4; «ғайриқаноатбахш» — 5,1,

•соли таҳсили 2024–2025: «аъло» — 4,8; «хуб» — 6,6; «қаноатбахш» — 8,1; «ғайриқаноатбахш» — 4,6,

Маълумоти муқоисавӣ нишон медиҳад, ки дар муассисаҳои озмоишӣ динамикаи мусбат назаррас аст: сатҳи ғайриқаноатбахш коҳиш ёфта, нишондиҳандаҳои «аъло» ва «хуб» афзоиш ёфтанд. Дар гурӯҳҳои назоратӣ тағйирот камтар рушан буда, қисми муайяни хонандагон то ҳол баҳои паст мегиранд. Ин ҳолат ба таъсири омилҳои иҷтимоӣ, психологӣ ва омӯзишӣ марбут аст.

Дар марҳилаи ҷамъбастии таҷрибаи назоратӣ, бо мақсади муқоисаи дақиқи натиҷаҳои давраи муайянкунандаи озмоиш ва марҳилаи назоратии он, мо дубора саволномаҳои пешинаи пурсишро ба хонандагони ҳарду гурӯҳ пешниҳод намудем. Бар асоси натиҷаҳои бадастомада, динамикаи пешрафти ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ муайян гардида, он **дар диаграммаҳои 7–10** инъикос ёфтааст.

Ба саволҳои пурсишии зерин:

«Дар бораи намудҳои асосии салоҳиятҳо гӯед, ки чанд хел мешаванд?»

«Ба фикри шумо салоҳиятҳои маърифатӣ-таҳлилиро чӣ ташкил медиҳад?»

хонандагони гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ ҷавоб пешниҳод намуданд. Ҷамъоварии посухҳо ва таҳлили онҳо имконият фароҳам овард, то сатҳи дарки мафҳумҳои салоҳият ва фаҳми умумии хонандагон нисбати салоҳиятҳои маърифатӣ-таҳлилӣ арзёбӣ карда шавад. Натиҷаҳои бадастомада дар шакли оморӣ таҳлил гардида, дар диаграммаи 7 пешниҳод мегарданд.

Диаграммаи 7




Диаграммаи 7. Гистограммаи сатҳи ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи ҳамагониро тавассути омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик дар аввал ва охири озмоиши педагогӣ ҷамъбаст намуд.

Тавре ки дида мешавад, пас аз озмоиш сатҳи дарки салоҳиятҳо дар гурӯҳи озмоишӣ ба таври назаррас боло рафтааст, ки ин нишонаи самаранокии чорабиниҳои гузаронидашуда мебошад.

Ба саволҳои: “Салоҳиятҳои маърифатӣ-таҳлилӣ аз салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодӣ бо чӣ фарқ мекунанд?”; “Дар зери салоҳиятҳои маърифатӣ-таҳқиқотӣ чиро мефаҳмед? ” чунин ҷавобҳоро гирифтем.

Диаграммаи 8




Диаграммаи 8. Гистограммаи сатҳи ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон дар аввал ва охири озмоиши педагогӣ.

Ба саволномаҳои навбати, ки чунин буданд:

“Салоҳияти худшиносӣ ва мустақилияти шахсӣ чиро ифода менамояд?” ва “Дарки қадру қимати хеш ва ҳифзи қадру қимати дигарон дар ташаккули салоҳияти таърихии хонандагон чиро инъикос мекунад?” чунин ҷавобҳоро гирифтем.

Диаграммаи 9



Диаграммаи 9. Гистограммаи сатҳи ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи ҳамагонӣ ҳангоми омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик дар аввал ва охири озмоиши педагогӣ

Дар поёни марҳилаи озмоиши муайянкунанда, бо мақсади дақиқ муайян намудани сатҳи ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳангоми омӯзиши фанни «Таърихи халқи тоҷик», ба хонандагони гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ як қатор саволҳо пешниҳод гардиданд. Ҷавобҳои онҳо ба ин саволҳо имконият фароҳам оварданд, то сатҳи дарки маърифатӣ ва қобилияти таҳлилии хонандагон мавриди таҳлил ва муқоиса қарор дода шавад.

Натиҷаҳои пурсиш, ки фарқияти назарраси пеш аз озмоиш ва пас аз он дар ҳарду гурӯҳро инъикос менамоянд, дар диаграммаи 10 ба таври равшан нишон дода шудаанд. Диаграмма имкон медиҳад, ки рушди қобилиятҳои таърихфаҳмӣ ва салоҳияти маърифатии хонандагон дар раванди озмоиши педагогӣ дар ду марҳила ба таври аён арзёбӣ карда шавад.

Диаграммаи 10




Диаграммаи 10. Гистограммаи сатҳи ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи ҳамагонӣ ҳангоми омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик дар аввал ва охири озмоиши педагогӣ.

Омӯзишу таҷриба ва таҳлили ҷадвали корҳои озмоишӣ нишон медиҳад, ки теъдоди хонандагони бо баҳои «Аъло» ва «Хуб» мехондагӣ сол аз сол

афзоиш ёфта, теъдоди миёнагону бадхонон сол аз сол коҳиш меёбад, ки албатта ин талаботи замон ва ҳавасмандии падару модарон мебошад. Ин раванд дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи ҳамагонӣ чандон масъалаи хатарнок боқи намондааст.

Зеро ҳавасмандии волидон бо дониш, маҳорат ва малакаи фарзандонашон афзудааст, ҳамаи онҳо ҳавасу хоҳиш доранд, ки фарзандашон баъди хатми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба муассисаҳои касбӣ дохил гардида, соҳибкасб гарданд ва дар буҷаи оилавӣ ҳиссаи хешро гузоранд.

Дар раванди корҳои таҳқиқотӣ ошкор сохтем, ки аксари волидон барои амалӣ намудани ин хоҳишашон, (репититор) тамрингарони соҳибкасбро киро намуда, музд дода, салоҳияти маърифатии фарзандашонро баланд мебардоранд, ки ба донишгоҳу донишкадаҳо дохил гарданд. Ин тадбир барои хонандагон хусусияти тарбиявиро ноил буда, тавассути он хонандагон мефаҳманд, ки агар ба таълим диққати аввалиндараҷа зоҳир накунанд, ба буҷаи оила зарар ворид менамоянд.

Дар ҷадвали 2 ҷанбаҳои ташаккулдиҳандаи тавоноии маърифатии хонандагони синфҳои 10-11- и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи ҳамагонӣ дар раванди омӯзиши фанни таърих дарҷ гардидааст.

**Ҷадвали 2**

| **Омилҳои ташаккулдиҳандаи салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон** | **Гурӯҳи озмоишӣ** | | **Гурӯҳи назоратӣ** | |
|---|---|---|---|---|
| | **Теъдод** | **Фоиз %** | **Теъдод** | **Фоиз %** |
| Омӯзиши фанни таърих ва тарзи гузаронидани дарси он дар муассиса Шуморо қонеъ менамояд? | 66 | 43,9 | 60 | 40 |
| Фанни таърихро Шумо илми ташаккулдиҳандаи салоҳият мешиносед? | 36 | 22, 7 | 30 | 20 |
| Кадоме аз Шумо таърихро афсона меҳисобад? | 3 | 12,3 | 10 | 18,4 |
| Ҳодисаҳои таърихӣ имконияти воқеӣ будан доранд? | 22 | 10,5 | 25 | 10,8 |
| Дар омӯзиши таърих кадом усули педагогиро бештар меписандед? | 23 | 10,6 | 25 | 10.8 |
| **Ҷамъ:** | 150 | 100,0 | 150 | 100,0 |

Ҳамин тавр, озмоишҳои педагогии баргузорнамудаи мо собит намуданд, ки базаи асосии ташаккулдиҳандаи салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ омили асосии инкишофи ҳамаҷонибаи шахсиятии хонандагон буда метавонад. Барои ташаккул додани салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон, моҳияти калонро инкишофи умумии онҳо ташкил медиҳад, лекин инкишоф ҳамеша бо салоҳияти маърифатӣ робитадор аст.

Аз мушкилоти мавҷудаи таълим, танҳо тавассути ташаккул додани салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон баромадан мумкин аст. Аммо, дар ташаккул додани салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон, дар шароити муосир як чиз халал ворид менамояд, ки ин ҳам бошад, аз имкон зиёд будани теъдоди хонандагон дар синфхонаҳо мебошад.

Бо мақсади ташаккул додани салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагони синфи 10- 11 дар раванди омӯзиши таърихи халқи тоҷик, мо мақсад гузоштем, ки самти салоҳиятро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ин тавр баланд бардорем:

1.Ташаккул додани салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон тавассути муттасил аз бар намудани дониши асоснок аз фанни таърихи халқи тоҷик (дуруст ва пурра фаҳмидани мазмуни матн, устувор дар хотир нигоҳ доштани далелҳои асосӣ, ба ёд овардан ва такрор намудани дониши аз бар намуда).

2.Ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон аз донистани таърих, тамаддун, маданият, санъат, сиёсат, иқтисод, ҳолати иҷтимоӣ сарчашма гирифта, ибтидои онро донистани таърих асос мегузорад.

3. Ташаккул додани салоҳияти хонандагон, ба донистани фанни таърих, тавассути омӯзиши мустақилонаи мутасили хонандагон оғоз гардида, (баҳо додан ба сарчашмаҳо; дар асоси онҳо сохтани манзараи гузашта, пайдарҳам гардонидани далелҳои таърихӣ; таҳлил намудани маводҳо, чудо намудани ҳодисаҳо ба муҳим аз номуҳим; хулоса баровардa тавонистан ва умумигардони кардани далелҳои таърихӣ) вобаста мебошад.

4. Инкишоф додани салоҳияти иттилоотӣ-маърифатӣ хонандагон, барои ба дигар одамон додани дониш (мустақилона сохта тавонистани нақша; тезис, маърӯзаи баромад, баромад аз рӯи мавзуи мушаххас, робита барқарор намудан бо синф) ва атрофиён ниҳоят муҳим мебошад.

Инчунин мушоҳидаю озмоишҳои педагогӣ собит намуданд, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияи Рӯдакӣ, муносибати хонандагон ба омӯзиши фанни таърих ва ташаккул додани салоҳияти иттилоотӣ- маърифатии хеш баланд ба мушоҳида мерасад, аммо маҳдудияти барқ завқи онҳоро коста мегардонад. Омӯзгор агар талош варзад, ки дараҷаи дониш, маҳорат ва малакаи хонандагонро ба таври воқеӣ баҳогузорӣ намояд, бе мушкилот ошкор месозад, ки дар 15-20 соли охир он поён рафта истодааст. Ин омил аз маҳдудияти барқ ва норасоии китоб, дастур, аёният ва омӯзгорони пуртаҷриба ва ғайраҳо вобастагӣ дорад.

## Хулосаи боби сеюм

Таҳлили масъалаи ташаккули салоҳиятҳои таърихӣ ва коммуникативии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни «Таърихи халқи тоҷик» нишон дод, ки вазифаи фан танҳо ба додани донишҳои назариявӣ маҳдуд намешавад. Баръакс, таълим бояд ҳамчун раванди мураккаби омӯзишӣ-маърифатӣ ва иҷтимоӣ баррасӣ гардад, ки дар он ҳамзамон дониш, малака ва маҳоратҳои амалии хонандагон рушд меёбанд. Маҳз дар ҳамин замина фанни таърих нақши калидӣ бозида, ба ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, тафаккури интиқодӣ ва қобилияти муоширати самараноки хонандагон мусоидат менамояд.

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки вазифаҳои асосии таълими фанни таърихро метавон дар якчанд самти асосӣ ҷамъбаст намуд:

1. Таҳкими донишҳои таърихӣ ва тавоноии таҳлил — хонандагон бояд қодир бошанд, ки ходисаҳои таърихиро дуруст арзёбӣ намуда, робитаҳои сабабиву натиҷавии онҳоро шарҳ диҳанд.

2. Такмили малакаҳои муоширатӣ ва ифодаи фикр — тавассути муколама, баҳс ва ироаи нутқ хонандагон қобилияти баён кардани андешаҳои шахсӣ ва шунидани нуқтаи назари дигаронро аз худ менамоянд.

3. Ташаккули малакаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ — фанни таърих барои дарк намудани арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, инчунин тақвияти ҳисси масъулият дар назди ҷомеа хизмат мерасонад.

4. Омодагӣ ба таҳсилоти минбаъда ва фаъолияти касбӣ — донишҳои таърихӣ на танҳо ба санҷиши имтиҳонӣ, балки ба фаъолияти касбии ояндаи хонандагон замина мегузоранд.

Дар раванди омӯзиш як қатор салоҳиятҳо ташаккул меёбанд, ки метавонанд шартан ба гурӯҳҳои калидӣ, умумӣ ва фаннӣ ҷудо карда шаванд. Аз ҷумла, салоҳиятҳои арзишӣ-мафкуравӣ, ки ҷаҳонбинии миллию шаҳрвандиро ташаккул медиҳанд; салоҳиятҳои иттилоотӣ, ки бо истифодаи манбаъҳо, кор бо китоб, матбуот ва технологияҳои рақамӣ алоқаманд мебошанд; салоҳиятҳои коммуникативӣ, ки қобилияти муоширати самаранокро дар муҳити иҷтимоӣ таъмин менамоянд; ва салоҳиятҳои шахсӣ-худтакмилдиҳӣ, ки ба худомӯзӣ ва инкишофи минбаъдаи инфиродӣ мусоидат мекунанд.

Аз таҳлили таҷриба ва назария бармеояд, ки истифодаи технологияҳои муосири таълим ва методҳои фаъол дар раванди омӯзиши таърих аҳамияти калон дорад. Методи лоиҳа, таълими ҳамкорӣ, технологияҳои бозӣ, тренингҳои интерактивӣ ва баҳсу мубоҳиса на танҳо ҷалби хонандагонро зиёд мекунанд, балки ба онҳо имконият медиҳанд, ки донишҳои худро мустақилона таҳия ва ба амал татбиқ намоянд. Хонандагон дар чунин раванд малакаи кор дар гурӯҳ, масъулияти инфиродӣ ва коллективӣ, маданияти баҳсу гуфтугӯ ва қобилияти ҳалли мушкилотро аз худ месозанд.

Ҳамзамон мушкилоти муайян низ ошкор гардиданд. Дар баъзе ҳолатҳо, агар фаъолияти гурӯҳӣ дуруст роҳнамоӣ нашавад, имкони паст шудани самаранокӣ ва ба вуҷуд омадани ихтилофи дохилӣ вуҷуд дорад. Аз ин ҷост, ки нақши омӯзгор ҳамчун роҳнамо ва танзимкунандаи муҳити таълимӣ ҳалкунанда мебошад. Омӯзгор бояд фазои ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкории

солимро фароҳам оварад ва хонандагонро ба худтанқидкунӣ ва худбаҳодиҳӣ ҳидоят намояд.

Бо истинод ба андешаи А.В. Хуторской, ки се зинаи ташаккули салоҳиятҳоро ҷудо намудааст (калидӣ, умумӣ ва фаннӣ), таҳқиқот нишон дод, ки дар таълими таърих ҳамаи ин зинаҳо амалан дар ҳамбастагӣ ташаккул меёбанд. Ҳар як намуди салоҳият ба сифати омӯзиш таъсири мустақим дошта, дар ниҳоят сатҳи умумии маърифат ва қобилияти амалии хонандагонро муайян мекунад.

Дар шароити муосир, ки онро метавон «инқилоби иттилоотӣ» номид, нақши фанни таърих бештар аз пеш аҳамият пайдо мекунад. Зеро маҳз ин фан хонандагонро ба муқоиса, таҳлил, арзёбӣ ва дарки моҳияти равандҳои иҷтимоӣ омода месозад. Салоҳиятҳои коммуникативӣ ва таърихӣ дар ин замина воситаи мутобиқ шудани ҷавонон ба воқеиятҳои муосир ва иштирокчии фаъоли ҳаёти ҷамъиятӣ будани онҳо мегардад.

Дар маҷмуъ, таҳқиқот имкон дод, ки чунин натиҷаҳо ба даст оварда шаванд:

- Фанни таърихи халқи тоҷик барои ташаккули салоҳиятҳои таърихӣ ва коммуникативӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.
- Салоҳиятҳои арзишӣ, иттилоотӣ, коммуникативӣ, иҷтимоӣ ва шахсӣ дар ҳамбастагӣ амал намуда, ба такмили сифати таълим мусоидат мекунанд.
- Технологияҳои муосир ва усулҳои фаъол ба рушди тафаккури интиқодӣ, малакаи баҳс ва худифодаи хонандагон мусоидат менамоянд.
- Омӯзгор дар ташаккули муҳити ҳамкорӣ ва роҳнамоии хонандагон нақши асосӣ дорад.
- Дар замони иттилоотӣ, ташаккули салоҳиятҳои таърихӣ барои худшиносӣ, худтакмилдиҳӣ ва фаъолият дар ҷомеа аҳамияти ҳаётан муҳим касб менамояд.

Боби 3 собит месозад: таълими таърихи халқи тоҷик дар низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ на танҳо ҳамчун фанни таълимӣ, балки ҳамчун абзори ташаккули шахсияти иҷтимоӣ ва фарҳангии хонандагон хизмат

мекунад. Хонандагон дар ин раванд ба шахсиятҳои огоҳ, соҳибмафҳум ва дорои қобилияти муоширати созанда табдил ёфта, барои идомаи таҳсил ва фаъолияти ояндаи касбии худ омода мегарданд.

## ХУЛОСАИ УМУМӢ

Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти боби 1–3 муайян гардид, ки омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таълимии миёнаи умумӣ бояд ба ташаккули ҳисси масъулият ва худогоҳии хонандагон мусоидат намояд. Мундариҷаи қисматҳои таърихи халқи тоҷик ба таври мантиқӣ тарҳрезӣ ёфтааст, ки ба азхудкунии дониш ва таҳкими мафҳумҳои таърихии хонандагони синфҳои 10–11 мусоидат мекунад. Таҳлил ва омӯзиши адабиёти психологӣ-педагогӣ ва натиҷаҳои таҷрибаҳои амалӣ нишон медиҳанд, ки муассисаҳои таълимии миёнаи минтақаҳои дур аз марказ базаи моддиву техникии заруриро барои ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон надоранд.

Омӯзиши фанни таърих аз хонандагон хотираи фаъол ва тавсеа додани тасаввуроти онҳо дар бораи ҳодисаҳои таърихиро талаб мекунад. Ин раванди таълимӣ тавассути омӯзиши таърих имконият медиҳад, ки хонандагон фикрронии эҷодии худро равнақ бахшанд ва салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии худро ташаккул диҳанд. Омӯзиши таърихи халқи тоҷик ба хонандагон имкон медиҳад, ки сатҳи рушду афзоиши қобилиятҳои донишии худро дарк намуда, онҳоро дар омӯзиши мустақилона истифода намоянд.

Муҳимтарин омил дар ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон муносибати дуруст ва фаъолонаи омӯзгор нисбат ба фан мебошад. Омӯзиши таърихи халқи тоҷик бояд ҳамеша бо истифода аз технологияи таълимии инноватсионӣ ва усулҳои шавқовар ба роҳ монда шавад, зеро бе ин воситаҳо хонандагон муваффақ намешаванд. Аз таҳлил ва таҷрибаи амалӣ маълум шуд, ки на ҳамаи хонандагон пойгоҳи фаҳмиши қавии далелҳои таърихиро доранд. Бисёре аз онҳо фанни

таърихро шавқовар намепиндоранд ва ба фанҳои табиатшиносӣ, техника, забон ва адабиёт майли бештар доранд. Аз ин ҷост, ки муассисаҳои таълимии миёна бояд масъалаи дурусти самти касбро ба роҳ монанд, то хонандагони бетараф ба таърих дар дигар соҳаҳо камбудиҳо эҷод накунанд ва барои ҷомеа зарурати маънавию моддиро ба мавҷуд намоянд.

Таҳқиқот нишон дод, ки дар ҳамаи муассисаҳои миёнаи умумӣ танҳо ба хонандагон расидан ба баҳои аъло дарс дода намешавад. Дар баъзе ҳолатҳо омӯзгор ба унвони лексиони амал мекунад ва бояд хонандагонро дар раванди омӯзиш фаъолона ҷалб намояд. Омӯзгор бояд хонандагонро тарғиб намояд, ки аз дастурҳо, сарчашмаҳо ва манбаъҳои таърихӣ барои хондани беруназсинфӣ истифода баранд. Ҳангоми таълим омӯзгор вазифадор аст, ки китобҳои зарурӣ, дастуру сарчашмаҳои таърихиро барои истеъмоли хонандагон пешниҳод намояд ва онҳоро иҷрои корҳои мустақилона ташвиқ намояд.

Адабиёти педагогӣ–психологӣ ва таҷрибаҳои амалӣ нишон медиҳанд, ки фаъолияти инноватсионии омӯзгор ва истифодаи методҳои фаъоли таълим нақши асосӣ дар ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон доранд. Аммо мутаассифона, бисёре аз омӯзгорон бо тарзи ҷорӣ кардани инноватсияҳо ошно нестанд ва аз ин рӯ ба он даст намезананд. Омӯзгорони муосири таърихи халқи тоҷик бояд кӯшиш намоянд, ки ба саволҳои зер ҷавоб ёбанд: мушкилоти асосии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон дар чӣ аст? Ҷавоби комил ба ин савол ҳоло барвақт аст, зеро таҳқиқот ҳамчунон идома дорад; аммо натиҷаҳои ибтидоӣ аз корҳои озмоишӣ нишон медиҳанд, ки моҳияти дидактикии ташаккули қобилиятҳои маърифатии хонандагон дар заминаҳои амалии омӯзишу таҷриба дарк хоҳад шуд.

Дар адабиёти педагогӣ масъалаи ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон тавассути омӯзиши таърихи халқи тоҷик кам ёфт мешавад. Масъалаи ташаккули чунин салоҳият яке аз масъалаҳои

калонтарини педагогикаи муосир дар соҳаи таълим ва методикаи таърих маҳсуб мегардад. Баҳои объективӣ додан ба самаранокии технологияҳо барои ташаккули ин салоҳият хеле душвор аст. Аз ин рӯ, ба омӯзгороне, ки бо гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ кор мекунанд, тавсия медиҳем, ки аз усулҳои гуногуни илмию методии коркардашуда дар ватан ва хориҷ истифода баранд, то рушди фардиятӣ, маърифатӣ, донишу малака ва малакаи хонандагонро мушоҳида ва арзёбӣ кунанд.

Озмоишҳое, ки дар гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ гузаронида шуданд, нишон доданд, ки аз миёни шаклҳои гуногуни фаъоли таълим беҳтарин натиҷаро корҳои мустақилонаи хонандагон фароҳам меоранд. Корҳои мустақили хонандагӣ омили аслии рағбат ва ҷалбдаронии онҳо ба ҷустуҷӯ, кашф ва иҷрои супоришҳоро таъмин менамояд. Дар шароити муосир муассисаҳои таълимии миёна аз равишҳои фаъоли таълим ва технологияҳои инноватсионии таълим барои ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон бештар истифода мебаранд. Натиҷаҳои озмоиш нишон доданд, ки тафаккури эҷодии хонандагон дар муқоиса бо дигар омилҳои ташаккули қобилиятҳои маърифатӣ устувортар рушд меёбад. Ин ба он вобаста аст, ки методҳои фаъоли таълим бештар ба таври номунтазам ба кор бурда мешаванд. Барои ҳаллу фасли ин мушкилот технологияе зарур аст, ки дар тамоми давраи таҳсил истифода шавад.

Омӯзгорони ҳамаи фанҳо бояд талош варзанд, ки дарсҳои ҷолибу интерактивӣ ташкил кунанд, зеро дарсҳои якранг ва такроршаванда хонандагонро дилгир ва хаста мегардонанд. Омӯзгорон бояд қодир бошанд, ки дар мундариҷаи дарс, сохти он ва шароитҳои таълимӣ унсурҳои инноватсионӣ ва технологияҳои таълимиро ворид намоянд. Дар баъзе мавридҳо истифодаи методҳои анъанавии таълим низ дар ҷойи худ самарабахш аст. Дар раванди дарсҳо хонандагонро ба ҳалли масъалаҳои таърихӣ ҷалб кардан лозим аст. Қоидаи кӯҳнаи гузаронидани дарс бояд аз байн бардошта шавад: дар баъзе дарсҳо бештар ба тавзеҳ ва сухан

(лексия), дар баъзе дарсҳо ба муҳокимаю пурсиш ва такрори маводи омӯхта камар кашида шавад.

Омили асосии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон ин зиёд намудани миқдори корҳои мустақилонаи онҳо аст, ки барои аз ҳад зиёди донишҳои берун аз барнома истифода мебаранд. Барои амалӣ сохтани ин ҳадаф, омӯзгор дар раванди дарси таърихи халқи тоҷик бояд қобилиятҳои маърифатии хонандагонро истифода намуда, онҳоро дар шаклҳои зерин роҳнамоӣ намояд:

- Омӯзгори таърих бояд ба фарогирӣ ва асоснокии иттилооти пешниҳоднамудаи хонандагон диққат диҳад ва онро санҷад.
- Омӯзгори таърих бояд ҳодисаҳо ва равандҳои таърихиро дар доираи ҳалли масъалаҳои таърихӣ шарҳ дода, барои омӯзиши мустақили хонандагон сарчашмаҳои зарурироро пешниҳод намояд.
- Омӯзгор вазифадор аст, ки дар ҷадвал ва нақшаи дарс адабиёт ва сарчашмаҳои зарурироро ҷой дода, хондану омӯхтани онҳоро барои хонандагон тавсия диҳад.
- Ба хонандагон китобҳо ва маҷаллаҳои марбут ба мавзуъҳо ва бобҳои таърихи халқи тоҷикро пешниҳод ва тавсия намудан лозим аст.
- Хонандагонро бояд ташвиқ кард, ки дар шакли хаттӣ ё даҳонӣ барраси ва шарҳи маводи хондаашонро (аз китобҳо, мақолаҳо ва дигар манбаъҳо) пешниҳод намоянд, то қобилияти маорифии онҳо устувортар гардад ва онҳо барои иҷрои корҳои эҷодии худ омодагии бештар пайдо кунанд.

**Тавсияҳо ва пешниҳодот:**

1. Ҳадафи асосии таҳқиқот васеъ гардонидани мазмуни раванди ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагони синфи X–XI тавассути омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик мебошад.
2. Барои ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон бояд дар дарсҳои таърихи халқи тоҷик аз тамоми имкониятҳои мавҷудаи таълимӣ самаранок истифода карда шавад.

3. Дар таҳияи маърӯза ва музокираҳои дарсӣ омӯзгор бояд аз лаҳни диққатҷалбкунанда, баланд ва пастии садои мувофиқ ва фарҳанги баланди муошират истифода намояд, зеро ин омилҳо барои ташаккули қобилиятҳо, лаёқат ва салоҳияти хонандагон аҳамияти муҳим доранд.

4. Кори синфӣ ва ғайрисинфии хуб танзимшуда аз фанни таърихи халқи тоҷик метавонад қобилияти маърифати хонандагонро баланд бардорад; ҳарчанд, дар амалия чунин фаолиятҳо аксар вақт анҷом дода намешаванд.

5. Омӯзгори муосир бояд дар раванди таълим аз навгониҳои педагогӣ ва усулҳои фаъоли таълим бо мақсади ташаккули салоҳияти таърихии хонандагон истифода барад.

6. Омӯзгори таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таълимии миёна бояд фазои устувори эҷодӣ ва ҳавасмандкунанда барои хонандагон фароҳам оварад ва хешро ҳамчун шахсияти эҷодӣ ва соҳибмаърифат муаррифӣ намояд, то дар ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии онҳо нақши муассир дошта бошад.

7. Ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон бояд доимӣ зери назорат қарор дошта шавад.

8. Ҳунари худомӯзӣ ва иҷрои корҳои мустақилона ба хонандагон писанд ва барор меорад, инчунин онҳо барои ҳалли масъалаҳо бидуни такя ба кӯмаки беруна одат менамояд.

9. Салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон манбаи асосии дониш, малака ва қобилиятҳои онҳо дар ҳалли масъалаҳои таълимӣ мебошад.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

### Бо забони русӣ

1. Аюдзинин А.Л. Активизация познавательной деятельности учащихся заочников при выполнении домашней самостоятельной работы: автореф. дисс. канд. пед. наук. - Д., 1988. - 16 с.

2. Альфонсо В.Х. Пути активизация познавательной деятельности учащихся в процессе обучения: автореф. дисс. канд. пед. наук- Минск, 1984. - 18 с.

3. Арипов. М. (Орифи). Из истории педагогической мысли таджикского народа. - Душанбе, 1962. - 62 с.

4. Аристова Л. П. Активность учения школьника. - М.: Просвещение, 1968. - 138 с.

5. Радкинсон Л. П. О преодолении формализма в построении уроков // Советская педагогика. - 1958. - №11.- С. 33 - 48

6. Антонова И.Г. Повышение самостоятельности и активности учащихся в учебном процессе по основам науки: автореф. дис. канд. пед. наук. М., 1959. - 21 с.

7. Бабанский Ю. К. Оптимизация процесса обучения: общедидактический аспект - М., 1977. - 40 с.

8. Бадалов А.А. О направлениях и задачах научной разработки проблемы способностей // Вопросы психологии. -1984.- № 1.- С. 5-18.

9. Батышев *С.Я.* Производственная педагогика. - М., 1984. - 154с.

10. Белова Е.С. Одаренность малыша: раскрыть, понять, поддержать. - М.: Флинта, 1998. - 144 с.

11. Белкин Е. Л., Карпов В. В., Харнаш П. И. Дидактические проблемы управления познавательной деятельностью. - Ярославль, 1974.- 176с.

12. Белкин Е.Л. Управления познавательной деятельностью. - Ярославль, 1978. -57 с.

13. Бодалев А.А. О направлениях и задачах научной разработки

проблемы способностей // Сб. Проблема развития способностей. - М., 1984. - С. 5-18

14. Брюно Ж. и др. Одаренные дети: психолого-педагогические исследования и практика // Психологический журнал - 1995.- № 4. - 73 с.

15. Буйдаков Х. Психологические основы обучения учащихся в целостном педагогическом процессе. - Душанбе, 1998. - 427 с.

16. Бутузов И. Д. Некоторые вопросы теории и практики активизации познавательной деятельности учащихся в современном школе // Сб. Особенности познавательной деятельности учащихся - Д., 1979. - С. 16-29

17. Булгаков С.Н.  Философия. - М.: Просвещение, 1983. - 336 с.

18. Венгер Л.А. Педагогика способностей. - М.: Знание, 1973. - 96 с.

19. Виноградова М. Д., Первин И. Б. Коллективная познавательная деятельность и воспитание школьников. - М., 1977. - 160 с.

20. Волкова М. Г. Развитие способностей у детей - основа жизненного успеха. - М.: НИИВШ, 1989,- 120 с.

21. Выгодский Л. С. Воображение и творчество в детском возрасте. Психологический образ, очерк. - 2-е изд. - М., 1967. - 27 с.

22. Выготский Л.С. Педагогическая психология. - М.: Педагогика, 1991. - 387 с.

23. Гиев Д. К. К вопросу о мотивах учебной деятельности учащихся // Сб. Вопросы развития познавательных интересов учащихся в процессе обучения. Под ред. Д. Г. Гилиева. - Свердловск, 1970. - С. 3 -20.

24. Голубева Э.А.. Психофизиологическое изучение способностей // Сб. Проблемы способностей в советской психологии. - М., 1984. - С.84 - 100.

25. Гордон Л. А. Формирование прогностических умений учащихся в обучении // Сб. Психолого - дидактические проблемы познавательной деятельности учащихся - Тула, 1976. - С. 41 - 51.

26. Грязева В. Г., Петровский В.А. Одаренные дети: экология творчества. - Челябинск: ИЛИ РАО, ЧГИИК, 1993. - 40 с.

27. Давлетшин М. Г. Психология технических способностей школьников. - Ташкент: Фан, 1971. - 176 с.

28. Дайри Н.Г. Об эффективности урока // Народное образование. - 1961. - №12. - С. 30-39.

29. Дайри Н.Г. Современные требование к уроку истории. - М., 1978. - 160 с.

30. К. Дайри Н. Г. Обучение истории в старших классах. - М., 1966. - 437 с.

31. Демина Н.Д. Взаимоотношения учителя и учащихся в педагогическом процессе: автореф. дис.... канд. пед. наук. - М., 1966. - 18 с.

32. Дистервег. Избр. Педагогические сочинения. - М., 1956. - 199 с.

33. Доржиева Т.В. Особенности работы с творчески одаренными детьми в учебных заведениях. - Улан-Удэ, 1999. - 61 с.

34. Дружинин В. Н. Психология общих способностей. - М. 2002- 356 с.

35. Завалишина Д. Н. Психологическая структура // Сб. Развитие и диагностика способностей. Отв. ред. Дружинин В.Н. и Шадриков В. Д. - М.: Наука, 1991. -С. 20-25.

36. Загвиязинский В.И. Познавательный интерес в системе движущих сил учебного процесса // Сб. Вопросы развития познавательных интересов учащихся в процессе обучения. - Свердловск, 1970. - С. 37 - 57.

37. Зиёев Т. Н. Педагогические проблемы применения краеведческих материалов на уроках Истории СССР в VII - X классах таджикских школ: афтореф. дис.... канд. пед. наук. - Душанбе, 1991. - 19 с.

38. Зильберштейн А. И. Некоторые вопросы управления

познавательной деятельностью учащихся при решении ими проблемных задач // Сб. Вопросы воспитания познавательной активности и самостоятельности школьников. - Казань, 1972. - С. 37 -40.

39. Зубайдов У. Теоретико-педагогические основы дифференцированного обучения в школах Республики Таджикистан: автореф. дисс.... док. пед. наук. - Душанбе, 1999. - 48 с.

40. Как определить и развивать способности ребенка // Сост. Воскобойников В. М. - СПб.: Респекс, 1996. - 426 с.

41. Калечиц Т. Н., Кейлина З.А. Внеклассная и внешкольная работа. - М., 1972. -96 с.

42. Ключевский В. О. Диагностика способностей в практике работы учителя // Склонности и способности. - JL: ЛГУ, 1962. - С. 50-70.

43. Коджаспирова Г. М., Коджаспиров А. Ю. Педагогический словарь: Для студентов высших и средних педагогических учебных заведений. - 2-е изд., стереотип. - М.: Академия, 2005. - 176 с.

44. Крягжде С. П. Коллективная учебно - познавательная деятельность школьников. Под ред. Первина И. Б. - М., 1985 - 144 с.

45. Крутецкий В.А. Очерки психологии старшего школьника. - М., 1963. - 199 с.

46. Кузмин Н. В. Педагогическое мастерство учителя как фактор развития способностей учащихся // Вопросы психологии. - 1984. - № 1. - С. 20 - 26.

47. Левитов Н.Д. О психических состояниях человека. - М.: Просвещение, 1964.- 344 с.

48. Лейтес Н.С. Групповая работа на уроке. - М., 1975. - 64 с.

49. Лейтес Н.С. Возрастная одаренность и индивидуальные различия: Избр. тр.- М.: Воронеж, МОДЭК, 1997. - 448 с.

50. Лейтес Н.С. Возрастная одарённость школьников. - М., 2000. - 320 с.

51. Лернер И *.Я.* Сущность познавательной самостоятельности и

организации процесса обучении // Сб. Рациональное сочетание методов развития учебнопознавательной деятельности школьников. - Томск, 1979. - С. 3 - 46.

52. Лутфуллозода М. Педагогикаи миллии халқи тоҷик, Осори педагогӣ, Ҷилди 6 –Д., 2015.- 703 С.

53. Лидере А .Г. Психологический тренинг с подростками. - М., 2004. - 256 с.

54. Липник В.Н. Проблема интереса в педагогическом учении Каменского // Сб. Формирование познавательных интересов учащихся. - Ярославль, 1973. -С. 28 -31.

55. Лозовая В. И. Использование проблемных вопросов для проверки знаний учащихся \\Сб. Вопросы воспитания познавательной активности и самостоятельности школьников. - Казань, 1972. - С. 131 - 137.

56. Матвеева К. М. и Сасалон С. И. Организация самостоятельной работы на уроках истории. - М., 1976. - 142 с.

57. Матюшкин А. М. Психологическая структура, динамика и развитие познавательной активности // Вопросы психологии. -1982. - № 4. - С. 5-17.

58. Матюшкин А. М. Концепция творческой одаренности // Вопросы психологии. - 1989. - № 6. - С. 29-33.

59. Мелхорн Г., Мелхорн Х. Гениями не рождаются: Общество и способности человека. - М.: Просвещение, 1989. - 159 с.

60. Мясыщев В.Н. О связи склонностей и способностей // Сб. Способностей и склонности. - Л., 1962. С. 4 - 9.

61. Наумов Г.В. Развитие у старшеклассников интересов потребностей и мотивов рациональной организации труда в учебных мастерских // Сб. Формирование познавательных интересов учащихся. - Ярославль, 1973. - С. 127- 130.

62. Немов Р.С. Психология: из 3 книг, 3 книга. - 4-е изд. - М., 2001. -

640 с.

63. Одаренные дети // Пер. с англ.; Под общ. ред. Г.В. Бурменской и В.М. Слуцкого. - М.: Прогресс, 1991. - 376 с.

64. Педагогическая энциклопедия. Т. 4. - М., 1968. - с. 911.

65. Полуянов Ю. А. Воображение и способности. - М.: Знание, 1982. - 96 с.

66. Проблема развития познавательных способностей. Л., 1983- 147 с.

67. Проблемы способностей в современной психологии // Сб. науч. тр. Отв.ред. А.А. Бодалева., А.М. Матюшкина- М.: НИИОП,1984.- 144 с.

68. Психология, под ред. Немов Р.С. - М.: Просвещение, 1990. - 356 с.

69 Психология одаренности детей и подростков. Под ред. М. С. Лейтеса. - М.:Изд. «Академия», 1996. - 416 с.

70. Раджабова М. Р. Взаимосвязанность формирования самостоятельного мышления и речевого развития старшеклассников общеобразовательных школ Республики Таджикистан (на материале изучения английского языка на базе таджикского) - Дисс... на соискание ученой степени канд. пед. наук. - Душанбе, 2007. - 180 с.

71. Раев А. И. Прогнозирование, кодирование и перенос как познавательные способности // Сб. науч. труд. Проблемы развития познавательных способностей. - Л., 1983. - С. 21 - 33.

72. Развитие познавательных способностей в процессе дошкольного воспитания. Под ред. Л. А. Венгера. - М., 1986. - 224 с.

73. Рахмонов Г. Р. Педагогические основы формирования познавательного интереса к иностранному (английскому) языку у студентов (на материале вузов Республики Таджикистан): автореф. дисс.... кан. пед. наук. - Душанбе, 2002. - 22 с.

74. Ревазов В.Ч.. Педагогические проблемы формирования нравственных идеалов старшеклассников в куре истории Республики

Таджикистан: автореф. дисс.... канд. пед. наук. - Душанбе, 1991. - 21 с. •

75. Роботова А.С. Познавательный интерес к гуманитарным предметам у старшеклассников \\ Сб. Педагогические основы формирования познавательных интересов учащихся. - Л., 1977. - С. 23 - 68.

76. Российская педагогическая энциклопедия. Том 2-й. - М., - 1993 - 672 с.

77. Рубинштейн С.Л. Основы общей психологии. - М.: Питер, 2000. - 712 с.

78. Рубинштейн С. Л. Проблема способностей и вопросы психологической теории // Вопросы психологии - 1960. - № 3. - С. 3-15.

79. Рубинштейн С. Л. Принципы и пути психологии. - М., 1959. - 249 с.

80. Савина Ф. К. Управление формированием познавательных интересов школьников \\ Сб. Формирование познавательных интересов учащихся. - Казань: КГПИ, 1975. - С. 60 -63.

81. Скаткин М. Н. Совершенствование процесса обучения. - М., 1971. - 206 с.

82. Смирнов Ю. А. К вопросу о проявлении и соотношении способностей и интересов в школьном возрасте \\ Сб. Склонности и способности. - Л.: ЛГУ, 1962. - С. 81- 87.

83. Смирнов А. А. Психология ребенка и подростка. - М., 1987. - 272 с.

84.Сорокин Н. А. и. Столин В. Е. Межпредметные задания в проблемном обучении // Сб. Психолого-дидактические проблемы познавательной деятельности учащихся. - Тула, 1976. С. 78 - 81.

85. Способности и интересы. - М., 1962. - 306 с.

86. Способности и склонности: Комплексные исследования. Под ред. Э.А. Голубевой. - М.: Педагогика, 1989. - 197 с.

87.Сухова Л. Г. О домашних заданиях учащихся // Сб. Формирование познавательных интересов учащихся. - Ярославль, 1979. -

С. 105 - 109.

88.Сухомлинский В. А. Сердце отдаю детям. Изд. 2 - е. - Киев, 1972. - 244 с.

89.Сухомлинский В.А. Неотложные проблемы теории и практики воспитания // Народное образование - 1961.- №10. - С. 54-61.

90.Сухомлинский В. А. Павлышская средняя школа. - М.: Прогресс, София,1979.-470 с.

91. Талызина Ф. Формирование познавательной деятельности младших школьников. - М., 1988. -280 с.

92. Теплов Б. М. Проблемы индивидуальных различий. - М., 1961. - 125 с.

93. Теплов Б.М. Психология музыкальных способностей // Избранные труды: В 2 т. - Т. 1, М.: Педагогика, 1985. - 328 с.

94. М. Толковый словарь В. Даля. - М.: «Цитадель», 1998. - 944 с.

95. Троненко В. С. Воспитание самостоятельной самостоятельности учащихся в процессе работы с книгой // Сб. Формирование познавательных интересов учащихся. - Ярославль, 1979. - С. 85 - 89.

96. Ухличева И.В. Пути совершенствования учебного процесса \\ Сб. Формирование познавательных процессов учащихся. - Ярославль, 1979. - С.13 -21

97. Фокина С. Л. К проблеме формирования у учащихся обобщенных познавательных умений \\ Сб. Педагогические основы формирования познавательных интересов учащихся. - Ленинград, 1977. - С. 68 - 76.

98. Формирование личности старшеклассников. - М., 1989. - 168 с.

99. Франс Анатоль. Собрание сочинений в 8 томах. Том 8. Литературно- критические статьи. Публицистика. Речи. Письма. - М., 1960. - 888 с.

100. Цыпурский В.Г. Педагогические условия формирования познавательной активности школьников \\ Сб. Формирование познавательной самостоятельности школьников. - М., 1975. - С. 33 -37.

101. Чередов И. М.. Сравнительная эффективность отдельных форм организации обучения на уроке \\ Сб. Организация познавательной деятельности учащихся. - Свердловск, 1979. - С. 45 - 51.

102. Чистякова Г.Д. Творческая одаренность в развитии познавательных структур // Вопросы психологии. - 1991.- №6. - С. 103 - 108.

103 Чудновский В.Э. Воспитание способностей и формирование личности. - М.: Знание, 1986. - 80 с.

104.Чурилин Н.А. Межпредметные связи как фактор формирования познавательных интересов старшеклассников в учебной деятельности. - JL, 1985,- 133 с.

105. Шадриков В. Д. О содержании понятий способности и одаренность // Психологический журнал. - 1983. - № 5. - С. 14-19.

106. Шадриков В. Д. Психология деятельности и способности человека // Учебное пособие. - М.: Логос, 1996. - 320 с.

107. Шадриков В. Д. Способность в структуре психики \\ Диагностика познавательных способностей. - Ярославль, 1986. - С. 3 – 8.

108. Шамова Т. И. Влияние предварительных действий на формирование познавательной потребности \\ Сб. Формирование духовных потребностей школьников. - Новосибирск, 1966. - С. 98 -102.

109. Шамова Т.И. Проблемный подход в обучении. - Новосибирск, 1969. - 68 с.

110. Шайхов М. Формирование познавательной активности учащихся выпускных классов средней школы в процессе обучения: автор, дисс.... канд. пед. наук. - Душанбе, 1998. - 28 с.

111. Шалин М. И. Формирование познавательного интереса учащихся через организацию домашней работы \\ Сб. Педагогические проблемы формирования познавательных интересов школьников. - Л., 1979. - С. 102 - 107.

112. Шарипов Ф. и Каримова И. Педагогика. - Душанбе: «Ирфон»,

2008. - 283 с.

113 Шукуров Т. А. Дидактическая система активизации познавательной деятельности школьников средствами игры: автор, дисс.... док. пед. наук. - Душанбе, 2002. - 50 с.

114. Шумакова Н.Б. Междисциплинарный подход к обучению одаренных детей // Вопросы психологии. - 1996. - №3. - С. 34 - 37

115. Щебланова Е.И. и др. Идентификация одаренных учащихся как первый этап лонгитюдного исследования развития одаренности. // Вопросы психологии - 1996. -№1.~ С. 111-122.

116. Щукина Г.И. Формирование познавательных интересов учащихся в процессе обучения. - М.: Учпедгиз, 1962. - 230 с.

117. Щукина Г. И. Активизация познавательной деятельности в учебном процессе. - М., 1979. - 159 с.

118. Щукина Г.И. Педагогические проблемы формирования познавательных интересов учащихся. - М., 1988. - 203 с.

119. Щукина Г. И. Проблема познавательного интереса в педагогике. - М.: Педагогика, 1971.-351 с.

120. Юркевич В.С. Развития творческо-познавательных возможностей младшего школьника // Сб. Проблемы способностей в советской психологии. - М., 1984.- С. 76-83.

121. Юркевич В.С. Проблема диагноза и прогноза одаренности в работе практического психолога // Школа здоровья. - 1997 - №1. - С. 59-71.

122. Ясюкова Л. А. Взаимосвязь индивидуально-психологических характеристик в структуре профессиональных способностей // Вопросы психологии. – 1990.-№ 5.-С. 72-81

**Бо забони тоҷикӣ**

123. Афзали Хайрулло. Аз таърихи фалсафаи маорифи точик - Душанбе «Ирфон», 2008. -110 с.

124. Зиёев Т.Н. Масъалахои илмию методологии мазмуни тахсилоти фанхои таъриху чомеашиносӣ - Душанбе: Ирфон, 2008. - 160 с.

125 Зиёев Т.Н. Кунтувдый Н. ва дигарон. Консепсияи маърифати шахрвандӣ. - Душанбе: Виза, 2008.-119 с.

126. Зиёев Т. Н. Барномаи таърихи халки точик. Барой синфхои **5-11** - Душанбе, 2002. - 48 с.

127. Зиёев Т.Н., Меликмуродов Ф., Набиева Р.А., Раҳматҷонов М. Программаи таърихи РСС Точикистон барои мактабҳои миёнаи маълумоти умумӣ // Ахборотномаи Вазорати маорифи Точикистон**.** Душанбе, 1991. - 27 с.

128. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2006. -

129. Консепсии мактаби миллӣ. Душанбе, 1999. -

130 Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон - Душанбе, 2003.

131. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» - Душанбе, 2004.

132 Литвинский Б.А. Таърихи РСС Точикистон // Китоби дарсӣ, барои синфхои 7 - 10. - Душанбе, 1975. - 254 с.

133. Маҳкамов Д. Педагогикаи «Муносибати босалоҳият» дар таълим // (Воситаи роҳнамо дар фаъолияти педагогӣ) - Душанбе, 2021.

134 Маҳкамов Д. Низоми салоҳиятнокӣ дар таҳсилоти ҳамагонӣ ва касбӣ// Дастури методӣ –Душанбе 2018, 114

135. Маҳкамов Д Инноватсия дар таълим // (Воситаи роҳнамо дар фаъолияти педагогӣ) –Душанбе, 2017, 114 с.

136. Набиева Р., Рахматчонов М. Барномаи таърихи халки точик барои синфхои 5 - 9. - Душанбе, 1994. - 47 с.

137. Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

138. Рачабов 3. Ш. Таърихи РСС Точикистон // Китоби дарсӣ, барои синфхои 9-10**.** - Душанбе, 1986. -176 с.

139. Таърихи РСС Точикистон. // Китоби дарсӣ, барои синфхои 9 — 11. — Душанбе, 1963, - 220 с.

140. Хакимов Н. Таърихи халқи точик. // Китоби дарсӣ, барои синфи 10. - Душанбе, 2005. -192 с.

141. Шайхов М. Калиди равнаки зехн. - Душанбе, 2000. - 140

142. Стандарти давлатии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи ҳамагонӣ. – Душанбе, 2015.

143. Стратегияи миллии рушди маорифиҶумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2020.

### Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия:

**а) Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1-М] Маҷидзода, Ҷ. С. Ташаккули салоҳияти иттилоотию маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик / Ҷ. С. Маҷидзода // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. – 2022. – № 2 (38). – С. 151–156. – ISSN 2617-5320.

[2-М] Маҷидзода, Ҷ. С. Густариши ғояҳои миллӣ тавассути таълими босамари фанни таърихи халқи тоҷик / Ҷ. С. Маҷидзода // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомӣ. – 2022. – № 4 (40). – С. 9–14. – ISSN 2617-5320.

[3-М] Маҷидзода, Ҷ. С. Нақши анъанаҳои миллӣ дар эҳёи ҳунарҳои мардумӣ тавассути омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик / Ҷ. С. Маҷидзода // Маҷаллаи илмии «Номаи Донишгоҳ». – 2024. – № 4 (81). – С. 52–56. – ISSN 2077-4990.

[4-М] Маҷидзода, Ҷ. С. Ташаккули салоҳияти таърихии хонандагони синфҳои 10–11-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳамчун мушкилоти педагогӣ / Ҷ. С. Маҷидзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. – № 12. Қисми 11. – С. 282–286. – ISSN 2074-1847.

[5-М] Маҷидзода, Ҷ. С. Ташаккули тавоноии маърифатии хонандагон тавассути омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик / Ҷ. С. Маҷидзода // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – 2024. – № 4 (54). – С. 235–240. – ISSN 2222-9809.

[6-М] Маҷидзода, Ҷ. С.; Маҳкамов, Д. Фаъолияти инноватсионӣ – омили педагогии рушди таҳсилот ва беҳдошти сифати таълими фанни таърихи халқи тоҷик / Д. Маҳкамов, Ҷ. С. Маҷидзода // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомӣ. – 2025. – № 1 (49). – С. 5–10. – ISSN 2617-5320.

**б) Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

[7-М] Маҷидзода, Ҷ. С. Ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ дар раванди таълими таърихи халқи тоҷик: равишҳои муосир ва шароити педагогӣ / Ҷ. С. Маҷидзода // Маводи конфиренсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Навсозии мундариҷаи таҳсилот – омили баландбардории сифати таълим ва тарбия дар замони Истиқлолияти давлатӣ». –Душанбе: 2025. С. 204-212.

[8-М] Маҷидзода, Ҷ. С. Тарбияи ватандӯстӣ ва арзишҳои миллӣ дар раванди таълими таърихи халқи тоҷик / Ҷ. С. Маҷидзода // Маводи конфиренсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Истиқлолияти давлатӣ ва рушди саноати миллӣ: самтҳои асосӣ ва дурнамо» бахшида ба 34-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе: 2025 – С. 80-93.